**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ: 37.03. (575.3)**
**ТКБ 74.100 (2 тоҷик)**
**А-37**

**АЗИЗЗОДА РУХСОРА НАЗИР**

# АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГИИ ОМОДА НАМУДАНИ ПИСАРҲО БА ИҶРОИ ВАЗИФАИ ПАДАРӢ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва**
**ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ**
**(13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б.

**БОХТАР – 2024**

## МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО**.......................................................................................... 3
**МУҚАДДИМА**.......................................................................................... 4-7
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**.................................................... 8-16
**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ВА ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ТАРБИЯИ ПИСАРҲО ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР**.................................................................................... **17-92**
1.1. Масъалаҳои тарбия ва ба ҳаёти оилавӣ, зиндагӣ омода намудани писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик.................................................... 17-34
1.2. Консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик................................................................................................ 35-62
1.3. Омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ................................................................................. 63-90
Хулосаи боби якум...................................................................... 91-92
**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДА НАМУДАНИ ПИСАРҲО БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ ВА ИҶРОИ ВАЗИФАИ ПАДАРӢ**...................... **93-160**
2.1. Заминаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогии шаклдиҳии омодагии ҷавонон ба нақши падарӣ.......................................................... 93-112
2.2. Истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ.............................................................. 113-134
2.3. Ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи писарҳо ва иҷрои вазифаи падарӣ................................................................................ 135-157
Хулосаи боби дуюм........................................................................... 158-160
**ХУЛОСА**
1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия............................................. 161-165
2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.................................. 165-167
**НОМГӮИ АДАБИЁТ**
1. Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда............................................ 168-186
2. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ..... 186-187

## Ихтисораҳо

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**СИ** – Салоҳиятнокии иҷтимоӣ.

**СИА**– семинарҳои илмӣ-амалӣ.

**ККФ** – коэфитсиенти кори фоиданок.

**ФР** – Федератсияи Россия.

## МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Моҳияти тарбия дар ахлоқи насли наврас дар тамоми марҳилаҳои бакамолрасӣ, дар ворид намудани ҷавонон ба фазои фарҳангӣ, кумак дар интихоби бошуурона арзишҳо, бунёди тарҳи мувофиқи рафтор, мақсад ва вазифаҳо барои имрӯз ва оянда мегардад. Синну соли мактабӣ марҳилаи мусоид дар ташаккули шахсияти шаҳрванди ватандӯст ва оиладӯстдор аст, ки ӯ метавонад мустақилона ҳаёти худро мувофиқи манфиатҳои ҷомеа, давлат ва оила ба роҳ монад, ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ, сарвари оила, такягоҳи маънавию моддӣ, махсусан вазифаи падарӣ муҳим ба ҳисоб рафта, диққати махсусро талаб менамояд.

Дар асоси таҳлили маълумоти мавҷуда оид ба хусусияти шароити ташаккул ва амалигардони вазифаю масъулияти падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ метавон маҷмӯи ҷанбаҳои иҷтимоиву психологӣ, психологиву педагогӣ, фарҳангӣ-анъанавии муосирро, ки ба иҷрои нақши падарӣ таъсир мерасонанд, ҷудо намуд. Шароити ташаккули фаъолияти тарбиявии ҷавонписаронро чун падар ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо намудан мумкин аст. Омодагии муайяни психологӣ ба падарӣ ҳолати даркнамоиро ҳамчун имконияти идоракунии фаъолияти тарбиявии худ, пешбинии натиҷаҳои он дар асоси донишҳо, ба таври мувофиқ баҳогузорӣ ва арзишмандии онҳо, инчунин ба дигарон омӯзонидани дониш оид ба амали дуруст ва самаранок тасниф намудан мумкин аст.

Таҳлили назариявии психологияи падарӣ нишон медиҳад, ки вазифаи асосии падар таъмини сатҳи зарурии рушди иҷтимоии кӯдак, бунёди шароит барои он иҷтимоигардони бомуваффақи фарзандон ба ҳисоб меравад. Чунин фаҳмиш тамоми раванди ҳамкориҳои тарбиявии падар ва кӯдакро ба дарки ягонаи натиҷаи он, махсусан ба рушди иҷтимоии кӯдак наздик менамояд.

Ба тарбияи писарон ҳамчун падарони оянда омилҳои мухталиф ба монанди муҳити иҷтимоӣ, тарбияи оилавӣ, таҳсил дар муассисаҳои

таълимии томактабӣ, корҳои тарбиявӣ-таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, одобу анъанаҳои миллию хонаводагӣ таъсири амиқ мерасонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои зикргардида тасаввуроти писаронро оид ба нақши падарӣ таҳриф менамоянд. Чунин таъсиррасонӣ дар ҳолати мавҷуд будани нуқсонҳо дар тарбияи оилавӣ, камбудӣ ва дигар саҳву хатоҳо дар тарбияи нақшофаринии ҷинсӣ дар массисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мушоҳида карда мешавад.

Нуқсонҳои тарбияи оилавӣ аз сатҳи пасти рушди шахсӣ ва умумифарҳангии волидайн, махсусан падар, камсаводии педагогӣ ва равонии онҳо, нопуррагии сохтори оила, фазои носолими оилавӣ ва номуташаккилии ҳаёти оилавӣ бармеояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавҷуд набудани ҳамкориҳои судманд ва самараноки нерӯҳои тарбияткунанда, сатҳи пасти рушди соҳаи донишҳо оид ба ташкил намудани ҳаёти оилавӣ, фарҳанги муносибатҳои оилавӣ, шакл ва методҳои корҳои махсуси тарбиявӣ-таълимӣ бо писарон ҳамчун падарони оянда ба камбудӣ ва саҳву хатоиҳои сершумор оварда мерасонанд. Тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқи он хусусияти илмӣ ва амалӣ дошта, саривақтӣ ба ҳисоб бошад.

Бояд тазаккур дод, то ба имрӯз дар ҷодаи тарбия миқдори муайяни корҳои назариявӣ ва эмпирикӣ таълиф шудаанд, ки ба дақиқ намудани моҳият ва хусусиятҳои тарбияи кӯдакон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ равона шудаанд. Вале дар шароити имрӯза хусусияти раванди тарбияи писарон, тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ тақозо менамояд, ки ин масъала ба тариқи нав баррасӣ карда шавад. Барои ҳамин ҳам, мо мавзӯи **«Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ»**-ро ба ҳайси унвони кори тадқиқотии хеш интихоб намудем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар шароити имрӯза масъалаи

иҷтимоигардии гендерӣ, ин раванди азхудкунии нақшҳои гендерӣ аз тарафи писарон ва духтарон, дар ҷомеа дарёфту тасдиқгардонии мавқеи иҷтимоии онҳо муҳим ба ҳисоб меравад. Ба масъалаи мазкур таҳқиқотҳои сершумори равоншиносони мухталифи хориҷию ватанӣ бахшида шудаанд. Дар ин самт метавон таҳлили классикии равонии Зигмунд Фрейд, А. Фрейд, К. Хорни, Ш.М. Берн, равоншиносони рус Л.С. Виготский П.П. Блонский, И.С. Кон, Я.Л. Коломински,С.В. Мелков ва дигаронро махсусан қайд намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи саҳми ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули сифату хусусиятҳои ҷинсӣ-психологии занону мардон аз тарафи ҷараёнҳои илмӣ ба таври мухталиф баҳогузорӣ карда мешавад, ки мо онро зиёдтар дар таҳлили равонии Э.Х. Эриксон ва назарияи маърифатии М.И. Дьяченко мебинем. Онҳо бартарии ҷанбаи биологиро аз ҷанбаи иҷтимоӣ, бартарии ҷанбаи модарзодиро аз ҷанбаи азхудкардашударо зиёдтар эътироф мекунанд. Дар равияи бихевиоризм, доираи назарияи омӯзиши иҷтимоии А.Э. Измайлов ва равоншиносони муосири рус И.С. Кон, К. Джеклин, И.С. Келцина ва дигарон бартарии ҷанбаи иҷтимоиро аз ҷанбаи биологӣ эътироф намудаанд.

Дар шароити имрӯза дар миқдори зиёди таҳқиқотҳои олимон андешаҳое мавҷуданд, ки ба ташаккули арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии насли наврас алоқаманд мебошанд. Ин масъала дар таҳқиқотҳои М.В. Богуславский, Н.Е. Шуркова, Қ.С. Абдураҳимзода, М. Лутфуллозода, Н.Д. Никандров, Л.И. Маленкова ва дигарон коркард шудааст. Дар ин таҳқиқотҳо зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои миллӣ дар интихоби самтгириҳои арзишии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар тарбияи хонандагон нишон дода шудааст.

Масъалаи муносибатҳои волидайн ва фарзандон аз тарафи олимон дар тамоми марҳилаҳои рушди психология ва педагогика мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар доираи психология ба ин масъала таҳқиқотҳои В.Н. Дружинин, И.В. Дубровина, Э.Г. Эйднмиллер ва дигарон бахшида

шудааст. Дар ин таҳқиқотҳо қайд карда мешавад, ки надонистани метод ва услубҳои тарбия аз тарафи аксарияти волидайн боиси пайдо гардидани зиддияту махолифатҳо дар муносибати байни волидайн ва фарзандон мегардад.

Масъалаи оила ва никоҳ, тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар корҳои таҳқиқотчиён, ба монанди А.Я. Варга, Д. Дюи, С.В. Ковалев, С. Исаев ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин таҳқиқотҳо қайд карда шудааст, ки ноустувории оилаҳои муосир, аз бисёр ҷанба бо он муайян карда мешавад, ки ҷавонон масъалаҳои оилаву оиладариро хуб дарк накардаанд ва дар ҷавонон эҳтироми воқеӣ нисбат ба ниҳоди оила тарбия карда намешавад.

Олимони тоҷик, аз ҷумла З.Р. Орифова «Проблемаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи кӯдакони синни томактабӣ дар оилаи нопурра» (2017), И.Х. Каримова «Асосхои назариявии тарбияи инсонпарварии хонандагон дар мактабҳои тоҷикӣ» (2000), М. Лутфуллозода «Эҳёи педагогикаи аҷам» (1997), Х. Афзалов «Антологияи афкори педагогии халқи тоҷик» (2009), Ф. Гулмадов «Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол» (2014), Ф. Шарифзода «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон» (2012), Б. Маҷидова «Роҳкорҳои навин дар таҳқиқи мероси педагогӣ» (2018), ва дигарон дар тадқиқотҳои хеш паҳлӯҳои мубрами тарбияи оилавӣ, муносибати тарафайни волидайн ва фарзандонро мавриди тадқиқ қарор додаанд. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза, ба таври алоҳида оид ба масъалаи тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона, иҷрои нақши иҷтимоии падарӣ таҳқиқоти алоҳидаи маҷмӯавӣ гузаронида нашудааст, ки боиси интихоб намудани мавзӯи мазкур гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Дар асоси таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ, омӯзиши таҷрибаи мактабҳои олӣ, дарёфт намудани усули бартараф намудани номувофиқиҳо проблемаи таҳқиқот, муайян кардани шартҳои педагогии раванди

пурсамар гардонидани фаъолияти таълимӣ-маърифатии писарон.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии факултети педагогика ва варзиш кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» барои солҳои 2020-2025 анҷом дода шудааст (ҷаласаи шурои олимони донишгоҳ аз 24.06.2019, №11). (Рақами қайди давлатӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №193/012 з/и аз 24.01.2024).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқоти** мазкур пешниҳоди консепсияи мукаммали (аз ҷиҳати назариявӣ) таҳиякардашуда, ки он ба коркарди асосҳои иҷтимоиву педагогии тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ дар ҷомеа ва такмили раванди тарбияи писарон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар асоси мақсад иҷроиши вазифаҳои зерин ба роҳ монда шудааст:

- омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои мухталифи донишҳои назариявӣ дар самти тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик;
- омӯзиш ва ташхиси ҷанбаҳои гуногуни тарбияи писарон, тайёр намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ, ҳаёти мустақилона ва иҷрои вазифаи падарӣ дар педагогикаи муосир;
- омӯзиш ва баҳогузории омилҳои иҷтимоӣ-педагогии тайёр намудани писарон ба ҳаёти оилавӣ ва иҷрои вазифаи падарӣ;
- омӯзиш ва исбот намудани зарурати истифодаи арзишҳои маънавӣ дар раванди тарбияи писарбачаҳо ва тайёр кардани онҳо ба вазифаи падарӣ;
- омӯзиш, баҳогузорӣ ва таҳлили методҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила дар тарбияи писарҳо ва тайёрнамоии онҳо ба иҷро намудани нақши падарӣ дар ҳаёти мустақилона;
- ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ дар самти муайянсозии

шароитҳои педагогии тарбияи писарбаччаҳо ва тайёркунии онҳо ба ичрои вазифаи падарӣ;

– натиҷагирӣ аз кори озмиошӣ-таҷрибавӣ ва коркарду таҳияи тавсияҳо дар самти тарбиякунии писарон ва тайёр кардан ба ҳаёти мустақилионаи оилавӣ.

**Объекти таҳқиқот** раванди тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба ичрои вазифаи падарӣ ва тарбияи фарзанд ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Назария ва амалияи тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ дар оила ва муассисаи таҳсилоти умумии муосир самаранок мегардад, агар:

– асосҳои назариявӣ-методии мазмун, мундариҷа ва методҳои тарбияи писарон муайян карда шавад;
– имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии раванди тарбия дар асоси инкишофи салоҳияти писарон дар раванди кори тарбиявӣ таъмин гарданд;
– асосҳои иҷтимоиву педагогии тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона ошкор карда шаванд;
– технологияи психологиву педагогии тарбияи писарон коркард ва амалӣ шуда бошад;
– технологияи асосии амалӣ гардидани раванди тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ дақиқ шуда ва амалӣ бошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили адабиёти вобаста ба ташкилу натиҷагирӣ аз таҳқиқоти назариявӣ. мавзуъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқотӣ (солҳои 2019-2024) дар се марҳила ичро гаридааст:

– *марҳилаи аввал* (солҳои 2019-2020) давраи ҷустуҷӯӣ-назариявӣ:

ҷамъоварии мавод, омӯзиши таҷрибаи психологӣ-педагогӣ, асоснокнамоии мубрамияти мавзуи таҳқиқот, муайян намудани фарзия ва консепсияи илмӣ.

– *марҳилаи дуюм* (солҳои 2021-2022) давраи таҷрибавӣ-озмоишӣ: гузаронидани корҳои озмоишӣ, муайян намудани хулоса ва тавсияҳои пешакӣ, чопи натиҷаҳо дар шакли мақолаҳо;
– *марҳилаи сеюм* (солҳои 2023-2024) давраи ҷамъбастӣ: хулоса ва пешниҳодҳо дақиқ гардонида шуда, натиҷаҳои бадастомада дар қолаби рисола, яъне диссертатсияи номзадӣ, ба анҷом расонида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкур дар доираи педагогикаи муосир аз назарияи фарҳангӣ-таърихии рушди шахсият, ки бартарии рушди иҷтимоиро аз рушди биологӣ дар рушди иҷтимоии инсон эътироф менамояд (Л.С. Виготскийй, А.Н. Леонтев, А.Р. Лурия); ғояҳои тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик, табиати иҷтимоӣ-бунёдкоронаи донишҳои инсонӣ оид ба шомилияти ҷинсӣ иборат мебошад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** ғояҳои сотсиологҳо, равоншиносон ва педагогҳо оид ба ҳуввияти ҷинсӣ ҳамчун сохтори базавии шахсият дар тамоми марҳилаҳои инкишоф; оид ба доимияти раванди бунёдкорӣ ва фаъолияти ҷинсӣ аз тарафи ҳар як фард дар тули тамоми ҳаёт; оид ба табиати муносибати кӯдак ва ҷомеа дар раванди иҷтимоигардии ҷинсӣ; таълимот оид ба андрогиния ҳамчун шароити рушди самаранок ва худамалинамоии шахсият (С. Бем); антропологияи педагогӣ ҳамчун базаи фалсафии тарбия (Б.М. Бимбад); рушди соҳаи маънавӣ-ахлоқии шахсият; ғояҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар илми педагогика; заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф; арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва педагогӣ-психологии халқи тоҷик дар раванди тарбия ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаи маълумот** заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф, таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ,

луғатҳои соҳавии педагогӣ, нашрияҳои мухталиф, монографияҳо, воситаҳои таълимӣ оид ба мавзуи таҳқиқот ба ҳисоб меравaнд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқот бо мақсади амалӣ гардонидани вазифаҳои гузошташуда ва санҷиши фарзияҳои илмӣ маҷмуи методҳои таҳқиқотии зерин мавриди истифода қарор дода шудаанд: омӯхтани адабиёт оид ба мавзуи тадқиқ, навъбандӣ, муқоиса, ҷамъбастнамоӣ, банизомдарорӣ, тарҳҳрезии масъалаҳои тарбияи писарон; таҳлили натиҷаи фаъолияти педагогӣ, мушоҳида, суҳбат, саволномаҳо; омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти кори тарбиявӣ: кори санҷишӣ-таҷрибавӣ**,** методҳои оморики математикӣ.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ноҳияи Кӯшониён, №8-и ноҳияи Вахш, №6, №9-и шаҳри Бохтар ташкил доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– масъалаҳои мухталифи тарбияи писарон ба ҳаёти оилавӣ ва омода намудани онҳо дар педагогикаи муосир ба таври маҷмуавӣ баррасӣ гардида, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳи тарбияи писарон дар он ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода шудаанд;

– ба таври маҷмуавӣ афкори мутафаккирони тоҷику форс дар доираи педагогикаи халқи тоҷик доир ба тарбияи писарҳо мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор дода шуда, нақши онҳо дар тарбияи писарон ошкор карда шудааст;

– омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарон ба ҳаёти мустақилона ва иҷрои вазифаи падарӣ дар оила ба таври умумӣ таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, ба таври маҷмӯавӣ проблема ва монеаҳои ҷойдошта муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо мавриди ҷобагузорӣ ва таҳлил гардиданд;

– заминаҳои психологӣ-педагогии тарбия ва омодагии писарон ба

нақши падарӣ дар шароити муосир ошкор гардида, ҳолатҳои самаранок гардидани чунин тарбия ва омоданамоӣ бо таҳлилҳои мушаххас муайян карда шудаанд;

– истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарон ба таври маҷмуавӣ омӯхта шуда, нақши онҳо дар ин раванд бо таҳлилҳои мушаххас ошкор карда шудааст;

– ҳамкориҳои оила ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар тарбияи писарҳо баҳогузорӣ карда шуда, зарурати чунин ҳамкорӣ дар самаранок гардидани раванди тарбияи писарон ошкор ва пешниҳод гардидааст..

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Тарбияи писарон ва ба тарбияи фарзанду ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир шуморида мешавад, ки таваҷҷуҳи хоссаро талаб менамояд. Дар ҷомеа қолабҳову меъёрҳои ташаккулёфта дар иҷтимоигардӣ нақши калидӣ доранд. Ташаккулёбии онҳо тариқи иҷро гардидани нақшҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа ташаккул мeёбанд ва ҳамчун намунаи рафтори инфирод ба ҳисоб меравaнд. Дар чунин қолаб ва меъёрҳо ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ мувофиқ гардидаанд. Оид ба тайёрии писарон ба муносибатҳои оилавӣ муаллифон мавқеи ягона надоранд, ки боиси ташаккули ақида ва мавқеҳои муайян шуда тавонад. Барои муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои тайёрии писарон ба ҳаёти оилавӣ зарур аст, ки ин муносибатҳо нисбат ба омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

2. Заминаҳои аввалини консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик аз эҷодиёти шифоҳӣ, мероси классикони адабиёти тоҷику форс сарчашма мегиранд. Дар эҷодиёти шифоҳӣ ва адабиёти классикии тоҷику форс оид ба парвариши насли ҷавон фикрҳои беназир ва ҷолиби диққат баён шудааст. Дар педагогикаи миллӣ зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ бевосита аз таҷрибаи ҳаётии мардум

гирифта шуда, барои тарбияи хусусиятҳои миллӣ равона гардидааст, зеро онҳо қариб тамоми рӯзгори моддӣ, ҳаёти маънавии мардумро фаро гирифтаанд. Илова бар ин, мутафаккирони тоҷику форс, афкори беназири тарбиявиро пешниҳод намудаанд, ки он чун асоси методологӣ дар педагогикаи халқӣ таҷрибаи тарбиявии мардумро дар бар гирифтааст.

3. Писарон, мардони оянда ба падарӣ тайёр шуда, дар доираи баъзе масъалаҳо ва ҳалли онҳо таҷрибаи худро дар муносибат бо падар ба ёд меоранд ва саъйу кӯшиш менамоянд, ки чунин таҷрибаро дар бароҳмонии муносибатҳо ё ҳалли масъалаҳои мавҷудо бо фарзанди худ мавриди истифода қарор диҳанд. Омили асосӣ ва таъсири тарбия, дар чунин ҳолат, албатта, таҷрибаи волидайн ва умуман, тамоми ҷомеа мебошад. Баҳогузории иҷтимоӣ дар чунин ҳолат асос ё нишондиҳандаи муайяни баҳодиҳӣ ба худ шуморида мешавад, зеро қолабҳои иҷтимоӣ ба ташаккули образҳои «Ман-идеалӣ» таъсир мерасонанд.

4. Ҳаёти маънавии ҳар як миллату халқият ва ояндаи онҳо, пеш аз ҳама, аз сатҳи маълумотнокии ҷавонон вобаста аст. Тарбия фаъолияти маънавӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Самтгирии арзишии он як навъ зуҳуроти ҷаҳонбинии шахсият ва муайян намудани самтгирии маънавӣ ба ҳисоб меравад. Ба арзишҳои маънавӣ метавон арзишҳои гуманистӣ, зебоипарастӣ, экологӣ, инчунин маърифат, худтакмилдиҳӣ ва худамалинамоии шахсиятро дохил намуд. Дар доираи арзишҳои оилавӣ метавон оид ба арзишҳои анъанавии оилавӣ – падариву модарӣ, кӯдакӣ, хешутаборӣ, тарбияи меҳнатӣ, урфу одатҳо сухан ронд. Ташхиси педагогӣ унсури зарурӣ дар раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ ба ҳисоб меравад.

5. Тарбияи волидайни оянда, бахусус писарон, на танҳо ҷанбаи муҳими рушди фарзандон ва оилаҳо, балки тамоми ҷомеа ба ҳисоб меравад. Омодагӣ ба волидайнӣ, бахусус падарӣ, бояд ҷузъи муҳими сиёсати

иҷтимоӣ бошад, зеро бисёре аз мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили майзадагӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ ва бемориҳои рӯҳӣ аз мушкилоти оилавӣ сарчашма мегиранд. Сифат ва самаранокии тарбияи оилавӣ, аз бисёр ҷиҳат, аз сатҳи ҳамкории волидайн бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки проблемаи тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба иҷрои нақши падарӣ ва ҳаёти мустақилона дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқи махсуси маҷмуавӣ қарор дода шудааст. Мазмуну мундариҷаи тарбияи писарон ошкор ва моҳияту хусусиятҳои он шарҳ дода шудааст. Ҳолатҳое дар кор асоснок карда шудаанд, ки дар тарбияи писарон заруру мақсаднок буда, натиҷаи он ба сифати ҳаёти мустақилонаи ояндаи онҳо низ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои онро метавон ҳамчун васоити методӣ барои тарбияи писарон ва инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ ба сифати маводи иловагӣ дар омӯзиши фанҳои блоки психологӣ-педагогӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дар рисола тавсияҳои методӣ оид ба тарбияи писарон ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳои мавҷудаи тарбияи писарон коркард шудаанд, ки дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва низоми таҳсилоти иловагӣ истифода гардиданашон ба манфиати кор мебуд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии** диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

- *банди 1.* Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо;
- *банди 2.* Амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ-педагоӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

– *банди 4.* Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ);
– *банди 5.* Меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ифода гардида он маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2019-2024) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогика ва психология, конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима карда шудааст. Роҷеъ ба кори таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Таҳқиқотҳои педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир» (Душанбе, 2023), «XX1 глобалные науки и инновации 2023: Центральная Азия», (Астана, Казахстан, 2023), «Science. Education. Practice», (Delhi, India, 2023), «Масъалаҳои мубрами сармоягузории давлатӣ ва муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон оид ба сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод ва сохтори давлатдории имрӯза», «Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ-психологии омӯзгор» (Кӯлоб, 2023), «Мавлоно ва ҷаҳони муосир» (Бохтар, 2023) маълумотҳои илмӣ баррасӣ ва тибқи онҳо мақолаҳо ба нашр расонида карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 9 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва

5-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 187 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 10 расму диаграмма ва 7 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 185 номгӯӣ аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ВА ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ПИСАРҲО ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

## 1.1. Масъалаҳои тарбиявӣ ва ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарҳо дар педагогикаи муосир

Масъалаи тарбия дар ҳама давру замонҳо дар маркази диққати мутафаккирон ва таҳқиқотчиён қарор дошт, ки шаҳодати муҳим ва аҳамиятнок будани он аст. Дар педагогикаи муосир масъала ва ҷанбаҳои мухталифи тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шуда, нисбати ин масъала афкори муайяни педагогӣ ташаккул ёфтааст.

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими педагогика – масъалаи тарбияи писарон ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз тафовут ва монандии тарбия ва таълими писарону духтарон дар доираи педагогикаи гендерӣ ба роҳ монда шудааст.

Аввало, он дар раванди иҷтимоигардӣ, яъне азхуднамоии маҳорату малакаҳои зиндагӣ дар ҷомеа ва қабули муқаррарот, ки бо иҷрои нақшҳои гендерӣ алоқаманд мебошанд, амалӣ мегардад. Сониян, ба калонсолон тақлид намуда, кӯдак интихоби нақшҳо ва тарҳҳои рафтори имконпазирро интихоб менамояд, ки ба ҷинси ӯ мувофиқ аст. Охирон, иттилооти навро кӯдак тариқи нақши гендерӣ аз худ менамояд, ки дар тасаввуроти фарҳангӣ оид ба нақши занон ва мардон дар ҷомеа бунёд гардидаанд [2-М].

Дар шароити муосир ҷомеа дар самти баробарҳуқуқии зану мард талош мекунад, аз ин рӯ, дар раванди таълимӣ ҷудонамоӣ дар асоси ҷинсият муқаррар нагардидааст. Лекин, ба ин нигоҳ накарда, фарқияти рафтори писарон ва духтарон дар раванди таълиму тарбия эътироф карда шудааст. Таҳсилот то ҳол зери таъсири тасаввуроти анъанавии таълими ягона барои писарон ва духтарон қарор дорад ва ҳадди аққал баъзе шаклҳои таълим ба таври ҷудогона пешниҳод карда мешаванд.

Тадқиқот дар соҳаи ҷанбаҳои гендерӣ дар педагогика ҳанӯз як соҳаи нисбатан нави илмӣ буда, рушди минбаъдаро тақозо мекунад. Масъалаи

тарбияи писарон ва духтарон дар таҳқиқоти мухталиф омӯхта шудааст, аммо масъалаи хусусият ва фарқияти таълим ва тарбияи онҳо ҳанӯз пурра ва ҳамҷониба таҳқиқ нашудаанд. Зеро дар шароити имрӯза, аксарияти олимон ва педагогҳои ботаҷриба оид ба педагогикаи *«беҷинс»* сухан меронанд [151, С. 23].

Дар педагогикаи муосир оид ба масъалаи мазкур таҳқиқоти алоҳида гузаронида шуда, дар онҳо хулосаҳои асоснокшудаи илмӣ пешниҳод карда шудаанд, лекин таҳлилу ташхиси маҷмӯавӣ ва ҳаматарафаи масъала имрӯз низ ба итмом нарасидааст. Ҳалли масъалаи мазкур ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва мутобиқ кардани онҳо дар ҷараёни таълимро на танҳо дар педагогика, балки дар психология, фалсафа, сотсиология ва тиб тақозо менамояд [5-М].

Дар асоси ҷанбаҳои зикргардида метавон хулосабарорӣ намуд, ки дар шароити имрӯза ташаккули педагогикаи гендерӣ идома дорад, ки вазифаи он аз омӯзиш ва таҳқиқи шаротҳои педагогӣ иборат аст ва он ба татбиқи самараноки имкониятҳои насли наврас дар раванди таълиму тарбия равона карда шудааст. Дар раванди таълим омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон нақшҳо ва мавқеъҳоро мувофиқ ба ҷинс ифода менамоянд.

Таҳқиқи масъалаҳои педагогикаи гендерӣ ба таҷдиди назари амалияи педагогӣ, иҷтимоигардии насли наврас дар асоси ҷинс мусоидат менамояд, ки боиси пайдоиши фаҳмиши нави мафҳумҳо, самтҳо ва ҷанбаҳои нави рушди педагогика оварда мерасонад.

Чунин мешуморем, ки ба хотири мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона, раванди иҷтимоигардии писарон, сараввал зарур аст, ки педагогикаи гендерӣ ҳамчун самти нави донишҳои педагогӣ омӯхта шавад. Барои ошкор намудани моҳият ва хусусиятҳои педагогикаи гендерӣ зарур мешуморем, ки мафҳуми *«гендер»* мавриди таснифоти илмӣ қарор дода шавад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар таснифоти мафҳуми

*«гендер»* мавқеи ягона вуҷуд надорад. Дар фаҳми гнесеологӣ мафҳуми *«гендер»* аз решаи юнонии *«геноси»* – (баромад) гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ бо калимаи *«гендер»* зиёдтар қобили қабул дониста шудааст. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми *«гендер»* ҳамчун *«ҷинс, ҷинсият (мард ва зан)»* тасниф карда шудааст [97, С. 44]. Калимаи ҷинс дар забони тоҷикӣ дар якчанд маъно истифода карда мешавад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми «ҷинс» чунин маънидод карда шудааст:

а) навъ, хел, гунаи чизҳо, ки боз хелҳои дигар дошта бошад;

б) зот, насл;

в) мол, матоъ, чизи фурӯхтанӣ;

г) ҷинсият, тааллуқ доштан ба навъи мардона ё занона [134, С. 221-245].

Таҳлили таҳқиқоти гендерӣ нишон медиҳад, ки дар муайяннамоии мафҳуми *«гендер»* муносибатҳои мухталиф истифода шудаанд. Илова бар ин, дар таҳқиқоти нисбатан васеъ масъалаи ташаккул ва инкишофи мафҳуми *«гендер»* баррасӣ шудааст.

Бо мафҳуми *«гендер»* ҷинс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ифода карда мешавад. Он ҳамчун категорияи алоҳида баромад намуда, мансубиятро ба синф ё гурӯҳ ифода менамояд [5-М]. Гендер ҳамчун сохтори алоҳидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ баромад менамояд, ки дар тафовутҳо дар рафтор, ҷанбаҳои психологӣ, нақшҳо ва эҳсосоти занону мардон ифода мегардад. Он низоми муносибатҳои иҷтимоии занон ва мардон мебошад, ки дар ҳамкории байни ҷинсҳо дар оила муйян мегардад ва дар муносибатҳои иҷтимоии онҳо дар ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Гендер муносибати байни ҷинсҳо дар сохторҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла масъалаҳои мавқеи зан дар ҷомеа ва ҳувияти гендерӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки гендер падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ буда, барои ифода намудани ҷинс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, хусусиятҳои фарққунандаи фикрронӣ ва эҳсосотии байни мард ва зан, муташаккилии муносибатҳои байни мард ва занро дар бар мегирад.

Дар ҳолати ошкор намудани мақсаднокии истифодаи мафҳуми

мазкур, метавон онро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ки раванди иҷтимоигардии инфиродро таҷассум менамояд, баррасӣ намуд. Дар ин самт истифодаи мафҳуми *«гендер»* ҳамчун воситаи асосии идора намудани раванди таълиму тарбия муҳим мегардад, ки онро дар асоснокнамоии гендерӣ муайян менамояд.

Дар сотсиология мафҳуми *«гендер»* ҳамчун яке аз категорияҳои асосии таҳлили ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври мунтазам коркард карда мешавад. Дар он мазмуну мундариҷаи мафҳуми *«гендер»* ғояи эҷоднамоӣ ё бунёди иҷтимоии ҳар як ҷинс таҷассум мегардад. Ҳамин тариқ, гендер дар асоси амалияи иҷтимоӣ шакл мегирад, ки дар он меъёр ва намунаҳои рафтор дар ҷомеа пайдо мешаванд, ки иҷрои нақшҳои муайяни гендериро муайян мекунанд. Дар натиҷа чунин андеша ташаккул меёбад, ки дар ҷомеаи муайян рафтори *«зан»* ва *«мард»* вуҷуд дорад ва онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми *«гендер»* дар консепсияҳои муосири педагогӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ тасниф карда мешавад. Бо мафҳуми мазкур, асосан иҷтимоигардии шахс ифода карда мешавад, ки аз унсурҳои мухталиф иборат аст (расми 1).




**Расми 1. – Амсилаи унсурҳои муҳими равандҳои иҷтимоигардӣ**

Қолабҳо тасаввуроти пешакӣ мебошанд, ки идоракунии тамоми раванди идрокро таъмин менамоянд. Намунаҳо метавонанд ҳамчун роҳнамо хизмат кунанд: одамон на танҳо намунаҳоро эътироф мекунанд, балки бо риояи онҳо саъйу кӯшиш намоянд, то ба дигарон фаҳмо бошад. Намунаҳои меросӣ аз насл ба насл интиқол ёфта, қобилияти дарки ҷаҳон, робита бо табиат ва муошират бо дигаронро ташаккул медиҳанд, ки ба рӯйдодҳои минбаъда таъсири амиқ мерасонанд.

Қолабҳои нақшофаринии ҷинсӣ ин тасаввуроти умумии ташаккулёфта дар фарҳанг оид ба тарзи рафтори воқеии занон ва мардон аст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қонуниятҳои ташаккули нақшҳои ҷинсӣ, ки шахс аз худ менамояд, омилҳои муайянкунандаи тарҳи рафтор мегарданд ва инчунин худбаҳодиҳии шахсӣ бо ин қонуният алоқаманд мегардад.

Ҷинс, аз нуқтаи назари биологӣ, тарҳҳои рафтори инфиродро муайян менамояд, лекин, муносибатҳои мавҷуда дар ҷомеа ӯро водор менамоянд, ки ба маҷмӯи меъёрҳо, қоидаҳо ва нақшҳои мавҷуда мутобиқ гардад. Дар чунин ҳолат, омилҳои ҳавасмандӣ ба рафтори шахс ва танзими он таъсир мерасонад, то ба афкори фарҳангии мавҷуда оид ба занон ва мардон, ки дар асоси иҷрои нақшҳои гендерӣ ташаккул ёфтаанд, мувофиқ бошад. Аз ин хотир, хонандагонро зарур аст, ки чунин ҳанӯз дар зинаи МТМУ мутобиқшавиро ба меъёрҳо, қолабҳо ва нақшҳои гендерӣ омӯзанд. Маҳз таъсири меъёр ва қоидаҳои иҷтимоӣ, анъанаҳои мавҷудаи фарҳангӣ ба шуур ва ҷаҳонбинии инфирод ба ташаккули ақида, рафтор ва тарзи зиндагӣ мусоидат менамоянд.

Дар ин радиф, албатта масъалаи фарқияти байни қолаби нақшофаринии ҷинсӣ аз қолаби гендерӣ пайдо мешавад. Нисбати ин масъала метавон қайд намуд, ки агар қолаби нақшофаринии ҷинсӣ ҷудонамоии дақиқи амал ва рафторро барои мардон ва занон пешниҳод намояд, пас дар доираи қолаби гендерӣ имконияти мардон ва занон ба инобат гирифта мешавад ва иҷрои нақши иҷтимоӣ ба ҳамон нафар пешниҳод карда мешавад, ки имконият ва қобилияти мувофиқи иҷрои чунин нақшро дошта бошад. Қолаби гендерӣ маҳдудияти амалинамоии неруи шахсиятро аз байн мебарад.

Ҷудо намудани амал ва рафтор мувофиқи ҷинс шахсиятро дар имкониятҳои инкишоф маҳдуд менамояд. Мумкин аст, ки чунин муносибат дар марҳилаи муайяни таърихи зарурӣ ба ҳисоб мерафт [45, С. 221].

Ҷудо намудани нақшҳои гендерӣ имконият медиҳад, ки асосҳо ва заминаҳои иҷроиши меъёр ва қоидаҳои мавҷуда бунёд гарданд. Аммо, зери

таъсири омилҳои гуногун ҷомеа, қувваи инсонӣ, мазмуну мундариҷаи нақшҳои иҷтимоӣ дигаргун мешаванд ва тақсими одии нақшҳои занона ва мардона дар инкишофи шахсият монеа бунёд карда, суръати рушдро маҳдуд мегардонад. Дар шароити муосир як қатор касбҳо ташаккул ёфтаанд, ки бо имконияти инсон алоқаманд мебошанд. Ҳар як инфирод ба ҷаҳони иҷтимоӣ ворид гардида, мувофиқ ба имкониятҳои худ маҷмӯи муайяни қолабҳои рафторрро дар иҷрои нақшҳои гендерӣ интихоб менамояд. Интихоб накардани қолабҳои ташаккулёфта метавонад боиси пайдо гардидани миқдори зиёди мушкилотҳо дар ҳаёти инсон гардад.

**Нақшҳои гендерӣ** – ин маҷмӯи тарҳҳои муқаррарии рафтор барои ҳар як ҷинс мебошад. Дар асоси иҷрои нақшҳои гендерӣ дар ҷомеа як қатор қолабҳои гендерӣ ташаккул меёбанд. Ҳар як инсон саъйу кӯшиш менамояд, ки дар иҷрои нақшҳои гендерӣ ба меъёр ва қоидаҳои мавҷуда мувофиқ бошад ва дастгирии муҳитро касб намояд.

**Ҳуввияти гендерӣ** – ин мавофиқати рафтори инфирод ба нақшҳои гендерии мавҷуда аст, ки дар асоси таъсири омилҳои мухталиф дар шуури ӯ ташаккул ёфтааст. Дар ин самт тағйироти муайян дар мутобиқати биологӣ ва иҷтимоии шахс пайдо мегардад. Ҳар як инфирод кӯшиш менамояд, ки ба меъёрҳои мавҷудаи гендерӣ мувофиқ бошад, дар акси ҳол афкори одамон нисбат ба ӯ маънои манфӣ пайдо мекунанд. Дар ҳолате, ки нафаре намехоҳад меъёрҳои мавҷударо қабул ва амалӣ созад, дар ҷомеа эътироф карда намешавад [112, С. 253].

Ҳуввияти гендерӣ дар доираи низоми гендерӣ бомуваффақият амалӣ мегардад. Низоми гендерӣ ин тарзи ташкили фарҳанги гендерӣ мебошад, ки дар меъёрҳо, дастурҳо, қоидаҳо ва анъанаҳо асос ёфтааст. Гурӯҳ ё коллективи алоҳида ҳамчун намунаи алоҳидаи низоми гендерӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, ба он нигоҳ накарда, ки дар як қатор оилаҳои муосир ҷудо намудани дақиқи нақшҳои иҷтимоӣ вуҷуд надорад, оила як низоми алоҳидаи ташаккул ва икишофи нақшҳои гендерӣ ба ҳисоб меравад.

**Фарҳанги гендерӣ** маҷмӯи қолабҳои рафтор аст, ки аз ҷониби ҷомеа тавлид шуда, дар шуури фард мустаҳкам гардидааст ва зуҳуроти ҷанбаҳои фарҳангӣ дар соҳаи ҳувияти ҷинсӣ ба ҳисоб меравад, ки мутобиқати меъёрҳои фарҳангии зану мардро муайян мекунад [47].

Дар асоси ҷанбаҳои зикргардида метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки педагогикаи гендерӣ яке аз соҳаҳои нав дар педагогика мебошад, ки масъалаҳои мухталифи таълиму тарбияи писарон ва духтаронро дар алоҳидагӣ меомӯзад.

Дар доираи педагогикаи гендерӣ таҳлили меъёрҳо, муқаррарот, таассуб ва табъиз, ташаккул ва инкишофи нақшҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ омӯхта мешаванд. Ҳамин тариқ, дар консепсияҳои педагогӣ дар доираи иҷтимоигардии инфирод қолабҳо ва муқаррароти гендерӣ ташаккул меёбанд, ки бо иҷроиши нақшҳои гуногун ташаккул меёбад ва меъёрҳои мухталифи рафторро дар асоси тағйирёбии мутобиқати биологӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод менамояд.

Дар асоси таҳлили андешаҳои зикргардида чунин консепсияи рушти таҳқиқотҳои гендерӣ дар педагогикаи муосирро пешниҳод намудан мумкин аст.




**Расми 2. – Ду амсилаи консепсияи рушди таҳқиқотҳои гендерӣ дар педагогикаи муосир**

Хусусиятҳои раванди таълиму тарбия дар назарияҳои иҷтимоии мавҷудаи гендерӣ мавқеи хосса доранд. Метавон ҷанбаҳои зерин, аз қабили қолабҳои нақшофаринӣ, қолабҳои ҷинсӣ, нақшҳои гендерӣ, ҳуввияти гендерӣ ва низоми гендерирпо ба таври махсус таъкид намуд. Воситаҳои асосии таълим ва тарбия дар доираи хусусиятҳои гендерӣ, ба таври умумӣ

бо омӯзиш ва баррасии нақшҳои гендерӣ маҳдуд мегарданд. Унсурҳои дигари сохтории гендер, *«ба монанди қолабҳои гендерӣ, нақшҳои гендерӣ, ҳувияти гендерӣ, низоми гендерӣ дар доираи педагогика ба таври нокифоя омӯхта шудаанд»* [134, С. 221-245].

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи гендерӣ аз таҳқиқи анъанавии *«тарбияи ҷинсӣ»* тафовут дорад, ки дар масъалаҳои зерин зоҳир мегардад:

**Якум,** дар консепсияҳои биологӣ *«тарбияи ҷинсӣ»*, ба ташаккул ва инкишофи шахсияти марду зан равона гардидааст, ки мавқеи иҷтимоии онҳоро дар ҷомеа муайян менамояд. Лекин, моҳияти назарияҳои биологӣ, дар аксарияти ҳолатҳо, ба воқеияти иҷтимоӣ мувофиқ нестанд. Ҷинс, аз нуқтаи назари биология ва гендер аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ба якдигар алоқаманд буда, якдигарро пурра месозанд. Ҷинси биологӣ асос ва оғози ташаккули ҷинси иҷтимоӣ, яъне гендер ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, ташаккули ҳуввияти гендерӣ ва муносибатҳои гендерӣ дар муҳити мухталиф, ба монанди оила, муассисаи таҳсилоти миёна ва олӣ, ҷомеа ҳамчун объекти таҳқиқи педагогӣ баромад менамоянд.

**Дуюм,** дар педагогикаи гендерӣ таъкид карда мешавад, ки ҳуввияти гендерии духтарон ва писарон ҷанбаҳои мухталиф дорад. Аз ин хотир, чунин тафовутро ба инобат гирифта, ташаккули ҳуввияти ҳар як ҷинс омӯхта мешавад.

**Сеюм**, дар ҳолати гузаштан аз *«тарбияи ҷинсӣ»* аз нуқтаи назари тиббӣ, ба тарбияи гендерӣ методи тиббӣ-педагогӣ мавқеи худро ба методи психологӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ медиҳад. Аммо, ин маънои онро надорад, ки масъалаҳои биологии ташаккули ҷинс бояд аз назар дур карда шавад ва он мавқеи дуюминдараҷа дошта бошад. Ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки таҳқиқотҳои навтаринро дар биология, тибб, генетика дастрас намуда, онҳоро дар фаъолияти касбии худ истифода намоянд.

Тариқи ҳамгироии муносибатҳои гендерӣ дар раванди таълим заминаҳои рушди худшиносӣ ва имкониятҳои худамалинамоии шахсият бо

хусусиятҳои мардона ва занона ташаккул меёбанд [94, С. 175].

Ҳамин тариқ, низоми педагогии гендрӣ дар асоси ба инобат гирифтани қолабҳо ва муносибатҳои мавҷудаи ташаккулёфта пайдо мешавад, ки вобаста аст ба:

– **мундариҷаи таълим:** методу воситаҳои таълим ва дар чунин ҳолат муносибатҳои нақшофаринии гендериро дарбар мегиранд;
– **методҳои таълим:** имконияти алоҳидаи писарон ва духтарон дар раванди таълим ба инобат гирифта намешавад;
– **низоми идоракунӣ:** мақсади асосӣ ва воситаи идоракунии коллективи занона, ки дар он баҳисобгирии хусусиятҳои занона талаб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар доираи педагогикаи гендерӣ масъалаи тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ, тарбияи фарзандон масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Он ба хусусиятҳои ҷинс ва нақши ҳар як ҷинс дар ҷомеа диққати асосӣ медиҳад. Дар заминаи ин дар илми педагогика ва психология масъалаи муҳим ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарон ва нақши онҳо дар тарбияи фарзандон мебошад. Ин ҷанба ба қолабҳои анъанавии гендерӣ вобаста аст, ки тибқи онҳо аксар вақт дар ҳуввияти миллии тоҷикон мардон ҳамчун ҳомиёни оила ва манбаи асосии даромад ва ҳамчунин шахсиятҳои бонуфуз дар тарбияи фарзандон дида мешаванд.

Тарбияи писарон ташаккули сифатҳои масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, қувват ва эътимод ба худро дар бар мегирад, ки аксар вақт бо нақши анъанавии мардон дар оила алоқаманданд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки педагогикаи гендерӣ кӯшиш мекунад, ки қолабҳои гендериро бартараф созад ва ба ҳар як фард новобаста аз ҷинс имкониятҳои ҳадди аққалро барои худшиносӣ фароҳам оварад.

Педагогикаи гендерӣ таъкид мекунад, ки ҳар як кӯдак, новобаста аз ҷинс, ҳуқуқ ба рушди озод ва интихоби роҳи худ дар зиндагӣ дорад. Дар заминаи ҳаёти оилавӣ педагогикаи гендерӣ ба баробарии ӯҳдадориҳо ва

масъулиятҳои байни волидон, инчунин аҳамияти иштироки муштараки ҳарду волидайн дар тарбияи фарзандон диққат медиҳад. Он ғояи ҳуқуқ ва имкониятҳои баробарро барои ҳамаи аъзоёни оила, новобаста аз ҷинс ё ҳуввияти гендерии онҳо дастгирӣ мекунад. Ин ба фароҳам овардани муҳити мутаносиб ва солим дар оила кӯмак мекунад, ки дар он фарзандон ба воя расида, инкишоф меёбанд, боварӣ ва амниятро эҳсос мекунанд. Педагогикаи гендерӣ дар рафъи нобаробарии гендерӣ ва фароҳам овардани шароит барои инкишофи ҳар як кӯдак мувофиқи эҳтиёҷоту қобилияти ӯ нақши муҳим дорад.

Дар инсон аввалин ғояҳои тарбияи оиладӯстдорӣ бо роҳи эмпирикӣ дар асоси таҷрибаи маишӣ оиладории волидон ташаккул ёфтаанд. Онҳо аз оила ба оила, аз насл ба насл тариқи урфу одатҳои оилавӣ-маишӣ ва миллӣ-этникӣ гузашта, имрӯз низ мавқеи муайян доранд. Мақсад ва мундариҷаи асосии тарбияи оилавӣ дар тайёр намудани насли наврас, махсусан писарон, ба ҳаёти ояндаи хуррам зоҳир мегардид.

Ақида оид ба зарурати тайёркунӣ ба ҳаёти оилавӣ ва иҷро намудани нақши падариву модарии оянда дар доираи раванди таълиму тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аввалин маротиба аз тарафи олимони рус А.Г. Голев [44, С. 221], И.В.Гребенников [47, С. 158; 48, С. 40,] А.В. Мудрик [118, С. 176], В.Н. Медков [113, С. 158], Ю.Г. Черняк [168, С. 68-72], П.Ф. Лесгафт [96, С. 174] ва дигарон пешниҳод карда шудааст. Дар оғози асри XX ин афкори педагогӣ беасос фаромӯш гардида, дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ амалӣ нагардиданд.

Вазъият танҳо дар солҳои 50-юми асри XX бо ивазшавии сохтори иҷтимоӣ-сиёсӣ дигаргун шуд. Дар ин давра падарӣ ва модарӣ ҳамчун маънои муҳими самтгирии ҳаётии инсон рад карда мешуд. Дар ин давра А.В. Веденов ва Н.Г. Дайри кӯшиш менамуданд, ки навъи ояндаи оиларо, ки дар он тарбияи оиладӯстдор пешниҳод карда мешуд, ташаккул диҳанд. *«Ниҳодҳои таълимии ҷамъиятӣ, ба монанди боғчаҳо, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, интернатҳо бояд ба тарбияи ҷавонон ва ба ҳаёти оилавӣ тайёр*

*намудани онҳо машғул гарданд»* [35, С. 156; 52, С. 438].

Масъалаи оила, муносибатҳои оилавӣ, тайёр намудан ба ҳаёти оилавӣ аз тарафи педагогҳои машҳури давраи шӯравӣ А.С. Макаренко ва В.А. Сухомлинский омӯхта шудаанд. Онҳо ба истифодаи мероси педагогии халқ дар тайёр намудани ҷавонон ба оиладорӣ ва ҳаёти оилавӣ даъват намуда, қайд менамуданд, ки муносибатҳои оилавӣ омили асосии тарбияи шахсияти оиладӯстдор ба ҳисоб меравад. В.А. Сухомлинский диққати асосиро ба тайёр намудани падар ва модарони оянда ба тарбияи фарзанд равона намуда буд [151, С. 256;].

Дар давраи шӯравӣ кӯшиш карда мешуд, ки масъалаи тайёрнамоии ҷавонон ба муносибатҳои оилавӣ ҳал карда шаванд. Дар солҳои 50-70-уми асри XX қариб дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои факултативии мавзуӣ - *«Саводнокии модарӣ»*, *«Оиладорӣ»* ва ғайраҳо ба роҳ монда шуда, кружокҳои хонадорӣ, асбобҳои дастсоз, ғамхорӣ намудани кӯдак ташкил карда шуда буданд. Семинарҳо ва суҳбатҳои инфиродӣ бо хонандагон дар мавзуи оила ва муносибатҳои оилавӣ гузаронида мешуданд. Маҳз дар ҳамин давра дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шӯравӣ курси И.В. Гребенников *«Этика ва психологияи ҳаёти оилавӣ»* ворид карда шудааст [47, С. 158; 49, С. 176].

Дар шароити имрӯза дар раванди тарбияи ҷавонон, тайёрнамоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва муносибатҳои оилавӣ як қатор масъалаҳо мавҷуданд. Равоншиносон ва педагогҳо қайд менамоянд, ки дар даҳсолаҳои охир диққати падару модар ба кӯдакони худ коҳиш ёфтааст. Муаллифон, ба монанди Л.М. Панкова [120, С. 115], Н.Ю. Егорова [55, С. 521-529], Е.Э. Такаева [152, С. 23] чунин ҳолатро *«камшавии меҳру муҳаббати волидайн»* номида, изҳор менамоянд, ки кӯдакон дар чунин оилаҳо дар тарбия ба мушкилотҳои мухталиф рӯ ба рӯ мешаванд. Албатта, дар чунин ҳолат тайёр намудани писарон дар оила ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ нопурра боқӣ монда, дар оянда метавонад дар муносибатҳои оилавӣ мушкилотҳои зиёдро ба миён орад.

Дар шароити имрӯза барои насли наврас, махсусан барои писарон, донише муҳим мебошад, ки ҳанӯз на дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, на дар барномаҳои таҳсилоти касбӣ пешбинӣ нашудааст. Маҳз дониш барои ташаккули тарҳи мувофиқи рафтор дар ҳаёти шахсӣ, оилавӣ ва касбӣ нақши калидӣ дорад. Мутобиқан, дар муассисаҳои таълимӣ мавқеи махсусро бояд маҷмуи масъалаҳо, ки бо тайёрнамоии ҷавонон ба воридшавӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ, махсусан, ба ҳаёти оилавӣ ва падариву модарӣ алоқаманд мебошад, ишғол намоянд [178, С. 160].

Ба ақидаи мо, дар омӯзиш, таҳқиқ ва баҳогузории мазмуну мундариҷа, роҳҳо ва воситаҳои тайёр намудани навҷавонон ба падариву модарӣ зарур аст, ки сараввал як қатор мафҳумҳо, аз қабили *«оила»*, *«волидайн»* ва *«омодагӣ»* мавриди таснифоти илмӣ қарор дода шавад.

Мафҳуми *«омодагӣ»* аввалин маротиба дар психологияи эксперименталӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти илмии Ю.П. Азаров [9, С. 448], И.В. Гребенников [49, С. 176], В.И. Андреев [19, С. 608], В.А. Сухомлинский [150, С. 304] пайдо гардида, сипас дар таҳқиқотҳои иҷтимоиву психологӣ ва педагогӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар педагогика *«омодагӣ»* дар радифи равандҳои бевоситаи таълимӣ (худомӯзишӣ, таҳсил, худмуайяннамоӣ), дар психология – дар радифи омода будан ба амал баррасӣ карда мешавад. Дар натиҷа, дар адабиёти психологиву педагогӣ метавон миқдори зиёди ақидаҳоро нисбат ба муайяннамоии сохтори падидаи омухташаванда пайдо намуд, ки дар асоси онҳо таркиботи зерин гузошта шудааст: ҳавасмандӣ (талабот ба ҳалли бомуваффақи вазифа, шавқу рағбат ба фаъолият, кӯшиш барои бадастории муваффақият ва нишон додани худ); маърифатӣ (дарки вазифа, баҳогузории аҳамиятнок, интихоби воситаҳо барои бадастории мақсадҳо, оияндабинии тағйиротҳои имконпазир); эҳсосотӣ (ҳисси масъулият, боварӣ ба муваффақият); иродавӣ (идоракунии худ, сафарбарнамоии неру, бартараф намудани шубҳа ва нобоварӣ) [182, С. 431].

Оид ба баррасии тайёрӣ ба муносибатҳои оилавӣ муаллифон мавқеи ягона надоранд, ки ин боиси ташаккули ақида ва мавқеҳои гуногун гардидааст. Чунин мешуморем, ки барои муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои тайёрӣ ба муносибатҳои оилавӣ зарур аст, ки якчанд мавқеъ омӯхта шавад.

Мувофиқи ақидаи Е.К. Узденова, омодагии инсон ба ҳаёти оилавӣ маҳз дар ҳамон ҳолат зоҳир мегардад, ки ӯ тайёр будани худро ба ҳиссиёти махсус бо мақсади пайвасти ду нафар дарк менамояд ва дар чунин ҳолат ӯ як навъ аздастдиҳии худро андеша намекунад [154, С. 74-75].

Мувофиқи ақидаи А.В. Хуторской асоси хушоҳангии ҳамсарӣ ва устувории оила омодагии этикиву психологии писарон мебошад, ки бояд ҷанбаҳои зеринро фарогир бошад:

– ташаккули қобилият дар самти банақшагирии оилаи худ, баинобатгирии вазъияти манзилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии оилаи оянда;
– ташаккули хоҳиши ҳар як навҷавон дар бунёди оила, тарбияи кӯдакон, инчунин дарки душвории ҳаёт дар оила, кӯшиши гузашт кардан ва кумаки зарурӣ ба якдигар;
– дониши зарурӣ барои таъмини таваллуди кӯдаки солим, рушд ва тарбияи муқаррарии он;
– қобилият ва маҳорати амалӣ, ки қонеъгардии моддии талаботҳои оиларо таъмин менамояд [167, С. 125].

Муҳаққиқи рус С.В. Ковалев иброз менамояд, ки *«ҳолати ибтидоии тайёрии инсон ба оила ва ҳаёти оилавӣ даркнамоии аҳамияти ҷамъиятии амалҳои худ, масъулият ва уҳдадориҳои муайян нисбат ба якдигар, масъулият барои оила ва фарзандон, қабули ихтиёрии тарбия дар ҳаёти оилавӣ ва маҳдудгардии озодии фардӣ»* ба ҳисоб меравад [170, С. 275].

Муҳаққиқ В.Я. Шклярук масъалаи омодагии ҷавонон [177, С. 139-142], махсусан писарон ба ҳаёти оилавиро таҳқиқ намуда, унсурҳои зерини сохтори тайёр будани ҷавононро ба ҳаёти оилавӣ чунин ҷудо намудааст:

- **унсури иҷтимоиву ахлоқӣ**, ки омодагиро аз ҳисоби ба воя расидан, ба даст овардани маълумот, касб, ташаккули сатҳи шуури ахлоқӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва вазъияти саломатиро дар бар мегирад;
- **унсури ҳавасмандии** бунёди оила, кӯшиш ба мустақилият, мустақилияти моддӣ аз волидайн, масъулият барои оила;
- **унсури педагогӣ**, ки мавҷудияти донишҳо оид ба қонуниятҳои рушди кӯдакон ва тарбияи онҳо, маҳорати ғамхорӣ ва парвариши кӯдак, маҳорати интиқоли таҷрибаи ҳаётии худ ба фарзандон, омӯзонидани онҳо ба корҳои хоҷагӣ, банақшагирии буҷаи оилавиро амалӣ менамояд.

Як қатор муаллифон, ба монанди, М.И. Рожков, А.П. Чернявская, Л.В. Байбородова [26, С. 93] нақши муҳими тарбияи ҷинсиро дар низоми тайёрнамоӣ ба муносибатҳои оилавӣ қайд менамоянд. Инчунин онҳо аҳамияти дарк ва кӯшиши ҷавононро дар мувофиқ омадан ба талаботҳо, ки аз тарафи ҷомеа ба муносибатҳои ҷинсӣ ва нақшофаринии ҷинсӣ заруранд, қайд менамоянд.

Дар таърихи мардуми тоҷику форс низ ба масъалаи тарбия, омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ, муносибати ҷиддӣ доштан ба тарбия ва тарбия намудани ҷавонон, махсусан писарон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, содиқу ростқавл будан таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Мутафаккирони тоҷику форс оид ба масъалаҳои мухталифи тарбия осори гаронбаҳоро мерос гузоштаанд. *«Футувватномаи султонӣ»* ва *«Ахлоқи муҳсинӣ»*-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, *«Баҳористон»*-и Абдураҳмони Ҷомӣ, *«Бӯстон»*-и Саъдии Шерозӣ, *«Пандномаи Бузургмеҳр»*, *«Андарзи Озарбоди Меҳраспандон»*, *«Калила ва Димна»*, *«Дарахти Асурик»* саропо дар боби тарбия буда, дар онҳо масъалаи мазкур хеле васеъ инъикос ёфтааст. Дар ин асарҳо масъалаҳои илму ҳунар ва тарбияи оилавӣ хеле муҷъаз ва бо далелҳои боварибахш инъикос гардидаанд.

Оила ҳамчун воҳиди ибтидоии ҷомеаи инсонӣ, ҳамчун гурӯҳи хешовандон (шавҳар, ҳамсар, волидайн, фарзандон), ки якҷоя зиндагӣ

мекунанд, ҳамчун ягонагӣ, муттаҳидшавии одамон, муттаҳидшавии манфиатҳои умумӣ баррасӣ карда мешавад [3-М].

Ҳамин тариқ, оила воҳиди асосии ҷомеа мебошад, ки дар он одамон бо муҳаббат, ғамхорӣ ва дастгирии якдигар зиндагӣ мекунанд. Ин як гурӯҳи хешовандонест, ки одатан аз волидон ва фарзандони онҳо иборат аст, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ва муносибатҳоро якумрӣ нигоҳ медоранд. Дар оила арзишҳо ва муносибатҳои асосӣ ташаккул меёбанд, ки рафтор ва муносибатҳои одамонро дар ҷомеа муайян мекунанд.

Оила маконест, ки дар он мероси фарҳангӣ ва анъанаҳо аз насл ба насл мегузаранд. Дар муҳити оила, кӯдакон аз волидони худ малакаҳои иҷтимоӣ, зеҳнӣ, эҳсосотӣ ва тарзи рафторро меомӯзанд. Муносибатҳои оилавӣ метавонанд ба принсипҳо ва арзишҳои гуногун, аз ҷумла муҳаббат, эҳтиром, эътимод ва дастгирӣ асос ёбад.

Муҳим аст, ки муносибатҳои солим ва созгор дар оила барои таъмини некӯаҳволӣ ва рушди тамоми аъзоёни оила нигоҳ дошта шаванд. Бо вуҷуди ин, муносибатҳои оилавӣ инчунин метавонанд бо мушкилот ва низоъҳо рӯ ба рӯ шаванд, ки ҳалл ва созишро талаб мекунанд. Сохтори оила метавонад дар фарҳангҳо ва ҷомеаҳо фарқ кунад, ки анъанаҳо, эътиқоди динӣ ва меъёрҳои иҷтимоиро низ дар худ инъикос мекунад.

Имрӯз шаклҳои оилавӣ муошират ва муносибатҳои дохили оилавӣ торафт мухталиф гардидаанд, ки тағйиротро дар арзишҳои иҷтимоӣ ва тарзи ҳаёт инъикос мекунанд. Масалан, оилаҳо метавонанд аз шаклҳои гуногун иборат бошанд, аз ҷумла оилаҳои анъанавӣ, серфарзанд, волидони танҳо, сохторҳои патриархалӣ ё матриархалӣ. Рушди оила ва нақши он дар ҷомеа объекти таҳқиқоти бисёре аз соҳаҳои илм, аз ҷумла сотсиология, психология ва антропология боқӣ мемонад. Умуман, оила дар ташаккули шахсият ва рушди иҷтимоӣ нақши муҳим дошта, ба ҳаёт ва некуаҳволии ҳар як фард таъсири калон мерасонад.

Аз нуқтаи назари психология оила ҳамчун низоми иҷтимоӣ, ки дорои як қатор хусусиятҳо, ба монанди тағйирёбии доимӣ, қобилияти

худтанзимнамоӣ, ҳамкорӣ бо дигар низомҳои иҷтимоӣ – муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, коллективҳои истеҳсолотӣ, ҳамсояҳо мебошад, баррасӣ карда мешавад [4-М].

*«Оила низоми мушаххаси таърихии муносибати тарафайни байни ҳамсарон, байни волидайн ва кӯдакон, ҳамчун гурӯҳи хурд, ки аъзоёни он бо муносибатҳои никоҳӣ ва хешутаборӣ, умумияти маишӣ ва масъулияти тарафайни маънавӣ алоқаманд мебошанд, зарурати иҷтимоӣ, ки аз талаботи ҷомеа дар таҷдиди ҷисмонӣ ва маънавии аҳолӣ бармеояд, ба ҳисоб меравад»* [6-М].

Д.И. Антонов таснифоти мазкурро баррасӣ намуда, диққати асосиро ба муносибатҳои *«ҳамсарӣ-волидайнӣ-хешутаборӣ»* равона намуда, қайд менамояд, ки оила ин умумияти одамон, ки дар фаъолияти ягонаи умумиоилавӣ асос ёфта, бо робитаҳои ҳамсарӣ-волидайнӣ-хешутаборӣ алоқаманд буда, таҷдиди аҳолӣ ва давомоти наслҳои оилавӣ, инчунин иҷтимоигардии кӯдакон ва дастгирии мавҷудияти аъзоёни оиларо амалӣ менамояд [113, С. 158].

Муҳаққиқи ҷавони тоҷик С.Ш. Саидов қайд менамояд, ки *«оила манбаи меҳру садоқат ва ташаккули инсон аст»*. Оила бунёдкор буда, анъана ва маросимҳои неки миллиро нигаҳбон аст, тарзи тарбияи фарзандро, вазифаҳои ташкилиро муайян менамояд. [135, С. 105-110; 133, С. 256-262].

Ҳамин тариқ, метавон оиларо, ки дар асоси низоми муносибатҳои ҳамсарӣ, волидайнӣ, хешутаборӣ, фаъолияти коллективонаи ҳоҷагӣ-маишӣ, масъулият ва кумаки тарафайн муттаҳид гардидааст, таҷдиди ҷисмонӣ ва маънавии наслҳоро амалӣ менамояд, шарҳ дод.

Ҳамин тариқ, оила ин ниҳоди мураккаб, маҷмуавӣ ва сервазифа, шакли ҳаёт ва фаъолияти одамон мебошад, ки аз меъёрҳои ҷамъиятӣ-иқтисодии мавҷуда ва меъёрҳои ҳуқуқӣ бармеояд ва вазифаҳои муайянро иҷро менамояд:

– бунёди шароит барои рушди шахсияти тамоми аъзоёни ҷомеа;

– нигоҳдорӣ ва интиқоли арзишҳо ва анъанаҳои ҷомеа ба насли наврас, амалинамоии неруи иҷтимоӣ-тарбиявӣ;
– ташкили фаъолият барои таъмини молиявии оила;
– ташкили пешбарии якҷояи хоҷагӣ дар асоси кумаки тарафайн;
– қонеънамоии талаботҳо дар муошират бо одамони наздик;
– қонеънамоии талабот ба падарӣ ва модарӣ.

Ҳамин тариқ, универсалӣ будани рисолати оила дар гуногунии вазифаҳои иҷрошаванда зоҳир мегардад, ки дар қатори онҳо вазифаи таҷдиди аҳолӣ муҳим аст. Аз мавқеи демографӣ, муҳим аст, ки ба мақсади нигоҳ доштани рушди миқдори аҳолӣ дар оила ду ё се фарзанд тарбия карда шавад. Дар асоси ҷанбаҳои зикргардида таъиноти мақсадноки волидайнӣ таваллуд ва тарбияи кӯдакон ба ҳисоб меравад.

Аз тарафи муаллифон як қатор фарзияҳо нисбат ба моҳияти волидайнӣ пешниҳод карда шудааст:
– падидаи биологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва психологӣ;
– ниҳоди иҷтимоӣ, ки дар худ ду мафҳум – падарӣ ва модариро муттаҳид менамояд;
– далели объективии таваллуди кӯдак аз волидайнии мушаххас, ки дар мақомоти дахлдор ба қайд грифта шудааст;
– фаъолияти волидайн дар ғамхорӣ, таъминоти моддӣ, тарбия ва таълими кӯдак.

Ташаккули падарӣ ва тасаввурот дар бораи падарӣ ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад, ки ба он инсон аз лаҳзаи таваллуди худ ворид мегардад. Дар ин самт метавон ҳам муносибатҳо бо муҳити наздик ва ҳам таъсири ниҳодҳои мухталифи иҷтимоиро номбар намуд.

Падарӣ ва модарӣ ҳамчун падидаи психологӣ аз тарафи Е.В. Чмелёва, Е.В. Чеснокова омӯхта шудааст. Ӯ дар асоси омӯзиши масъалаи мазкур сохтори падарӣ ва модариро чунин ҷудо намудааст [169, С. 220]. Дар чунин ҳолат падарӣ сарчашмаи мақсадҳои педагогӣ ва дар як ҳолат воситаи

бадастории онҳо ба ҳисоб меравад. Дар асоси муносибати педагогӣ омӯзиши стратегияҳои омӯзишии падару модар дар ташаккули низоми сифатҳои шахсият, нуқтаи назар ва боввариву эътиқод дар кӯдакон нақши бузург доранд. Чунин ҳолат, аз як тараф, ба пайдоиши худшиносӣ, мустақилият ва мустақилии инфиродӣ мусоидат менамояд, аз тарафи дигар, ба воридшавии инфирод ба ҷомеа кумак менамояд [1-М].

Ҳамин тариқ, дар доираи муносибати педагогӣ падарӣ ҳамчун падидаи омӯзишӣ баррасӣ карда мешавад, ки аз тарафи падар барои фарзандон таҷрибаи ҳаётӣ, урфу одатҳои мавҷуда, анъанаҳо омӯзонида мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки мавқеи ояндаи фарзанд дар ҷомеа, муваффақиятҳои ӯ дар фаъолияти касбӣ маҳз аз муносибати падар дар оила вобаста аст.

Ин аҳамияти нақши падарро дар заминаи оила ва таъсири он дар ташаккули шахсияти кӯдак таъкид мекунад. Муносибати падар дар оила ба мавқеи ояндаи кӯдак дар ҷомеа ва муваффақияти ӯ дар фаъолияти касбӣ таъсири назаррас мерасонад. Падарӣ як унсури асосии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангии фарзандон мегардад. Муносибатҳои дохили оила, бахусус байни падар ва фарзанд, дар рушди равонӣ ва эщсосотии кӯдакон нақши ҳалкунанда доранд. Падар дар ташаккули арзишҳои зиндагӣ намуна ва роҳнамо аст. Нақши падар дар тарбияи фарзандон барои баланд бардоштани эътимоднокии онҳо муҳим аст. Падарӣ иштироки фаъолона дар ҳаёти кӯдакон ва хоҳиши фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди онҳоро пешбинӣ мекунад. Муҳим аст, ки падарон масъулияти худро барои тарбия ва рушди фарзандон дарк кунанд. Онҳо бояд омода бошанд, ки фарзандони худро дар ҷустуҷӯи сифатҳои мусбати шахсияти такмил диҳанд, таълим диҳанд ва дастгирӣ кунанд. Ҳамин тариқ, падарӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак ва мутобиқшавии бомуваффақият дар ҷомеа нақши муҳим мебозад.

Таҳлили вобастагии иҷтимоии падарӣ нишон медиҳад, ки ташаккули инсон дар нақши падар ва тасаввуроти ӯ оид ба худ ҳамчун падар ба

тамоми низоми муносибатҳо таъсир мерасонад, ки инсон ба он аз лаҳзаи таваллуди худ ворид мегардад. Дар ин самт метавон ҳам муносибатҳо бо муҳити наздик ва ҳам таъсири ниҳодҳои мухталифи иҷтимоиро номбар намуд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои назариявии масъалаҳои тарбиявӣ ва ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарҳо дар педагогикаи гендерӣ, ба таври умумӣ ба чунин хулосаҳо омадем:

– дар шароити муосир мард ва зан баробарҳуқуқ мебошанд. Раванди таҳсилот ҳанӯз зери фишори тасаввуроти анъанавӣ қарор дорад ва шаклҳои таълим бе назардошти хусусиятҳои рушди гендерӣ ба роҳ монда шудаанд;
– яке аз масъалаҳои муҳим дар доираи педагогикаи гендерӣ – масъалаи тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ, тарбияи фарзандон омода намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Мақсад ва мундариҷаи асосии тарбияи оилавӣ дар тайёр намудани насли наврас, махсусан писарон, ба ҳаётиояндаи арзишманд зоҳир мешавад;
– оила низомест, ки дорои сохтори муайян буда, як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд,ки тарбия рушти шахсияти фарзандон равона карда шудаанд.

## 1.2. Консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик

Масъалаҳои мухталифи тарбия, аз ҷумла масъалаи тарбияи писарон, дар педагогикаи халқӣ хеле равшан ва арзишманд таҷассум гардида, нисбат ба он мазкур андешаҳои ҷолиби диққат пешниҳод гардидаанд. Афкори педагогии халқ дар эҷодиёти шифоҳӣ, мероси адабӣ педагогии мутафаккирони тоҷику форс, одату анъанаҳои оилавии миллӣ ифода гардида, онҳо дар навбати худ, маданияти педагогии умумибашариро таҷассум менамоянд.

Педагогикаи халқӣ ин *«маҷмуи донишҳо, маълумот, маҳорат ва малакаҳое мебошад, ки дар таҷрибаи донишҳои амалӣ санҷида шуда, ҳамчун маҳсули таҷрибаи таърихӣ ва иҷтимоии оммаи халқ асосан ба таври шифоҳӣ аз насл ба насл гузаштааст. Унсурҳои педагогикаи халқӣ дар маҳсули эҷодии халқ нигоҳ дошта шуда, анъана ва одатҳои халқро ифода менамояд ва мақсади ниҳоии он дар мисоли оммаи халқ тарбия кардани насли наврас мебошад»* [1-М].

Педагогҳои бузург, ба монанди Л.Ф. Шаламова [172, С. 202-220], Т.Ю. Шманкевич [178, С. 160], И.В. Гребенников [48, С. 40], З.А. Болатова [29, С. 23] ва дигарон нақш ва мавқеи бузурги педагогикаи халқиро дар раванди тарбия ва таълим таъкид намуда, аз ҷиҳати мазмуни ғоявӣ, неруи мушоҳидакорӣ, баёни дақиқ фикр оид ба тарбия ва таълим, онро асил ва бесобиқа ҳисобидаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳаққиқон педагогикаи халқиро ҳамчун ибтидо ва гаҳвораи педагогикаи илмӣ баррасӣ менамоянд.

Дар давраи шӯравӣ ба таҳқиқи масъалаҳои педагогикаи халқӣ дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ, диққати зарурӣ равона нагардида буд. Масъалаҳои педагогикаи халқи тоҷик танҳо аз тарафи якчанд нафар муҳаққиқон, ба монанди М. Лутфуллоев, [102, С. 704] Қ.С. Абдураҳимов [98, С. 40] ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар таҳқиқоти мавҷуда на ҳама ҷанбаҳои педагогикаи халқӣ омӯхта шудааст, ки албатта аз сатҳи нокифояи таҳқиқотҳо дар ин самт дарак медиҳад. Аз ин

хотир, дар шароити имрӯза зарур аст, ки ҷанбаҳои мухталифи педагогикаи халқи тоҷик дар доираи таҳқиқотҳои нисбатан васеъ мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Муҳаққиқи тоҷик Ф. Шарифзода иброз менамояд, ки *«дар доираи педагогикаи халқи тоҷик масъалаҳои мухталиф, аз он ҷумла, анъанаҳои халқи тоҷик ва нақши онҳо дар тарбияи меҳнатӣ; анъанаҳои халқӣ ва нақши онҳо дар тарбияи маънавӣ; принсипҳои ташкили оила ва оиладорӣ аз назари педагогикаи халқӣ; ғояҳои тарбия дар фолклор, достонҳои халқӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ватандӯстӣ; тарбия дар оила, мавқеи зан дар фолклор, анъанаҳои миллии тарбия дар оила, муносибати зан ва шавҳар, муносибати падар бо фарзанд ва ғайраҳо гирд оварда шудаанд»* [175, С. 402].

Баъди соҳибистиқлол гардидан Тоҷикистон педагогикаи халқи тоҷик роҳи нави инкишофро пеша намуд, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нақши арзиши олӣро пайдо намуд. Ниҳодҳои асосии тарбияи шӯравӣ, ба монанди ташкилоти пионерӣ ва комсомолӣ аз байн рафтанд ва мундариҷаи тарбияи наврасон то андозае аҳамияти худро аз даст дод. Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардид, ки дар натиҷа ҳазорон кӯдакону наврасони ятиммонда зери сарпарастии ҳукумат қарор гирифтанд. Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва вазъияти шиддатноки кишвар ба ахлоқ ва тарбияи наврасону ҷавонон таъсири манфӣ расониданд.

Дар баробари беҳтар гардидани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар шаҳрвандон ба масъалаи тарбия рӯ оварданд ва давлат ба проблемаҳои ахлоқии наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд. Пас аз пурзӯр гардидани таъсири гурӯҳҳо ва ҷараёнҳои ифротгароӣ аҳамияти мавзуи тарбияи наврасону ҷавонон дар кишвар дучанд гардид. Таҳия ва қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи маориф»*, Кодекси оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи таълиму тарбияи фарзанд»* ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ масъулияти муассисаҳои таҳсилотӣ,

волидонро дар таълиму тарбияи кӯдакону наврасон баланд бардошт.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»* пурзӯр намудани масъулияти падарону модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, тарбияи насли наврас дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ махсусан қайд карда шудааст.

Баъди қабули Қонуни мазкур, бо мақсади беҳтар намудани тарбияи наврасону ҷавонон чорабиниҳои зиёд амалӣ гардиданд ва корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ тақвият дода шуд. Ташкил ва назорати дарсҳои тарбиявӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ба табъ расидани адабиёти соҳавӣ, мунтазам баррасӣ намудани масъалаҳои тарбиявӣ тавассути васоити ахбори омма ва ташкили конференсияҳо дар мавзуи тарбияи ҷавонон аз ҷумлаи тадбирҳои самаранок мебошанд.

Инчунин, пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи эҳёи арзишҳои миллӣ оғоз гардида, анъанаҳои зиёди аҷдодӣ аз нав мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар ин самт ба педагогикаи халқ тоҷик низ муносибат дигар гардида, дар доираи таҳқиқотҳои доманадор масъалаҳои мухталифи он омӯхта шуданд.

Сиёсати нави кишвари соҳибистиқлол ҳувияти миллӣ ва мероси фарҳангиро эҳё намуд. Педагогикаи халқи тоҷик ин дигаргунихоро инъикос намуда, ба анъана ва арзишҳои миллӣ бештар диққат медод. Тадқиқот дар соҳаи педагогика дар Тоҷикистон ҷанбаҳои гуногуни фарҳангу таърихи миллиро фаро гирифт. Мутахассисони соҳаи маориф ба омӯзиши усулҳо ва самтҳо, ки ба арзишҳои анъанавии ҷомеаи тоҷик мувофиқат мекунанд, фаъолона оғоз карданд.

Барномаҳои таълимӣ бо назардошти вижагиҳои фарҳанг ва забони Тоҷикистон ба шароити маҳаллӣ мутобиқ карда шуданд. Яке аз самтҳои муҳим ҳифз ва рушди шаклҳои анъанавии таълиму тарбия буданд. Муассисаҳои таълимӣ кӯшиш мекарданд, ки анъанаҳои миллиро ба раванди кори таълиму тарбиявӣ ворид кунанд, то донишомӯзон онҳоро

дар нигоҳ доштани ҳувияти фарҳангии худ дастгирӣ кунанд.

Ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ низоми таълим такмил дода мешуд. Ҳамин буд, ки педагогика дар Точикистон илми педагогика бо дар назардошти хусусиятҳои миллӣ ва талаботи ҷомеа ба самти нав инкишоф меёфт. Ин раванд ба амиқтар дарк кардани ҷанбаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии тарбия ва таълим дар кишвар мусоидат кард. Дар маҷмӯъ, тағйирот дар соҳаи кори таълиму-тарбиявии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият аз хоҳиши ҳифзу густариши ҳуввияти миллӣ ва мероси фарҳангӣ ба такмили низоми таълиму тарбия мутобиқи талаботу меъёрҳои муосир шаҳодат медиҳад.

Педагоги тоҷик, профессор Ф. Гулмадов қайд мекунад: *«Суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ яке аз дастовардҳои маънавии халқи тоҷик буда, барои рушду камоли насли ҷавон хизмат мекунанд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъаноти пешқадамаш дар тамаддуни башар шинохта мешавад»* [51, С. 342]. Ин дар мавридест, ки суннатҳои оилавии мардуми тоҷик тайи асрҳо шакл гирифта аз насл ба насл интиқол дода мешаванд ва дар тарбияи ҷавонон мавриди истифода мешаванд.

Муҳаққиқи тоҷик, профессор Б. Маҷидова қайд намудааст, ки дар ҷомеаи тоҷик зарурати истифодаи анъанаҳои пешқадам ба миён омадааст, ки бояд ҳиссиёт ва олами маънавии одамонро идора намояд; анъанаҳои пешқадам арзиши муайяни фарҳангӣ буда, дар ташаккули шуури насли наврас нақши бориз доранд [107,С-212].

Анъанаҳои миллӣ дар ташаккули сатҳи баланди масъулияти падару модар, иҷрои вазифаи маънавии худ, таълим ва тарбияи фарзанд нақши муҳим доранд. *«Беҳтарин анъанаҳои мардумӣ эҳтиром ва қадршиносии калонсолон, меҳмондӯстӣ, хушмуомилагӣ, хоксорӣ, поквиҷдонӣ, муҳаббат ба халқу ватани хеш ба ҳисоб меравaнд»* [2-М].

Дар доираи педагогикаи халқи тоҷик масъалаҳои мухталифи тарбия гирд оварда шудаанд, ки муносибати нав ва муосирро талаб менамоянд, ки

яке аз онҳо масъалаи тарбияи писарон вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир дар асоси анъанаҳои миллӣ мебошад.

Тарбияи писарон ба оиладорӣ, тарбияи фарзанд ба ҷумлаи масъалаҳои маҷмуӣ дохил мешавад ва аз мавқеи педагогӣ дар шароити имрӯза бояд мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Фаҳмидани он муҳим аст, ки тарбияи писарон набояд бо қолабҳои анъанавии гендерӣ маҳдуд карда шавад, балки бояд талабот ва қобилиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак ба инобат гирифта шавад. Шароити муосири зиндагӣ аз волидайн талаб мекунад, ки ба тағйирот дар муносибатҳо  дар тарбияи фарзандон омода бошанд.

Ҷанбаи педагогии тарбияи писарон дар оила истифодаи усулҳо ва стратегияҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ба рушди сифатҳо ва арзишҳои мусбии кӯдакон нигаронида шудаанд. Як унсури муҳими тарбияи писарон намунаи падару модар, рафтор ва муносибати онҳо ба ҳамдигар аст. Волидайн бояд аз таъсири тарбиявии худ огоҳ бошанд ва барои ба вуҷуд овардани фазои дастгирӣ ва муҳаббат дар оила кӯшиш кунанд. Дар тарбияи писарон инчунин ба рушди зеҳнӣ ва эҳсосотии онҳо, қобилияти идора кардани эҳсосот диққат додан лозим аст. Муҳим аст, ки ба писарон роҳҳои созандаи ҳалли мунокишаҳо ва эҳтироми дигаронро омӯзонд. Илова бар ин, дар тарбияи писарон бояд талаботи инфиродии таълимӣ ва инкишофи онҳо ба назар гирифта, шавқу ҳавасҳои ҳар як кӯдак дастгирӣ карда шавад. Бо дарназардошти чолишҳо ва тағйироти имрӯзаи ҷомеа, омӯзиши педагогии тарбияи писарбачагон дар оила бояд ба фарохам овардани шароит барои инкишофи хаматарафа ва мутаносиби хар як кудак, сарфи назар аз ҷинс ва вазъи иҷтимоии ӯ нигаронида шавад.

Омӯзиши масъалаҳои тарбияи маънавӣ ва анъанаҳои оилавӣ дар педагогикаи Шарқ таърихи қадима дорад. Махсусан, китобҳои муқаддаси Авесто ва Қуръон сарчашмаҳои асосие мебошанд, ки ҳангоми ҳаллу фасли танзими муносибатҳои оилавӣ, махсусан омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, нақши муҳим доранд. Масъалаи омода намудани ҷавонон ба ҳаёти

оилавӣ дар муҳити оила ва ҳаллу фасли баъзе нуқтаҳои он дар мероси адабии классикони Шарқ, бахусус дар осори чунин мутафаккирони маъруф ба монанди А. Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Унсурулмаолии Кайковус, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шеърозӣ, Насриддини Тусӣ, Абубакри Розӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Муҳаммад Наршахӣ, Муҳаммад Сиддиқ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон таҷассум ёфтаанд, ки бисёр ҷанбаҳои иҷтимоии омода намудани ҷавононро ба ҳаёти оилавӣ аниқ месозанд.

Академик М. Лутфуллозода таъкид кардааст, ки *«муҳтавои таҳлилу таҳқиқи педагогикаи миллии моро бояд масъалаҳои тарбияи шахсияти фаъол, созанда ва эҷодкор, ватану ватандорӣ, эҳсоси худогоҳии миллӣ, равнақ ва ташаккули андешаи миллӣ, худшиносии таърихӣ, ҳамгироии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, педагогикаи мардумӣ ташкил намояд»* [99, С. 171-174].

Заминаҳои аввалини консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик аз эҷодиёти шифоҳӣ сарчашма мегирад, ки он дар асоси таҷрибаи ҳазорсолаи халқ эҷод гардида, дар ҳаёт арзишмандии худро собит намудааст. Масалан, тасвири мардонагӣ ва ҷасуриву далерии писарон дар афсонаву ривоятҳо, достону зарбулмасалҳо ба таври мушаххас ифода гардидаанд. Илова бар ин, дар эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик муҳаббат ва вафодорӣ, садоқат, ҳурмати падару модар аз ҷониби фарзандон, нотарсиву далерӣ, нафрат ба зулму золимон таҷассум гардидаанд.

Пас аз пайдоиши адабиёти хаттӣ андешаҳои тарбияи писарон дар консепсияҳои педагогии мутафаккирони тоҷик инъикос ёфтаанд. Пас аз гузаштан ба тарзи муқимии якҷояи зиндагӣ талабот ба тарбияи писарон ба миён омад, зеро ҳар як ҷавони тавоно, далер, бофаросат як қисми таркибии қабила ва ҷамъият гардида буд. Намунаи чунин ҷавонони далеру шуҷоъ образи Сиёвуш аст, ки Фирдавсӣ дар осори худ равшан тасвир кардааст.

Сиёвуш муҳофизи сулҳи мардум буд ва марги ӯ ғаму андӯҳи тамоми

мардумро ба бор овард, боиси эҷоди суруду достонҳои зиёде гардид, ки барои дар рӯҳияи қаҳрамониву мардонагӣ тарбия намудани писарон нигаронида шудааст. Масалан, суруди *«Алла»*, ки дар назди гаҳвораи бачагон садо медиҳад, орзуи модаронро дар бораи хислату корнамоиҳои ояндаи писарон ифода мекунад.

Алла, ҷонам, аллаё,
Ороми ҷонам, аллаё,
Калон шавӣ, паҳлавон шав, э аллаё,
Ҷасуру пурдон шавӣ, э аллаё.

Намояндагони педагогикаи халқӣ хусусияти рӯҳияи бачагонро хуб медонистанд. Суруд, тарона, афсона ва тезгӯякҳо, ки мақсади муайян доранд, характер ва хислати бачагонро равшану возеҳ месозанд ва ҷанбаи тарбияи ҷавонмардӣ дар ҷавононро талқин менамоянд. Зеро педагогикаи халқӣ донишҳои санҷидашудаи педагогии оммаи халқ мебошад ва малакаву маҳорати одамонро оид ба таълим ва тарбия фарогир аст ва он чун фарҳанги маънавию тарбиявӣ аз насл ба насл дода мешавад.

Ҷиҳати асосии консепсияи тарбияи писарон дар педагогикаи халқӣ ин тарбияи мардонагӣ, ҷавонмардӣ, ҳушёрию зиракӣ, тавонмандӣ мебошад, ки бо тарбияи меҳнатӣ алоқаманд буда, мақсади он додани дониш, ташаккулдиҳии малака ва маҳорати истеҳсолӣ ҳосил кунондан ба писарон мебошад.

Дар раванди тарбияи писарон асосан воситаҳои халқии инкишофи эстетикӣ ва ҷисмонӣ-шиноварӣ, шамшербозӣ, даъват ба мардонагӣ, тобоварӣ ва шуҷоат ба кор бурда мешуданд.

Афкори педагогии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мисолҳои васфи илму дониш, хирад, таҷрибаи рӯзғор, меҳнат ва меҳнатдӯстӣ, азхудкунии касбу ҳунарҳо, мардӣ ва мардонагӣ, ҷасурӣ ва боғайратӣ эҷод гардидаанд. Шоир дар эҷодиёти худ ба масъалаи тарбияи писарони меҳнатдӯст, донандаи касбу кори худ, ташаккули шахсиятҳои комил диққати махсус равона намудааст [101, С. 500].

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба тарбияи писарон, тайёр намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ, ба таври алоҳида ақидае иброз накардааст, лекин таҳлили афкори шоир нишон медиҳад, ки аксарияти ақидаҳои ӯ ба ин масъала алоқаманд аст. Масалан, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъкид менамояд, ки илму дониш қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи ҷамъият, кафили боэътимоди шукуфоии мамлакат ва некуаҳволии инсон мебошад. Маҳз аз ҳамин хотир, шоир дар эҷодиёти худ аҳамияти илму донишро ба таври махсус қайд намуда, азхудкунии онро дар мадди аввал мегузорад, дар ҳаёти ҳар як нафар ва ҷомеа нақши ҳалкунанда доштани донишро таъкид менамояд. Бо мақсади исбот намудани зарурати дониш ва илмомӯзӣ ба таърих назар меафканад ва дар мисоли он халқро ба рӯшноӣ, хирадмандӣ ва донишмандӣ даъват менамояд:

«То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст».

Албатта, барои тарбияи омодагии писарон ба вазифаи падарӣ, тарбия ва таъмин намудани фарзандону оила, азхудкунии илму дониш, хирадмандиву донишмандӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи аввалиндараҷа шуморида мешавад. Мо чунин мешуморем, ки дар шароити муосир дар раванди тарбияи масъулияти падарӣ, зарур аст, ки масъалаҳои мухталифи оиладориро ба писарҳо омӯзонем, ҳисси масъулиятшиносиро тарбия намоем, то дар асоси донишҳои азхудшуда масъалаҳои мубрами оиладориро ҳал намоянд.

Масъалаи дигар, ки шоир дар раванди тарбияи писарон ба он бештар диққат додааст, масъалаи мардонагӣ ва мардӣ мебошад. Имрӯз зарур аст, ки писарон дар рӯҳияи мардиву мардонагӣ тарбия карда шаванд. Ҳамагонро мебояд аз якдигар ибрати рӯзгор бигиранд ба бозмондагон дасти ёрӣ дароз кунанд. Ба фақирон, мискинон беэътиборона муносибат намудан хоси мардон набувад:

«Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,

Бар кӯру кар ар нуқта нагирӣ, мардӣ.

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,

Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ».

Масъалаи дигар дар тарбияи писарон, ба фикри мо, ин масъалаи ба инобат гирифтан ва омӯхтани таҷрибаи падарон ва калонсолон мебошад. Шоир даъват менамояд, ки аз таҷрибаи зиндагӣ баҳра бигиранд, ҳаётро омӯзанд, зеро дониши ҳаётӣ инсонро дар ҳар гуна тасодуфот ва фалокатҳои дунё эмин нигоҳ медорад:

«Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир!

Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд».

Ҳамин тариқ, дар эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба масъалаҳои гуногуни тарбият, аз он ҷумла тарбияи писарон ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо, ақидаҳои ҷолиби диққат пешниҳод карда шудаанд. Ғояҳои ахлоқӣ, панду насиҳат ва умуман андешаҳои педагогии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба эҷодиёти аксари шоирони форсизабони Шарқи мусулмонӣ, пеш аз ҳама, Мовароуннаҳр ва Хуросон таъсири худро гузоштанд, аз ин рӯ Абуабдуллоҳи Рӯдакиро на танҳо сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик, балки асосгузори афкори педагогии халқи тоҷик низ метавон номид [4, С. 28].

Олими тоҷик Қ.С. Абдураҳимов иброз намудааст, ки *«аз назари мо даъвати Рӯдакӣ барои омӯхтани таҷрибаи рӯзгор ба ду шарт вобастагӣ дорад: якум, Рӯдакӣ умри бобаракатеро гузаронд ва дар таҷрибаи ҳаётии худ исбот намуд, ки он масъалаҳое, ки дар ҳаёти фард зарурианд, метавон дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ ба даст оварад, зеро дар мактаб онро ба даст овардан мушкил аст. Дувум, он ки Рӯдакӣ аз он низоми таълиму тарбияи замонааш, ки аз ҳаёти воқеӣ дур буд, мухолифат мекард ва бо афкори пешқадами таълимию тарбиявии худ баҳри ислоҳи онҳо пардохта буд»* [3, С. 116].

Дар таърихи афкори педагогии мардуми тоҷику форс Абу Наср Ал-

Форобӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Асоси таълимоти педагогии Форобӣ масъалаи тарбияи инсони комил, бомаърифат, бомаданият, бомаълумот ба ҳисоб меравад. Дар асарҳои худ Форобӣ масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, такомули муносибатҳои ҷамъиятӣ, рушди ҷамъиятро дар алоқамандӣ бо ахлоқии маънавии ҷомеа ва таъсири он ба ҷамъият баррасӣ намудааст.

Илова бар ин, Форобӣ ба масъалаҳои тарбияи ақлӣ, маънавӣ, эстетикӣ ва меҳнатӣ эътибори ҷиддӣ додааст. Асоси таълимоти маънавӣ-эстетикии Форобиро ташаккули одами қавиирода ва устувор ташкил менамояд. Чунин инсон метавонад, ки *«дар характери худ хислатҳо ва сифатҳои манфии инсониро бартараф намуда, ҳамчун шахсияти баркамол ва мусбӣ ба воя расад. Инсон танҳо дар ҳамон вақт ба чунин сатҳ ноил мегардад, ки тарбияи ахлоқӣ-маънавии ӯ аз кӯдакӣ аввал дар оила ва сипас дар мадраса дуруст ба роҳ монда шуда бошад»* [141, С. 21-31].

Дар таърихи афкори педагогӣ тавсияҳои Форобӣ ба омӯзгорон аҳамияти муҳим дорад. Форобӣ қайд менамояд, ки инкишофи ҳаматарафаи шахс дар асоси ягонагии такомули маънавӣ ва ахлоқии инсон ва ҷамъият таъмин мегардад. Саъйу кӯшишҳои якҷояи падару модарон омӯзгорон ва тамоми ҷамъият зарур аст.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ӯ моҳияти иҷтимоии маълумот ва тарбия, нақши онҳоро дар рушд ва нумуи ҷомеа нишон додааст. Талаботи Форобӣ бо омӯзгор, ба монанди донишмандӣ, саводнокӣ, меҳрубонӣ, бошафқатӣ, серталабӣ, боадолатӣ, муносибати хайрхоҳона, муносибати инфиродӣ вобаста ба синну соли кӯдак дар шароити имрӯза низ аҳамияти худро гум накардаанд.

Чунин мешуморем, ки иҷро гардидани талаботи Форобӣ барои омӯзгорон имконият медиҳад, ки онҳо чунин сифатҳои худро ба хонандагон, махсусан ба писарон, омӯзонанд. Ин сифатҳо ба писарон имконият медиҳад, ки онҳо ба оиладорӣ, тарбияи фарзандони худ омода бошанд.

Дар афкори педагогии Абдулқосим Фирдавсӣ васфи илму дониш, касбу ҳунар мавқеи муҳим доранд. Гарчанде Фирдавсӣ ба масъалаҳои таълим ва тарбия ба таври махсус таваққуф накарда бошад ҳам, дар як қатор достонҳои худ оид ба масъалаҳои тайёрнамоии мутахассисон, касбу ҳунар ва интихоби он, методҳои озмоиши инсон ақидаҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудааст, ки имрӯз низ қимати худро аз даст надодаанд.

Фирдавсӣ дар *«Шоҳнома»* як қатор фикрҳои баланди иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, пандомӯзӣ, ғояҳои ватанпарастӣ, қаҳрамонӣ, далерӣ, шуҷоат, нафрат ба душман, адолатпарастӣ, илмдӯстӣ ва ғайраҳоро баён кардааст. Чунин мешуморем, ки ин ақидаҳо дар тарбияи мардони ҳақиқӣ аҳамияти бузург доранд.

Ҷанбаи муҳими ақидаҳои педагогии Фирдавсӣ оид ба интихоб ва азхудкунии касб аст, ки онро бо тарбияи меҳнатдӯстӣ вобаста намудааст. Фирдавсӣ таъкид намудааст, ки инсон дар фаъолияти худ танҳо дар ҳамон ҳолат муваффақ мегардад, ки назарияи касби худро хуб донад ва онро дар амалия ба таври мунтазам татбиқ намояд. Аз ин хотир, Фирдавсӣ даъват менамояд, ки одамон, махсусан ҷавонон, аз меҳнат натарсанд, баръакс онро ба касби дӯстдоштаи худ табдил диҳанд, то ки он ҳам некуаҳволӣ ва ҳам хушбахтии инсон гардад [2-М].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар афкори Фирдавсӣ сифати меҳнатдӯстӣ, тарбияи меҳнатдӯстӣ мавқеи муҳим дорад. Илова бар ин, Фирдавсӣ оид ба ҷасуриву боғайратӣ, мардонагиву адолатпарварӣ ақидаҳои мушаххас пешниҳод намудааст, ки дар тарбияи ҷавонон, махсусан писарон муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ибни Сино ба масъалаи тарбия рӯӣ оварда, ба таълим ва тарбияи инсони комил, диққати махсус равона намудааст. Мувофиқи ақидаи Ибни Сино, дар ташкил ва ба роҳ мондани кори тарбия ва таълим, пеш аз ҳама, тарбияи барвақтии кӯдакро амалӣ намудан зарур аст. *«Дар тарбияи кӯдак ба масъалаҳои ташкилӣ, роҳҳо ва усулҳо, ҳамчунин воситаҳои тарбия ва таълим нақши волидайн, мураббиён ва муаллимон диққати махсус медиҳад»*

[6; 192].

Таҳлили ақидаҳои Ибни Сино нишон медиҳад, ки дар тарбияи писарон нақши волидайн бузург аст, яъне падар барои писар ҳамчун намуна баромад менамояд. Ин ақидаи Ибни Сино аз тарбияи барвақтии кӯдакон бармеояд, ки ӯ махсусан қайд кардааст.

Илова барин, Сино таъкид менамояд, ки барои тарбияи дуруст ва бомуваффақияти кори таъсиррасонӣ нақши муҳити солим ва муносибати хайрхоҳонаву боадолатона нисбат ба тарбиятгиранда муҳим ва бузург аст. Яъне, дар тарбия зарур аст, ки муҳити мувофиқи тарбиявӣ бунёд гардида, нисбати писарон ва духтарон муносибати хайрхоҳона мавриди истифода қарор дода шавад. Зеро маҳз муносибати хайрхоҳона ва боадолатона ба писарон боис мегардад, ки онҳо чунин сифатҳои ахлоқиро аз худ намуда, хайрхоҳ ва боадолат гарданд.

Ибни Сино дар тарбияи писарон дар мавридҳои зарурӣ истифодаи усули танбеҳ, таъкид ва ҳатто ҷазоро зарур мешуморад. Ӯ дар тарбияи инсони комил ҳарчанд истифодаи ҷазоро имконпазир медонист, вале ҷазоро ба усули доимӣ ва мунтазам амалкунанда табдил додан намехост. Ҷазои ҷисмониро ҳамчун усули тарбия нисбат ба писарон танҳо як бор ва бамавқеъ истифода кардан мумкин аст. Онро бояд чунин истифода кард, ки писар як умр онро фаромӯш накунад, ба гуноҳаш иқрор шавад ва минбаъд оид ба вайрон кардани интизом фикр накунад [6, С. 192].

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ нишон медиҳад, ки Ибни Сино тарбияи писаронро дар чунин самтҳои алоҳида муайян намудааст:

– тарбияи рӯҳӣ; тарбияи фикрӣ;
– тарбияи ҷисмонӣ; тарбияи зебоишиносӣ;
– тарбияи маънавӣ;
– тарбияи касбӣ [6, С. 192].

Инчунин, Ибни Сино дар ташкили тарбия ва таълими писарон, муайян намудани мазмуни маълумот ҳамчун омӯзгор баромад менамояд, ки дар шароити имрӯза аксари онҳо дар илми дидактикаи муосир амал

мекунанд. Ин ҷанбаҳоро метавон дар мисолҳои вобаста ба синну сол муайян намудани мазмуни маълумот, ба инобат гирифтани истеъдод, қоибилият, маҳорат, тавоноӣ, шавқмандӣ, зарурати ташкили тарбия ва таълими коллективӣ, зарурати машқҳои ҷисмонӣ, таъмин намудани муҳити солим дар оила ва таълимгоҳ, истифодаи усулҳои гуногуни таълим ва тарбия махсусан қайд намуд.

Дар афкори педагогии Носири Хисрав касбомӯзӣ, интихоби касб, тарбияи ҷавонон мавқеи хосса дораду донишро воситаи асосии халосӣ аз ҷаҳолат медонад. Озодии мутлақро инсон дар асоси хотираи солим ва ҷисми солим ба даст меорад.

Инчунин, Носири Хисрав дар тарбияи писарон қайд намудааст, ки он аз оила оғоз гардида, ояндаи фарзандро муайян менамояд. Ӯ чунин фармудааст:

«Вазифаи зану мард, эӣ ҳаким, донӣ чист?

Якест киштиву он дигарест киштибон.

Ҳамеша духтари имрӯз модари фардост,

Зи модар аст муяссар бузургии писарон».

Носири Хисрав дар таърихи афкори педагогии тоҷику форс мавқеи муҳим дошта, афқори ӯ асосан ба таснифи касбу кор, омӯзиш ва тарбияи оилавӣ ҳамчун заминаи асосии тарбия равона карда шудааст.

Ақидаҳои педагогии Саъдии Шерозӣ асосан дар ду асари машҳури ӯ *«Бустон»* ва *«Гулистон»* баён гардидаанд. Дар ин асарҳо Саъдии Шерозӣ як қатор масъалаҳои педагогиро оид ба инсоният, ахлоқ ва дин аз мавқеи ақли солим баррасӣ менамояд ва худро ҳамчун гуманисти бузург нишон медиҳад.

Саъдӣ дар бораи тарбия ва таълими инсони хирадманду парҳезкор, сухандону ҳоҷатбарор фикрҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудааст. Мувофиқи ақидаи Саъдӣ, дар ташаккули шахсияти инсон тарбия, таълим, илм, дониш, муҳит, оила нақши муҳим мебозанд. Оид ба нақши тарбия дар ҳаёти инсон чунин фармудааст:

«В-одамиро, ки тарбият накунӣ,

То ба садсолагӣ харе бошад!»

Саъдӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқии инсон ба таъсири муҳит эътибори зиёд додааст. Сифатҳои ахлоқии кӯдак баъди ба дунё омадан дар зери таъсири муҳит ташаккул меёбад.

Инчунин, дар афкори педагогии Саъдӣ Шеърозӣ тарғиби илму дониш ва аҳамияти он дар ташаккули шахсияти инсон, алоқамандии назария бо амалия мавқеи аввалро ишғол менамояд. Илова бар ин, Саъдӣ муътақид буд, ки тарбия маҳз аз муҳити атроф вобаста аст, яъне дар тарбияи кӯдак муҳити оилавӣ мавқеи аввалиндараҷаро доро мебошад. Саъдии бузургвор мефармояд:

«Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,

Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.

Ки гар ақлу роият набошад басе,

Бимирию аз ту намонад касе».

Дар консепсияи тарбияи писарбачагон дар педагогикаи халқи тоҷик ростқавлӣ ва поквинҷдонӣ, меҳрубонӣ ва шафқат, адолату беғаразӣ, безарарӣ, хайрхоҳӣ ва саховатмандӣ, дӯстиву рафоқат ва дигар арзишҳои ҷавонӣ ғояҳои асосӣ мебошанд.

Консепсияи тарбияи писарон дар педагогикаи халқи тоҷик ғояҳои муҳим поквиҷдонӣ ва ростқавлӣ мебошанд, ки барои ташаккули хислатҳои ахлоқӣ заминаи асосӣ ба ҳисоб меравапд. Меҳрубонӣ ва ҳамдардӣ низ дар ин консепсия ҷои намоёнро ишғол мекунанд, зеро онҳо ба рушди ҳамдардӣ нисбат ба дигарон мусоидат мекунанд. Адолатпешагӣ ва беғаразӣ ҳамчун принсипҳои муҳими ҳамкорӣ дар ҷомеа ва муносибатҳои байни одамон баррасӣ мешаванд. Безарарӣ, аз ҷумла эҳтиром ба ҳуқуқ ва шаъну шарафи дигарон низ як ҷанбаи асосии тарбияи писарон дар педагогикаи тоҷик мебошад. Накӯкорӣ ва саховатмандӣ ҳамчун зуҳуроти саховатмандии маънавӣ ва омодагӣ ба кӯмаки дигарон шуморида мешавад. Дӯстӣ ва дигар арзишҳои ҷавонон, аз қабили рафоқат, эҳтироми бузургсолон ва

ғамхорӣ ба наздикон дар ташаккули маҳорати иҷтимоӣ ва муносибатҳои писарон дар ҷомеаи тоҷик нақши муҳим доранд.

Ҳадафи ин ғояҳои эҷоди як ҷомеаи мутаносиб ва одилона дар асоси эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ дар байни аъзоёни он ба ҳисоб меравад. Дар тарбияи писарбачагон дар Тоҷикистон низ ба рушди қобилиятҳои маънавӣ ва эҷодии онҳо, ташвиқи ҳуввият ва худшиносии ҳар як кӯдак таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Барои ташаккули шахсияти қобилияти тафаккури мустақил, масъулиятшиносӣ барои аъмоли худ ва омодагӣ ба хидмат ба ҷамъият шароит фароҳам овардан чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ҳамин тавр, консепсияи тарбияи писарон дар педагогикаи тоҷик саъй мекунад, ки шахсиятҳои барҷастаи қобили амалҳои нек ва хидмати ҷомеаро тарбия намояд.

Дар рушди афкори педагогии халқи тоҷик Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мавқеи хоса дорад. Ӯ дар асари худ *«Панд ба фарзанд»* таъкид намудааст [139 С. 249-252]:

Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,

Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, мутафаккири барҷастаи Шарқ дар асари *«Заҳират-ул-мулук»*-и худ нақши муҳими падару модар ва омӯзгорро дар тарбияи фарзанд қайд намуда, таъкид мекунад, ки онҳо бояд афроди намунавӣ ва солеҳ бошанд, то ки ба онхо таъсири судбахш расонанд. Вай менависад: *«Эй азиз, дарк кун, ки фарзанд дар назди волидайн неъмати гаронбаҳои Ҳақ аст ва ҳар кӣ ба ин ҳадя даъво кунад, ба ҳукми онҳост, бо вуҷуди ин, фарзанд қодир аст ҳам айби худро пинҳон кунад ва ҳам фазилатҳои ӯ ва фаҳмиши ҳақиқати ӯ метавонад аз ҷониби атрофиёнаш таъсир расонад»*.

Мутафаккирони форс-тоҷик дар дидгоҳҳои педагогии худ бар ин назаранд, ки андӯхтани донишу илм, интихоби касб ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон ва рӯзгори мардум аст. Онҳо инчунин боварӣ доранд, ки таҷрибаҳои ҳаёт, муносибатҳои иҷтимоӣ ва дарсҳои наслҳои гузашта

барои ҳар як шахс беҳтарин дарсҳо мебошанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиш, таҳлил ва татбиқи мафҳуми тарбияи писарбачагон дар ҷаҳони муосир мубрам аст, зеро ба қавли Рӯдакӣ *«таҷрибаи зиндагӣ»* беҳтарин мактаб ва ҳам беҳтарин омӯзгор аст. Татбиқи таҷрибаи тарбияи писарбачагони гузашта дар шароити хозира консепсияи асоснок ва инкишофёфта аст.

Воситаи таъсирбахши тарбия татбиқи васеи педагогикаи халқӣ ва этникӣ мебошад. Ба ақидаи педагогони тоҷик А.К. Бабаджанов ва И.И. Бобоев, *«Дар зери мафҳуми педагогикаи этникӣ мо ҷамъи донишҳо, метод, роҳ, восита ва методикаи кори таълиму тарбияро, ки этноси муайян дар давраи таърихӣ мавҷудияти худ бо мақсади ташаккул додани дониш, малака, маҳорат ва сифатҳои шахсияте, ки барои ин ва ё он этнос хос аст, ба як система, қолиб ва ё шакл даровардааст, мефаҳмем»* [25, С. 252].

Дар раванди таълиму тарбия истифода бурдани унсурҳои педагогикаи халқӣ таъсири калон мерасонад. Ҳатто дар усулҳои педагогикаи расмии муосир ин нерӯро ба инобат гирифта, унсурҳои мувофиқ ҷорӣ кардан лозим аст. Дар тарбияи наели наврас ва ҷавонон махсусан зарбулмасалу маколҳо аҳамияти калон дорад. Онҳо метавонанд дар ҳидоят кардани ҷавонон ба сӯи некӣ накши муассир бозанд, агар сари вакт ва мувофиқ истифода шаванд. Зеро зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ яке аз манбаҳои таҳқиқи ҳаёти маънавии мардум ба шумор рафта, барои дақиқтар омӯхтани паҳлуҳои тарбияи миллӣ аз ҳар нигоҳ ёрӣ хоҳанд расонд. Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад, ки *«тарбияи хислати миллӣ аз тарафи ҷавонон азхудкунии анъанаҳои мадании халқи худ, инчунин таъсири воситаҳои асосии педагогикаи халқиро ба идеалҳои ахлоқӣ дар назар дорад….»* [75; 29].

Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ бевосита аз таҷрибаи ҳаётии мардум гирифта шуда, барои нишонрас намудани тарбияи хислати миллӣ равона гардидаанд, зеро онҳо қариб ҳаёти маънавиро тамоми рӯзгори моддии мардумро фаро гирифта, дорои мазмун ва мундариҷаи гуногун мебошанд. Дар онҳо хислатҳои хубу бади инсон инъикос ёфта ба таври муҷаз панду

насиҳати инсон аст, ки дар онҳо таҷрибаи шахсони рӯзгордида ба таври ҷамъбаст ифода карда шудааст, ба услуби ба худ хос ифода ёфтаанд.

Мафҳуми зарбулмасал дар байни тоҷикон бо вожаҳои масал, мисол, матал, мақол, нақл, сухани бобоён, қавли бузургон, гуфтаи калонҳо, сухани падарон ва монанди инҳо ифода ёфтааст. Ҳангоми гуфтани зарбулмасал гӯяндаи он чунин таъбирҳоро ба кор мебарад *«чӣ хеле ки гуфтаанд…»*, *«ба гуфтаи падарон…»*, *«мегӯянд, ки…»*, «бобоён гуфтаанд, ки…», *«беҳуда нагуфтаанд, ки …»*, «бузургон мефармоянд, ки…», *«дар урфият мегӯянд, ки…»*, *«масал ҳаст, ки…»*, *«ҳикмате ҳаст, ки…»*, *«фалонӣ гуфтааст, ки…»*. Бо ҳамин гуна иборахо оғоз намудани зарбулмасал аз тарафи ҳар гӯяндаи он таъсирнокии зарбулмасалро боз зиёдатар мегардонад. Аз тарафи дигар, ҳамин гуна таъбирҳо маълум менамоянд, ки бузургон ва гузаштагони мо зарбулмасалу мақолҳоро ҳамчун манбаъ ва омили таъсиррасони тарбиявӣ истифода бурдаанд. Зеро зарбулмасалу мақолҳо барои тарбияи инсон, ба хусус насли ҷавон ва танқиди хислату рафтор ва гуфтори номатлуби баъзе ашхоси ҷомеа нақши муҳим доранд.

Аз нигоҳи дигар, зарбулмасалу мақол дар педагогикаи халқӣ мақоми арзандае доранд, зеро дар ҳаёти маънавии мардум рисолати бузурги иҷтимоӣ бар дӯш дошта, инсонҳоро аз аъмоли бад барҳазар медоранд, онҳоро ба покдилию поктинатӣ ва росткорию озодагӣ раҳнамун месозанд. Э.К. Василева сарчашмаи пайдоиши зарбулмасалу мақолҳоро таҷрибаи ҳаётии мардум дониста, қайд менамояд: *«Муҳтавои зарбулмасалу мақолҳо бар асоси тамоми таҷрибаи ҳаёт ва воқеоти иҷтимоию таърихии халқи меҳнаткаш бино ёфтааст»* [32, С. 105].

*«Тамоми ҳаёт, шабу рӯз меҳнат кунӣ, меҳнати модарро барнамегардонӣ»*, «Меҳрубонии модар то ба санг мерасад», *«Синаи модар-гаҳвораи писар»*, *«Шаш рӯз гурусна гардӣ ҳам, падарро эҳтиром кун»*, *«Падар зинда бошад – ба рафтори ӯ нигар, баъд аз марги падар васияти ӯро фаромӯш макун»*, *«Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад»*, *«Мардро мард мекардагӣ ҳам зан, номард мекардагӣ ҳам зан»*, *«Хонаи марди*

*дузана баракат надорад»*, *«Зани бебача, бӯрёи сари кӯча»* ба ташаккулёбии тасаввуротҳо оид ба мавқеъ, нақши зану мард, ба тарбияи оилавӣ таъсири бузург мерасонанд.

Бояд қайд намуд, ки вазифаи асосии зарбулмасалҳо тасдиқи сухан мебошад. Дар нутқи гӯянда зарбулмасалҳо на танҳо гуфторро зебову дилкаш мегардонад, балки онро қувват медиҳад, тасдиқ мекунад ва тавассути зарбулмасалу мақол муносибат ва муоширатро зуҳуроти афкори тарбиявӣ низ менамоянд.

Мазмун ва моҳияти зарбулмасалу мақолҳои *«Аввал зану охир зану он гаҳ зану мард»*, «Марди нохонда шавад меҳмони кас», *«Аввал пир, баъд тадбир»*, *«Аввал кордро ба дили худ зан, дард накунад, баъд ба кас раво бин»*, *«Аз дӯсти нодон душмани зирак беҳ»*, *«Аз каси мулоимхунук тарс»*, *«Аз меъда зиёд ҳаром аст»*, *«Аз тӯшаш мард, аз феълу хӯяш зан»*, *«Аз халқ омӯз ва ба халқ таълим деҳ»*, *«Ба мақсад мерасад ҷӯёи ком оҳиста-оҳиста»*, *«Гавҳар дар таҳти хору хас ҳам аён аст»*, *«Дили оча ба бача, дили бача ба кӯча»*, *«Дӯст гӯяд табарвор, душман гӯяд шакарвор»*, *«Дӯст дӯстро шафоат мекунад»* дар тарбияи писарҳо нақши бузург доранд.

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки ҳангоми корбурди зарбулмасалу мақолҳо дар тарбияи писарҳо бояд пеш аз ҳама он категорияи зарбулмасалу мақолҳоеро интихоб кард, ки бештар далерӣ, шуҷоатмандӣ, меҳнатдӯстии писарҳоро ифода намоянд. Аз тарафи дигар, зарбулмасалу мақолаҳои ифодакунандаи хислати мардӣ шуҷоатмандӣ, рӯҳияи маънавии онҳоро баланд мебардорад.

Бояд гуфт, ки дар заминаи педагогикаи халқӣ оид ба масъалаи таъсири зарбулмасалу мақолҳо ба тарбия таҳқиқотҳо, мақолаҳои ҷудогона таълиф шуда бошанд, аммо то ҳол дар феҳристи ягона зарбулмасалу мақолҳо вобаста ба синну соли хонандагон ва мақсаду вазифаҳои тарбиявии онҳо аз нигоҳи талаботҳои психология ва педагогика таҳия нагардидааст. Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳамин мубрамияти таъсири зарбулмасалу мақолҳо дар тарбияи насли наврас бо ва мақсади таъмини рушди ҳамаҷонибаи онҳо

бо дарки масъулият аз ин гаҷинаи бебаҳои халқ (педагогикаи этникӣ ва халқӣ), ки дар тӯли асрҳо суфтаву сайқал ёфтааст, бояд муассисаҳои таълимӣ ва волидон ба таври бошуурона ва васеъ истифода намоянд.

Аз тарафи дигар, тарбияи оилавӣ яке аз самтҳои муҳимми ҷараёни тарбия буда, аз бисёр ҷиҳат ба фаҳмишу дониш ва фаъолияти пурсамари падару модарон сахт марбут аст. Дар ин росто, оила ҳамчун таҳкурсии устувор барои ҷомеаи бузурги инсонӣ шинохта шудааст. Аъзоёни оила дар инкишофи равобити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва рушду нумуи ин ҷомеа нақши бунёдӣ доранд.

Муҳити ташаккулдиҳандаи қобилияту истеъдоди инсонӣ, дар баробари забон, тафаккур, ирода, шавқу ҳавас, урфу одат, ахлоқ анъана, расму оини халқӣ ба ҳисоб мераванд. Муҳити фарҳангӣ, ҷаҳонбинӣ, таҷриба ва сарвати маънавии волидон сарчашмаи аввалинест, ки фарзандон аз он ғизои маънавӣ мегиранд. Аз ин рӯ, волидайнро зарур аст, ки ба маънӣ ва аҳамияти зарбулмасалҳо ва татбиқи онҳо дар ҷараёни тарбияи фарзанд, бахусус писарбачаҳо таваҷҷӯҳи хоса кунанд.

Истифодаи зарбулмасалу мақол як омили дигари тарбияи ахлоқӣ, таъсиррасонӣ ба гуфтор, кирдору амал, рафтори писарон мебошад. Беҳуда нагуфтаанд: *«Касе, ки дил хун накардааст, ӯ бачаро тарбия карда наметавонад»*, *«Фарзанди нек боғи падар, фарзанди бад доғи падар»*. Истифода ва корбасти зарбулмасалу мақол аз тарафи падару модар барои тарбияи писарҳо маҳорати хосеро тақозо менамояд. Вале истифодаи бемавриди онҳо ба тарбия ва ташаккули хислатҳои писарон низ таъсири манфӣ мерасонад.

Мутафаккири бузурги тоҷик Муҳаммад Ғаззолӣ амалҳои солеҳи фарзандро бо муносибати некбинонаи падару модар алоқаманд дониста чунин мефармоянд: *«Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили поки фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ҳар тухме, ки дар вай бикорӣ, бирӯяд. Агар тухми хайру некӣ аст, ба саодати дину дунё расад ва падару модару муаллим*

*дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ, то ҳар чӣ хоҳад, кунад ва бо ҳар кӣ хоҳад, нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ накунӣ»* [97, С. 448].

Муҳити солими оила ва эҳтироми тарафайни аъзоёни оила ва риоя кардани тавсияҳои педагогикаи халқӣ ба наврасон таъсири калони психологӣ мерасонад. Чунончи, оид ба ахлоқу одоб ва беодобӣ халқ гуфтааст:

«Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,

Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ, арзон аст».

***

«Одамизод агар беадаб аст, одам нест».

***

«Ҳусн - ҳусн нест, одоб ҳусн аст».

***

«Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,

Фузунтар зи мулки Фаридун бувад».

Зарбулмасалу мақол на танҳо дар тарбияи маънавии фарзандон таъсири бузург мерасонанд, балки ба омодагии онҳо барои иҷрои нақши падарӣ ёрӣ мерасонад. Онҳо тарбияи андӯхтаашонро дар ҳаёти ояндаи оиладории худ татбиқ менамоянд. Падару модар ба сифати тарбиятгари асосии фарзанд, бояд ҳангоми истифодаи зарбулмасалу мақол, он зарбулмасалу мақолҳоеро истифода намоянд, ки боиси тамасхӯр ва малоли фазанд дар байни дигар фарзандон нагарданд.

Мо имрӯз дар чунин даврон қарор дорем, ки фарҳанги педагогии тамоми аҳолӣ, хусусан волидон, муштарак аст, яъне адо кардани қарзи шаҳрвандӣ дар назди ҷомеа, вобаста ба тарбияи насли наврас аст. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки ба баланд бардоштани маърифати педагогии волидон ғамхорӣ зоҳир намоем. Дастурҳои тарбиявиро дар асоси адабиёти шифоҳӣ вобаста ба синну соли наврасону ҷавонон таҳия намоем ва дастраси волидон гардонем. Халқи тоҷик вобаста ба тарбияи дурусти фарзанд дар

рӯзгори хеш мақолу зарбулмасалҳои фаровонеро мавриди истифода қарор додааст, ки дар онҳо ҳикматҳои тарбиявӣ амиқан ифода гардидаанд. Зеро зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ манбаи ғаниест, на танҳо барои тарбияи дурусти фарзандон, балки барои азнавсозии таълиму тарбия дар замони ҳозира ва дар амалия татбиқ намудани онҳо, барои беҳтар гардидани паҳлуҳои гуногуни тарбияи фарзандон мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, барои омӯзиш ва татбиқ намудани зарбулмасалу мақолҳо дар амалия бояд дар асоси онҳо воситаҳои таълимӣ тартиб дода шавад, падару модарон бояд аз таҷрибаи бузургони гузаштаи худ дар истифодабарии зарбулмасалу мақол дар самти таълиму тарбия истифода намоянд.

Педагогикаи халқӣ аз замони пайдоиши худ дар шаклҳои гуногун инкишоф ёфта, аз насл ба насл гузаштааст ва андешаҳои беназирро дар бораи зиндагӣ, оила, фарзанд, тарбия ва таълим таҷассум намудааст. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи эҳёи арзишҳои миллӣ оғоз гардида, унсурҳои зиёди аҷдодӣ аз нав мавриди истифода қарор гирифтанд.

Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ бевосита аз таҷрибаи ҳаётии мардум гирифта шуда, барои нишонрас намудани тарбияи миллӣ равона гардидаанд, зеро онҳо қариб тамоми рӯзгори моддию арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мардумро фаро гирифта, мазмун ва мундариҷаи онҳо гуногун мебошад. Дар зарбулмасалу мақолҳо хислатҳои хубу бади инсон инъикос ёфта, онҳо ба таври муҷаз панду насиҳати фардиро ифода менамояд. Инчунин дар онҳо таҷрибаи шахсони рӯзгордида ба таври ҷамъбаст ифода карда шудааст.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) яке аз барҷастатарин мутафаккирон ва орифони тоҷику форс мебошад, ки бо осори безаволи худ дар ақсои олам маъруфу машҳур гардидааст. Осори бамеросмондаи ӯ аз *«Девони кабир»* ё *«Куллиёти Шамси Табрезӣ»*, *«Маснавии маънавӣ»*, *«Маҷолиси сабъа»*, *«Фиҳи мо фиҳ»* ва *«Мактубот»* иборат мебошад. Мо

кӯшиш намудем, ки афкори тарбиявии дар осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ҷойдоштаро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Андешаҳои тарбиявии осори Мавлоно доираи васеи масъалаҳои зиндагиро дар бар мегирад бинобар ин мо кӯшиш намудем, мавзуи мазкурро то андозае мавриди баррасӣ қарор диҳем [106, С. 460].

Тавре ки аз таърихи адабиёти тоҷику форс бармеояд, қариб тамоми шоирони гузаштаи мо дар осори хеш ба ин мавзуъ рӯ оварда, доди сухан додаанд. Мавзуи таълиму тарбия дар осори шоирони гузаштаи тоҷику форс мақоми шоистаро сазовор аст. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ низ чун дигар шоирону орифони гузаштаи тоҷику форс дар осори мондагори хеш афкори тарбиявии муфидеро дарҷ намудааст, ки то ба имрӯз қадру қимати худро гум накардаанд.

*«Маснавии маънавӣ»*-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки кони панду андарз ба шумор меравад, чи дар замони зинда будани шоир ва чӣ дар оянда аз ҷониби аҳли илму адаби асрҳои гуногун сазовори баҳои баланд гардидааст. Масалан, донишманди аҳди Сафавиҳо Шайх Баҳоуддини Омулӣ (1547-1622 м.) дар бораи бузургии ин шоҳасар чунин гуфтааст:

Ман намегӯям, ки он олиҷаноб,
Ҳаст пайғамбар, вале дорад китоб.
«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,
Ҳаст Қуръоне ба лафзи паҳлавӣ [102, С. 704].

Дар ҳақиқат, *«Маснавии маънавӣ»*-и Мавлавӣ уқёнусеро мемонад, ки ҳар кас мувофиқи зарфияти хеш аз он дурдонаҳоеро ба чанг меоварад. Чун ба тадқиқи афкори тарбиявии шоир мепардозем, Мавлоноро ҳамчун шахси дорои донишу фарҳанги бузург ва ақлу хиради беҳамто дармеёбем, ки бо ақидаҳои оқилонаву одилонаи хеш оламиёнро ба бедориву ҳушёрӣ ва худшиносиву худогоҳӣ даъват намудааст.

Тавре ёдрас шудем, ки доир ба таълиму тарбия адибони гузаштаи тоҷику форс, чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Низомии

Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон дар осорашон беҳтарин суханҳоро гуфтаанд, ки мутолиаи онҳо имрӯз ҳам аз манфиат холӣ нест.

Донишманди маъруфи тоҷик Муллоҷон Фозилов дар пешгуфтори китоби *«Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо»* доир ба андарзу пандноманависии гузаштагонамон чунин нигоштааст: *«Панду андарзнависӣ дар адабиёти бадеии мо ҳанӯз дар давраи Сосониён ба вуҷуд омада, насиҳатномаҳои «Андарзи Хусрави Анушервон», «Андарзи Озарбоди Меҳриспандон», «Андарзи Беҳзодфаррухи Фирӯз», «Панди Зартушт»* ва ғайра аз он давр ба мо расидаанд [102, С. 253].

Ҳамчунин ӯ дар китоби *«Панду ҳикмат»* низ дар бораи мавқеи намоён доштани суханони панду андарзии гузаштагонамон чунин гуфтааст. *«Панду ҳикмат ва суханони хирадмандона, ки дар адабиёти даҳониву китобии халқи тоҷик хеле пурбаракат мебошад, асрҳо инҷониб дар ҳаёти моддӣ ва маънавии халқамон мавқеи ниҳоятдараҷа бузурге доштааст. Чи тавре ки ҳар як халқ панду ҳикмати аҷдоду бузургони худашро дӯст медорад, халқи тоҷик низ нисбат ба суханони ҳакимонаи гузаштагони худ, ки дар зиндагӣ чун дастуруламал хизмат кардаанд, ҳурмату эҳтироми бағоят самимонае доштааст»* [102, С. 96].

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ пеш аз он ки ба эҷоди нуктаҳои тарбиявӣ пардозад, аз илмҳои динии замони худ ва инчунин аз осори илмиву адабии гузаштагону муосирони худ нек бархӯрдор буд.

Дар *«Маснавии маънавӣ»* мо ба абёти зиёди тарбиявие рӯ ба рӯ мешавем, ки дар онҳо ба писар муроҷиат карда шудааст. Дар байти зерин шоир бо овардани таркиби *«эй писар»* хонандаро ба озод будану побанди симу зар нашудан даъват намудааст. Ба андешаи мо, мухотаби шоир на танҳо писари ӯ, балки хитоби ӯ ба тамоми хонандагони асараш равона гардидааст.

Банд бигсил, бош озод, эй писар!

Чанд бошӣ банди симу банди зар?

Баъдан ӯ дар абёти дигари ин фасл ба мазамматми бути нафс пардохта, зимнан ба хонанда панд медиҳад, ки агар сурати нафсро донистан хоҳӣ, қиссаи дӯзахро ба ёд ор. Дар абёти дигари ин порча шоир нафси бадро боиси ҳалокати одамӣ шуморида, роҳи аз он халос шуданро фақат дар саркӯб намудани он ва гаравидан ба дини аҳмадӣ медонад:

Сурати нафс ар бичӯӣ, эй писар,
Қиссаи дӯзах бихон бо ҳафт дар.
Ҳар нафас макрею дар ҳар макр з-он,
Ғарқа сад Фиръавн бо фиръавниён.
Дар Худои Мӯсию Мӯсо гурез,
Оби имонро зи фиръавнӣ марез.
Дастро андар Аҳад в-Аҳмад бизан,
Эй бародар, ворaҳ аз Бучаҳли тан [106, С.460].

Дар абёти боло шоир нафси саркашро ба дӯзах ташбеҳ дода, Мусоро бо Фиръавн ва Муҳаммадро бо Абучаҳл муқобил гузошта, бо зикри ин ҳама тазод хонандаро барои халосӣ аз нафси тан ҳидоят намудааст.

Чунин афкори пандомӯзу тарбиявии Мавлоноро мо дар фасли *«Қиссаи макри харгӯш»*-и *«Маснавии маънавӣ»* низ дармеёбем, ки ин ҷо низ сухан бо хитоби *«эй писар»* оғоз гардидааст:

Ҳаст он рег, эй писар, марди Худо,
К-ӯ ба Ҳақ пайваст в-аз худ шуд ҷудо.
Ғайри марди Ҳақ чу реги хушк дон,
К-оби умратро хӯрад ӯ ҳар замон.
Толиби ҳикмат шав аз марди ҳаким,
То аз ӯ гардӣ ту бинову алим [106; 460].

Дар порчаи боло шоир марди Худоро ба реги тари лаби баҳр монанд карда, ғайри марди Худоро чун реги хушки биёбон донистааст, ки доим фурӯбарандаи оби умри инсон аст. Баъдан дар байти сеюм ӯ толиби ҳикмату марди ҳаким шуданро талқин мекунад, ки инсон бо мадади онҳо донову бино мегардад.

Хотиррасон бояд намуд, ки гузаштагонамон дар осори хеш бо хитоби *«эй писар»*, на писари худ, балки хонандаи асарро мавриди мухотаб қарор додаанд. Чунин суханони пандомезеро, ки бо хитоби *«эй писар»* оғоз мешаванд, мо дар ашъори пандуандарзии Фаридуддини Аттор низ дучор мешавем.

Эй писар, қасди дилозорӣ макун,

В-аз Худои хеш безорӣ макун...

Эй писар панду насиҳат гӯш кун,

Гар наҷоте боядат хомӯш кун [106; 460].

Фаридуддини Аттор дар «Пандномa»-и худ баъзан ба ҷойи мухотаби *«эй писар»* таркибҳои гуногунеро, ба монанди *«эй бародар»*, *«эй ахӣ»*, *«эй салим»*, *«эй ҷавон»*, *«эй аҳли тамиз»*, *«эй азиз»*-ро низ истифода кардааст.

Эй бародар, бандаи маъбуд бош,

То тавонӣ, бо сахову ҷуд бош...

Чор чизат аз атоҳои карим,

Бо ту гӯям, ёд гираш, эй салим.

***

Умри мардумро бикоҳад панҷ чиз,

Ёд гираш, чун шунидӣ, эй азиз...

Мефизояд обрӯ аз панҷ чиз,

Бо ту гӯям, бишнав, эй аҳли тамиз [106; 460].

Мавлоно низ дар оғози маснавӣ хонандагони худро бо эҳтирому икроми зиёд бо ибораи *«эй дӯстон»* мавриди мухотаб қарор додааст:

Бишнавед, эй дӯстон, ин достон,

Худ ҳақиқат нақди ҳоли мост он.

Аз мисолҳои фавқ бармеояд, ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ чун дигар устодони гузаштаи худ – Саноиву Аттор, дар осораш на фақат писари худ, балки дар умум хонандаи китобашро мавриди мухотаб қарор додааст.

Ақидаҳои тарбиявии Мавлоно дар *«Маснавии маънавӣ»* ба тариқи

панду андарз дар либоси зебои назм оварда шудааст. Дар поён чанд байти тарбиявии ин шоҳасарро намуна меорем.

«Аз Худо ҷӯем тавфиқи адаб,
Беадаб маҳрум гашт аз лутфи Раб.
Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳама офоқ зад» [106; 460].

***

«Ҳар чӣ бар ту ояд аз зулмоту ғам,
Он зи бебокиву густохист ҳам.
Ҳар ки бебокӣ кунад дар роҳи дӯст,
Раҳзани мардон шуду номард ӯст.
Аз адаб пурнур гаштаст ин фалак,
В-аз адаб маъсуму пок омад малак» [106; 460].

Расул Ҳодизода дар пешгуфтори китоби *«Ҳикоятҳои халқии «Маснавӣ»* роҷеъ ба ҷанбаи пандуахлоқӣ доштани ҳикоятҳои «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ чунин овардааст: *«Ҳикоятҳои халқие ки дар «Маснавӣ»* истифода бурда шудаанд, қариб ҳамагӣ характери ахлоқӣ ва пандомӯзӣ доранд. Ғайр аз ин худи Румӣ ҳам дар зимни ин ҳикоятҳо бисёр байту мисраъҳои ҳикматомез ва насиҳатомӯз низ дохил намудааст, ки бо ин қимати онҳо борҳо афзудааст.

Муллоҷон Фозилов, ки умри худро сарфи ҷамъоварии панду андарзи ниёгон намудааст, дар китоби *«Панду ҳикмат»*-и хеш абёти зерини *«Маснавии маънавӣ»*-и Мавлоноро иқтибос овардааст, ки ҳамагӣ ҷанбаи тарбиявӣ доранд:

Узри аҳмақ бадтар аз ҷурмаш бувад,
Узри нодон заҳри ҳар дониш шавад.

***

Панд гуфтан бо ҷаҳули хобнок,
Тухм афгандан бувад дар шӯрахок.

***

Талх аз ширинлабон х(в)аш мешавад,
Хор аз гулзор дилкаш мешавад.

***

Дил биёромад зи гуфтори савоб,
Ончунон ки ташна оромад зи об.

***

Як ҷафо аз хешу аз ёру табор,
Дар гаронӣ ҳаст чун сесад ҳазор [106; 460].

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ақоиди тарбиявии худро на танҳо дар маснавӣ, балки дар дигар осори хеш низ овардааст. Масалан, дар *«Девони кабир»*-и ӯ ашъори пандомӯзу тарбиявӣ фаровон ба назар мерасанд. Чунончи, дар ғазали зерин ӯ ду мавзуъро муқобили ҳам оварда, пирӯзию иттифоқиро ситоиш ва парокандагию нифоқкориро мавриди мазаммат қарор додааст

Паркандагӣ аз нифоқ хезад,
Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад.
Ту ноз кунию ёри ту ноз,
Чун ноз ду шуд, талоқ хезад.
В-ар з-он, ки ниёз пеш орӣ,
Сад васлату сад иноқ хезад.
Аз ноз шавад вилояте танг,
Дар дил сафари Ироқ хезад.
Ту хуни такаббур ар нарезӣ,
Хун ҷӯш кунад, ҳуноқ хезад.
Рав дурдии нозро биполо,
Зеро тараб аз равоқ хезад.
Ёр он талабад, ки завқ ёбад,
Зеро талаб аз мазоқ хезад.
Ёр аст на чӯб, машкан ӯро,
Чун баршиканӣ, тароқ хезад.

Ин бонги тароқ чӯби моро,

Донем, ки аз нифоқ хезад.

Шав ҷамъ зи ишқи Шамси Табрез,

Паркандагӣ аз нифоқ хезад [106; 460].

Ҳамчунин, абёти пандуандарзии Мавлоноро мо дар рубоиёти мутафаккир низ мебинем, ки то ҳанӯз аҳамияти тарбиявии худро аз даст надодаанд. Барои мисол дар поён ду рубоии Мавлоноро намуна меорем, ки якеаш агар хонандаро ба покию ростӣ, илмомӯзӣ раҳнамоӣ кунад, дигараш шахсро ба накуву накукор будан ва аз ҷамъоварии моли ғафлатзо парҳез намуданро талқин кардааст.

Хоҳӣ ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,

Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.

Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,

То тоҷи наберагони Одам бошӣ.

Рав, некӣ кун, ки даҳр некӣ донад,

Ӯ некиро зи некувон настонад.

Мол аз ҳама монду аз ту ҳам хоҳад монд,

Он беҳ, ки ба ҷойи мол некӣ монад [106; 460].

Ҳамин тариқ, консепсияи тарбияи писаронро дар педагогикаи халқи тоҷикро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

– дар солҳои давлати шӯравӣ педагогикаи халқи тоҷик дар доираи корҳои тадқиқотии алоҳида на ҳама вақт пурра омухта ва муҳокима карда мешуданд. Ин вазъият ба он оварда расонд, ки то имрӯз масъалаи тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба бунёди оила, оиладорӣ ва тарбияи фарзанд махсус дар зерхати талаботҳои иҷтимоӣ таҳқиқ нагардидаанд:

– дар доираи педагогикаи халқи тоҷик масъалаҳои мухталиф, ба монанди тарбияи меҳнатӣ, нақши анъанаҳои халқӣ дар тарбияи маънавӣ, принсипҳои ташкили оила ва оиладорӣ, ғояҳои тарбия дар фолклор, достонҳои халқӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ватандӯстӣ,

тарбия дар оила, тарбияи писарҳо дар фолклор, анъанаҳои миллии тарбия дар оила, муносибати зан ва шавҳар, муносибати падар бо фарзанд ва ғайраҳо зиёдтар аз ҷиҳати назариявӣ гирд оварда шудаанд;

- пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи эҳёи арзишҳои миллӣ, аз он ҷумла педагогикаи халқӣ, оғоз гардида, мероси ахлоқӣ-тарбиявии аҷдодӣ аз нав мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар доираи таҳқиқотҳои доманадор масъалаҳои мухталифи педагогикаи халқӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуданд;
- заминаҳои аввалини консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик аз эҷодиёти шифоҳӣ сарчашма мегирад, ки он дар заминаи таҷрибаи ҳазорсолаи халқ эҷод гардида, дар ҳаёт арзишмандии худро собит намудааст;
- консепсияи тарбияи писарҳо дар афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик таҷассум гардидаанд, ки онҳоро муҳаққиқон дар заминаи илмӣ то андозае мавриди таҳқиқ қарор додаанд ва он минбаъд дар такмилу ташаккул ёфтан қарор дорад;
- ҷанбаи асосии консепсияи тарбияи писарон дар педагогикаи халқӣ ин тарбияи мардонагӣ, ҷавонмардӣ, ҳушёрию зиракӣ, тавонмандӣ мебошад, ки бо ташаккулдиҳии сифатҳои ахлоқӣ ва тарбияи меҳнатӣ алоқаманд буда, мақсади он додани дониш, малака ва маҳорати иҷтимоӣ ба писарон дар самти оиладорӣ ва иҷрои вазифаи волидайни мебошад;
- зарбулмасалу мақолҳо унсури муҳими педагогикаи халқӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди кори таълиму тарбия неруи бузурги таъсиррасониро соҳибанд, ки онро ҳатто дар методҳои тарбиявии педагогикаи расмии имрӯза татбиқ намудан зарур мебошад.

## 1.3. Омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ

Таҷрибаи этнопедагогӣ ва этнопсихологӣ, ки ба ҳар як миллат хос аст, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. Таърихи ҳаёти ҳар як халқ дар бораи алоқаи мустаҳками оила ва инкишофи бисёртарафаи фарзандон он шаҳодат медиҳад. Анъанаҳои миллии тоҷикон дар ташаккули ҳувияти миллӣ, бунёди давлати оянда ва интихоби роҳи дурусти мавқеи иҷтимоӣ, аз ҷумла ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарон нақши муҳим доранд. Дар ҷомеаи имрӯза таълим ва тарбияи фарзандон фаъолияти якҷояи волидайнро бо муассисаҳои таълимӣ ва тамоми аҳли ҷомеаи талаб менамояд.

Таҳлили масъалаи ба муносибатҳои ҷузъҳои субъективии таҳсилот тааллуқдошта дар адабиёти психологӣ-педагогӣ якранг набудани муносибатҳои мавҷударо нисбат ба ҳаллу фасли муносибати арзишнок нисбат ба оила дар писарони синфҳои болоӣ нишон медиҳад. Ба вуҷуд овардани шароити педагогӣ ба таври зич ба чунин проблемаҳо дар соҳаи таҳсилот алоқаманд мебошад, ки ҷараёнҳои тарбия, таҳсилот ва таълимро аз нуқтаи назари арзишнокии онҳо мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

Таърихан дар низоми маориф муайян кардани самти ҳаракатҳо дар чаҳорчӯбаи иваз намудани арзишҳо дар тафаккури иҷтимоӣ ва низоми таълим Н.С. Розов амалӣ мешавад, ки доир ба субъекти муносибатҳо нисбат ба арзишҳо, ба умумибашарӣ, миллӣ, синфӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ ҷудо мешаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин нуқтаи назар дақиқ кардан зарур аст, ки арзишҳои педагогӣ муҳайё кардани шароит буда, фаъолияти муайянеро амалӣ мекунанд ва дорои сатҳои гуногуни мавҷудият мебошанд: иҷтимоӣ-педагогӣ, инфиродӣ-шахсӣ ва касбӣ-гурӯҳӣ. Шуури писарон арзишҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, касбӣ-гурӯҳиро иваз намуда, низоми арзишҳои шахсии худро месозад, ки ҷузъҳои онҳо намуди вазифаҳои иҷтимоӣ-эстетикӣ,

иҷтимоӣ-фарҳангиро ба худ мегиранд. Ба унвони вазифаи иҷтимоӣ-эстетикӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ консепсияи маъноӣ-шахсии арзишҳои оилавӣ ҳамчун арзиши ба худ хоси стратегияи оиладори оянда баромад мекунанд. Аз ин рӯ, дар чаҳорчӯби ин ҷараён ба таври пайдарҳам ва бонизом талаботи намунаи иҷтимоӣ-фарҳангиро, ки ба омодагии писарони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ равона шудааст, ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Аз ин мавқеъ зарурати муайян кардани пайдарпайии самарноки ташаккули муносибати муҳимми иҷтимоӣ нисбат бо оила ба вуҷуд меояд, яъне зарурати сохтани амсилаи мувофиқ, ки ҳамчун воситаи ташаккули муносибати писарони синфҳои болоӣ нисбат ба оила дар асоси технологияҳои нав ба вуҷуд меояд.

***Амсила*** – ин тасвир, нақша, тасвири ягон объекте мебошад, ки дар шакли кӯчактар ва содатар дар шакли сохтору сифат ва муносибатҳои дуҷониба дар байни ҷузъҳои он  ва барои гирифтани иттилоот дар бораи объекти таҳқиқшаванда ба таври содагардонидашуда инъикосшуда мебошад.

Истилоҳи ташаккул ҳамчун ҷараёни объективии мақсаднок; механизми таъсиррасонии бошуурона ба инкишофи шахсият бо кумаки ягон омил ё восита, ки бо ин роҳ ба аз худ кардани арзиши оилавӣ мусоидат мекунад муайян, карда мешавад.

Ба унвони пойгоҳ барои сохтани амсилаи ҷараёни ташаккули муносибати арзишноки писарони синфҳои болоӣ нисбат ба оила мавридҳои зерин баромад кардаанд: ғояи муносибати онтологӣ Г. Гегел, И. Кант, ки аз тарафи шахсият пайдо кардани тарзи мавҷудият, асли *«Ман»*, худтатбиқкуниро дар назар дорад; ғояҳои муносибати аксиологӣ И. Илин, Ш. Монтеске, В.В. Розанов, Ж.Ж. Руссо, ки оиларо ҳамчун арзиши аҳамиятнок барои ҷомеа мепиндорад; намоиш додани арзишҳои иҷтимоӣ; ғояҳои муносибати арзишнок дар таҳсилот Е.В. Бондаревска, А.В. Киряков, Л.П. Разбегаев, ки ба ташаккули низоми тамоюлҳои арзишӣ

«Муносибатҳои арзишии шахсият, ки таҳсилоти гуманитариро ҳамчун муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ муайян мекунанд ва дар он ҷо ба мактаббачагон додани арзишҳои умумибашарӣ ба амал меояд; назарияи якпорчагии ҷараён М.Н. Боритко, В.С. Илин, ки ба якпорчагии ҷараёнҳои педагогӣ даъват карда, ҷараёни таълиму тарбияро асоснок мекунанд ва ин ба инкишофи шахсияти комил ҳидоятшуда ва муайянкунандаи самтҳои методологии муносибати шахсият ба оила ҳамчун арзиши муҳимми иҷтимоӣ маҳсуб меёбад; муносибати фаъолиятнок нисбат ба ҷараёни ташкили педагогӣ А.Н. Леонтев ва муносибати ба шахсият нигаронидашуда дар таҳсилот В.В. Сериков, ки ба нақши махсуси фаъолият дар ташаккули шуури шахсият ба таълимро даъват карда, шароити шахсияти тарбиягирандаро ҳамчун субъекти ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ, ки имконият медиҳад, низоми воситаҳои лозима тарроҳӣ карда шаванд; ғояҳои ҷараёни сермаҳсули тафаккури эҷодӣ дар таҳсилот А.В. Хуторский, ки имконоти аз тарафи хонанда бунёд гузоштани натиҷаи маърифатии хешро дар назар дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло, ифодаи ғояҳои асосии ин муносибатҳоро муҳим мешуморем. Муносибати онтологӣ пайдо кардани тарзи мавҷудияти худии шахсият, пайдо кардани асли «*ман*» дар ҷараёни маърифатии худмуайянкунӣ ва худтатбиққуниро дар назар дарад. Дар ин муносибат вазифаи асосӣ таваҷҷуҳи омехта барои дарк ва якдигарфаҳмии субъектҳои воқеӣ ба ҳисоб меравад.

Дар низоми ҳозираи педагогӣ таҳсилот ҷараёни аз худ кардани арзишҳои умумибашарӣ маҳсуб ёфта, марҳилаҳои зеринро дар назар дорад:

– ироаи арзишҳо дар шароитҳои воқеӣ;
– арзёбии аввалияи он, таъмини муносибати устувори эмотсионалии мусбӣ нисбат ба ин арзиш; кушодани маънои арзиш ва моҳияти он;
– қабули бошууронаи арзиш;

– шомил намудани муносибати арзишнок дар шароитҳои иҷтимоии муошират ва амалкарди тарбиягирандагон;
– таҳкими муносибати арзишнок дар рафтор ва фаъолияти тарбиягирандагон.

Ҳангоми сохтани амсилаи ҷараёни ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба оила аз мавқеи муносибати арзишнок диққати мактаббачагонро ба аз худ карадани арзишҳо дар ҷараёни интихоб ва воситаҳои дидактикӣ ҷалб намудан зарур аст.

Муносибати якпорча ҷузъҳои ҷараёни дидактикӣ, ки ба воситаи мафҳумҳои зерин муайян мегардад: *«мазмун», «маводи таълим», «метод», «усул», «воситаи дидактикӣ», «шаклҳо»* ва амсоли инҳо, ки ба тартиби муайяни марҳилаҳои он ҷараён мегирад; мақсад, восита, натиҷа, ки дар ин ҷо ҷузъи низомофар мақсади марҳилаҳо ва ҷараёни ташкили дигар марҳилаҳо маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, якпорчагии ҷараёни педагогӣ ба сатҳи баланди самаранокии он ҳамчун хислатҳои ҷудогонаи шахсият инчунин ҳамаи сохтори шахсият дар маҷмуъ дар ҷараёни муносибати арзишноки мактаббача мусоидат мекунад.

Мутобиқ ба муносибати фаъолиятнок инсон бояд ба таври фаъолона таҷрибаи таърихиро аз худ кунад, ки қисмати муҳимтарини он таҷрибаи аз худ кардани арзиш маҳсуб меёбад. Ба ҷуз ин дар чаҳорчӯби ин муносибат консепсияи ташаккули марҳила ба марҳилаи ҳаракатҳои оқилона, ки ҷараёни касби донишҳоро ҳангоми аз тарафи писарон ба амал баровардани низоми фаъолият асоснок мекунад, ба таври васеъ паҳн шудааст Т.Я. Галперин.

Муносибати ба шахсият нигаронидашуда ҳангоми сохтани амсила дар таҳқиқот бо хислати дутарафаи ҷараёни педагогӣ бо дарназардошти талабот ва имконоти шахсияти субъекти ҷараёни маърифатӣ марбут мебошад. Ин консепсия бар пояи принсипи методологии ягонагии таъсири беруна ва дохилӣ, ки ба инкишофи шаклҳои гуногуни таҷрибаи шахсӣ нигаронида шудааст, асос ёфтааст.

Бо ин консепсия инчунин тафаккури самараноки эҷодӣ ба таври зич алоқаманд мебошад, чунки имконоти сохтани маҳсулоти шахсии маърифатӣ ба ҳаракаткунандагон асосан донишҳо доир ба таърих ё мақсади низоми маъниҳои ҳаётиро дар назар дорад В.В. Сериков. Ин муносибат ба интихоби воситаҳои дидактикӣ мусоидат намуда, ташкили фаъолияти тарроҳии мактаббачагонро ба анҷом мерасонад. Мақсади асосии таълими тафаккури самараноки эҷодӣ – ин аз тарафи хонанда тарроҳии маъно, мақсад, ва мазмуни таҳсилоти хеш, инчунин ҷараёни ташкил, ташхис ва дарки он мебошад А.В. Хуторской. Дар ин ҳолат хонанда доираи таҳсилоти хешро дар ҳар кадом аз фанҳои омӯхташаванда муайян карда, на танҳо донишҳоро аз худ мекунад, балки мақсади машғулиятҳо, барномаҳои таълимӣ, тарзҳои омӯзиши мавзуъҳо, шаклҳои пешниҳод ва арзёбии натиҷаҳои маърифатӣ, ки бевосита дар ҷараёни фаъолияти писарон зоҳир мегардад, мушаххас менамояд.

Механизми амалишавии арзишҳо ҳангоми муҳайё сохтани ҷараёни педагогӣ аз ҷониби психологҳо Л.С. Висотский ва А.Н. Леонтев асоснок карда шуда, аз он иборат аст, ки *«вижагиҳои шахсӣ»* дар писарон аз берун ба дохил бо тартиби муайян ташаккул меёбанд:

– мушоҳидаи намунаи рафторҳо;
– кӯшиши ба иқтибос гирифтан ва дар фаъолияти шахсӣ ва муошират мавриди истифода қарор додани онҳо;
– истифодаи минбаъдаи низомнокӣ ва маъмулии онҳо нисбат ба якдигар;
– дигаргун сохтани намунаҳои аввалия ва қабулшуда дар вижагии ботинии хеш.

Мутобиқ ба назарияи фаъолияти А.Н. Леонтев, ҳамаи инкишофи психологии шахсият марбут ба ҷараёни аз тарафи фард аз худ кардани донишҳо «бо тарзи фаъолият, таҷрибаи иҷтимоии андӯхташудаи инсоният» мебошад. Ба андешаи Б.Г. Анаев, ташаккули шахсият ба воситаи ҷараёнҳои маърифатӣ, ҷараёни аз худ кардани натиҷаҳои фарҳанг

ва таҷрибаи иҷтимоӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия, аз худ кардани нақшҳои иҷтимоӣ, фаҳмиш ва вазифаҳоеро, ки сохтори онро муайян мекунад, ба ҳисоб меравад. Соҳаи ваҷҳҳо ва арзишҳо бевосита марбут ба ташаккули иҷтимоии шахсият мебошанд.

Қабули арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ, ба андешаи И.Ф. Клименко, тавассути аз худ кардани меъёрҳои иҷтимоӣ ҳам дар масъалаи забонӣ ва ҳам дар масъалаи рафтор ба амал бароварда мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки дарки арзиши оила ҷараёни бошууронае мебошад, ки ин раванд дар фард мавҷуд будани маҳорати аз теъдоди бисёр падидаҳо ҷудо кардани он қисматҳоеро дар назар дорад, ки барои ӯ муҳим мебошанд ва сипас онҳоро ба сохтори муайяне вобаста ба мақсадҳои шахсии ҳаётӣ ва имконоти амалӣ намудани онҳо табдил медиҳад. Ин маҳорат танҳо дар сурати ба таври кофӣ баланд будани сатҳи инкишофи шахсият, шомили дараҷаи мувофиқи ташаккул ёфтани шуур ва ниҳоди иҷтимоӣ-психологӣ будан, имкон дорад [134, С. 241-245].

Аз худ кардани арзишҳо, мутобиқ ба гуфтаҳои Б.И. Додонов, танҳо дар сурати мусбат будани арзёбӣ (эмотсионалӣ ва ратсионалӣ) ба амал меояд.

Дар ҷараёни аз худ кардани арзишҳои оилавӣ дар баробари омилҳои ақлонӣ ва эмотсионалӣ ҷойи махсусро ҷузъҳои иродавӣ низ ишғол мекунанд, чунки ирода амалан ҳамаи ҷараёнҳои асосии психологӣ дар бораи иҷроиши ирода дар идоракунии фаъолияти фардро дар назар дорад, қайд мекунад, Р.С. Немов.

Л.П. Разбегаева механизми ташаккули ҷаҳони ботиниро ба маҷмуи *«фаҳмиш-пазируфтан»* вобаста медонад. Чунин механизмҳоро дар баёни хеш дар ифодаи фаъолиятҳои беруна пайдо мекунанд, ки ба механизми аз худ кардани арзишҳо: *«ҷустуҷӯ-арзёбӣ-интихоб-фикри шахсӣ»* А.В. Кряковой тааллуқ дорад.

Акнун дар бораи ҷузъҳои ин механизм таваққуф мекунем. Ҷустуҷӯ

чунин тавсифҳоро доро мебошад: объект, фосила, самтнокӣ ва дараҷаи мустақилият, чунки арзиши оила ва ҷанбаҳои ичтимоии он, аввалан ҳамчун объекти ҷустуҷӯ баромад мекунад, сониян, интихоби фаъолияти ҳамкорӣ дар таълим бо мактаббачагон сурат мегирад ва вижагии воситаҳои истифодашаванда, фосила ва дараҷаи мустақилияти ҷустуҷӯро муайян мекунад. Ҳамзамон, дарки талабот ва ба даст овардани дониши объект ҳамчун вазифаи асосӣ ва механизми ҷустуҷӯ баромад мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба шарофати ҷустуҷӯ хонанда дар бораи арзишҳои оилавӣ дониш, ба даст оварда, дар натиҷаи пайваста омӯхтан онҳоро ғанӣ мегардонад. Ҷустуҷӯ ҳамчун марҳилаи ибтидоии механизм дар писарон ташаккул додани муносибат нисбат ба оила ҳамчун арзиш маҳсуб меёбад, ки нисбатан возеҳтар дар фаъолияти маърифатии онҳо бармало шуда, дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таҳсилотӣ амал мекунад. И.Я. Лернер ҷустуҷӯро ҳамчун методи таълим, ки дорои вазифаи махсуси инкишофдиҳанда мебошад, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Арзёбӣ ҷузъи зерини хулосашудаи механизми арзишнок мебошад, ки бо ҷустуҷӯ алоқаи зич дошта, дар чаҳорчӯби фаъолият *«объектҳои арзишнок барои субъектро»* ошкор мекунад [137, С. 358]. Мубаддал гаштани фард ба шахсият, чи хеле ки Т.Ф. Акбашев қайд мекунад, на ба хотири он ба амал меояд, ки ӯ дарк мекунад, балки ба хотири он ба амал меояд, ки дар ӯ муносибати шахсӣ нисбат ба объекти дарк тавассути арзёбӣ ба амал меояд, чунки вай тавассути аксуламалҳои эмотсионалӣ ва иродавии субъект ифода мегардад. Пас, дар ҷараёни ташаккули муносибати арзишнок дар мактаббачагон нисбат ба оила ба вуҷуд овардани муносибати мусбат ҳамчун механизми таҳкимёбандаи арзиш ва интихоб ба мақсади ба таври муваффақона ҷараён гирифтани ҷараёни мазкур мебошад.

Таносуби масъалаи берунӣ ва дохилии ҳаёту фаъолияти инсон интихобро ҳамчун механизм таъмин мекунад. Муҳаққиқон нақши интихобро ҳамчун механизми ташаккули муносибати арзишнок тавсиф

намуда, дар бораи он ба хулоса омаданд, ки дар натиҷаи ин ҷараён гузариш аз сухан тавассути арзёбӣ ба фаъолият амалӣ карда мешавад Л.П. Разбегева; барои анҷом додани амали интихоб фард бояд аз якчанд имкониятҳои мавҷуда якеро интихоб кунад В.И. Батиюновский; зимни дар писарони синфҳои болоӣ ташаккул ёфтани муносибатҳои арзишнок бояд вазъияти таълимӣ-тарбиявӣ ба вуҷуд оварда шавад, ки ба мактаббача имкон диҳад, ки интихоби шахсии худро муайян кунад В.В. Сериков.

Муҳаққиқон И.С. Кон, А.В. Мудрик, Е.А. Шумилик қайд мекунанд, ки бавежа синни ҷавонӣ давраи *«интихоби тасмим»* мебошад. Барои ҳамин ҳам дар инсон доштани маҳорат ва имконоти дарки қабули тасмими «афзалияти шакли самараноку оқилона ва таҷрибаи ахлоқӣ»-ро талаб мекунад. Дар асоси интихоби арзиши нисбатан муҳим аз теъдоди зиёд ё маҳдуд кардани доираи шаклҳо ҷараёни тағйирёбии шахсият ба амал меояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки *«интихоби арзишҳо»* шарти асосии муносибати шахсияти образи инсони фарҳангӣ ва худмуаррифии фарҳангии он мебошад [142, С. 110-115].

Вазифаи интихоб ҳамчун ҷузъи механизми ташаккули муносибати арзишнок дар писарон нисбат ба оила, кашф ва таҳкими муносибати эмотсионалӣ-маъноии нисбат ба оила буда, инчунин ин механизм ба таври зич бо ҳиссиёту ҳолати эмоционалӣ алоқаманд мебошад.

Ҳолати эмотсионалӣ ҳамчун пешгӯйи мавқеи ҳаёти воқеӣ, нақшаи зиндагӣ, дурнамои воқеии самаранок буда, ҳамин тариқ симои оиладори ояндаро месозад.

Ин чиз дар навбати худ аз тарафи донишмандон ҳамчун нишондиҳандаи ҷараёни тамоюл дар он тавсиф гардида, ҷустуҷӯ, арзёбӣ, интихоб ва натиҷаи тарроҳии дурнамои ояндаи шахсиро анҷом медиҳад.

Ин нишондиҳанда, мутобиқ ба гуфтаи донишмандон, боиси тағйиротҳои устувор дар соҳаи арзишҳои мактаббачагон хоҳанд шуд.

Ҷараёнҳои дар боло тасвиршуда, пайдарҳамии марҳилаҳои ҷараёни амсиларонишудаи сатҳҳои идоракунии муносибати арзишнок нисбат ба

оиларо, ки сифатнокии марҳилаҳоро муайян мекунанд, нишон додаанд. Инчунин дар асоси имконияти арзишноки фанҳои гуманитарӣ дар таҳқиқот марҳилаҳои зерини ҷараёни ташаккули муносибати арзишноки писарони синфҳои болоӣ нисбат ба оила ҷудо карда шудаанд.

Анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбия фаъолияти якҷоя и волидон, муассисаҳои таҳсилотӣ ва аҳли ҷомеаро талаб мекунанд.

Ба андешаи мо, консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик ба принсипҳои зерин такя намуда, ба анъанаҳои миллии тарбиявӣ алоқаманд мебошад:

– дониш додан ва дар зиндагӣ татбиқ намудани он;
– мувофиқ намудани низоми тарбия ва таълими миллӣ ба низоми ҷаҳонии таҳсилот;
– эҳтиром ва тарғиби анъана ва арзишҳои миллӣ, дастгирии ягонагии тарбияи ахлоқӣ;
– мусоидат ба созгории байни кавмхо ва миллатхои гуногуни мукими Точикистон;
– зуҳуроти ватандӯстӣ ва садоқат ба халқи худ, ҳимояи Ватан;
– эҳтиром ба арзишҳои эстетикӣ;
– рушди салоҳияти касбӣ ва меҳнатдӯстӣ;
– ғамхорӣ ба муҳити зист;
– алоқамандии инкишофи ҷисмонӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ; ростқавлӣ ва ғайра.

Т.Э. Токаева андешаҳояшро дар бораи ҳадафу масъулиятҳои оила, пояҳои он, баён мекунад. Тавсияҳои он имрӯз аҳамияти худро нигоҳ медоранд ва таҳқиқоти иловагиро талаб мекунанд, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд [152, С. 23].

Олимони Тоҷикистон И.А. Арабов [21, С. 104], Т. Атахонов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов [23, С. 224] ва дигарон ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ намуда, онро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Онҳо натиҷаи

таҳқиқот худро дар китобҳои *«Одоби оиладорӣ»* (2018), *«Маърифати оиладорӣ»* (2003), *«Бунёди оилаи солим»* (2000), *«Оилаи солим-пойдории давлат»* (2022) ифода намудааст. *«Тарбияи ахлоқии фарзандон дар асоси он меъёрҳои ахлоқӣ, ки мардуми мо дар тули асрҳо андӯхтаанд ва аз насл ба насл то даврони мо расидааст, сурат мегирад. Волидон анъанаҳои беҳтарини халқ ва панду ҳикматҳои ниёгонамонро истифода намуда, дар фарзандон эҳтиром ба калонсолон, муҳаббат ба диёру ватанро тарбия менамоянд»* [23, С. 224].

З.Р. Сафарова қайд менамояд, ки кору вазифаи муҳим ва асосӣ тарбия намудани фарзанд ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба ҳисоб меравад. Ин вазифаи муҳим аз оила вобаста аст ва вазифаи падару модар аст, ки фарзандонро ба ҳаёти мустақилона тайёр намоянд. Худшиносӣ, ҷаҳонбинии кӯдак дар оила, дар иҳотаи падару модар ва зери таъсири бевоситаи онҳо шакл мегирад, вобаста ба манфӣ ё мусбат будани онҳо нек ё бад мешавад [146, С. 14-17].

Дар ҷомеаи муосир беҳбудӣ ва ҳамоҳангии оила дар бунёди ҷомеаи солим нақши муҳим мебозад. Бинобар ин ба масъалаи ба ҳаёти оилавӣ тайёр кардани ҷавонон диққати муҳим дода мешавад. Ин раванд пеш аз бунёди оила оғоз меёбад ва рушди малакаҳои ҳамкорӣ, муоширaт ва ҳалли созандаи муноқишаҳоро дар бар мегирад.

Барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ ба ташаккули малакаҳои ҷавонон барои ташаккули муносибатҳои солим ва устувор дар оила нигаронида шудаанд. Соҳиб кардани ҷавонон бо дониш ва малакаҳо барои ҳаёти оилавӣ ба онҳо кӯмак мекунад, ки аҳамияти оила дар ҳаёти онҳо ва аҳамияти қобилияти эҷод ва нигоҳ доштани муносибатҳои босифати оилавӣ дошта бошанд. Ба ҷавонон омӯзонидани маҳорати волидайн будан, омодагӣ ба тарбия ва нигоҳубини фарзандон гардидан низ як ҷузъи муҳими омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ мебошад. Дар ин радиф унсури муҳим фаҳмидани мафҳуми волидайн будан масъулият, мавҷудияту шаклгирии сабр ва муҳаббатро талаб мекунад.

Муҳим аст, ки ҷавонон дар бораи аҳамияти арзишҳо ва анъанаҳои оилавӣ маълумот гиранд, ки ба таҳкими робитаҳои оилавӣ ва бунёди оилаи обод мусоидат мекунанд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки барои ҳалли мушкилот дар ҳаёти оилавӣ омода шаванд. Масъулияти ба ҳаёти оилавӣ омода намудани ҷавонон на танҳо ба дӯши муассисаҳои таълимӣ, балки оила, ҷомеа ва давлат низ гузошта шудааст.

Гузаронидани курсҳо, тренингҳо ва чорабиниҳои махсус оид ба ташаккули малакаҳо дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ аҳмияти муҳим пайдо мекунад. Таҳсилот дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия ба таҳкими ниҳоди оила ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувору мутаносиби ҷомеа мусоидат мекунад. Бо донишу малакаи ҳаёти оилавӣ мусалаҳ гардонидани ҷавонон як қадами муҳим дар омода намудани онҳо ба қадами масъулиятнок ва софдилона ба синни камолот мебошад.

Сабабҳои ноустувории оилаҳои ҷавон метавонанд маълумоти нокифояи педагогӣ ва зеҳнӣ, вобастагии моддии онҳо аз волидон, инчунин мушкилоти иқтисодӣ, набудани манзил, камбизоатӣ сатҳи пасти маънавиёт шуда метавонанд. Дар раванди таълими байнифаннӣ роҷеъ ба масъалаи омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ байни фанҳои адабиёт, маърифати оиладорӣ алоқаи байнифаннии таълим диққати ҷиддӣ додан талаб карда мешавад.

Дар таҳқиқоти олими рус И.В. Гребенников консепсияи асосии муаллиф вобаста ба оила ва таърихи никоҳ, хусусиятҳо ва вазифаҳои оилаи муосир, таҷассум ёфтааст. Дар асар ба таҳлили педагогӣ ва равонии пайдоиши муҳаббат дар давраи наврасӣ ва ҷавонӣ, қобилияти қадршиносӣ ва ҳифз намудани он, риояи роҳи дурусти бунёди оила таваҷҷӯҳи махсус дода шудааст [47 С. 158].

Дар шароити имрӯза яке аз проблемаҳои муҳимтарини соҳаи педагогика ба ҳаёти оилавӣ тайёр кардани писарон дар асоси анъанаҳои миллӣ мебошад. Аз ин хотир, ин проблемаро бо назардошти аҳамияти оила, талаботи асосии он, инчунин камолоти ҷисмонӣ ва иҷтимоии насли

наврас таҳлил кардан зарур аст. Дар раванди ба ҳаёти оилавӣ омода намудани ҷавонон омодагии маънавӣ ва ӯҳдадориҳои ҳамсар будан низ нақши муҳим дорад. Барои писарон муҳим аст, ки вазифаи иҷтимоии худро дарк кунанд ва онро иҷро намоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки марди асили соҳибоила, ки қадри оила ва тарбияи фарзандонро хуб дарк менамояд, дар оила, дар мактаб, дар коллеҷ ва литсей, донишкада тарбия меёбад. Мувофиқи раванди таълиму тарбия низоми муайяни таъсиррасонӣ амалӣ мегардад.

Ғамхорӣ дар бораи муҳити солими маънавии оила, ҳифзи ваҳдат ва некӯаҳволии фарзандону пайвандон, инчунин иштироки фаъолона дар рушду пешрафти ҷомеа вазифаи муҳими ҳар як мард аст. Ин ҳамкории муассисаҳои тиббию маориф, ташкилотҳои ҷамъиятӣ истифодаи арзишҳои миллӣ, анъана ва намунаҳои ҳунарҳои мардумиро талаб мекунад.

Дар баробари ин, ба масъалаҳои тарбияи фарзанд, махсусан, тарбияи писарҳо дар ҳамаи давраҳои синнусолии инкишоф ва ба ҳаёти оилавӣ тайёр кардани онҳо кам диққат дода мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар устуворнамоии оила, таъмини моддӣ, нигоҳдори устувории он аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ, тарбияи фарзандон дар оила аксари вақт ба дӯши модар гузошта мешавад.

Умуман, метавон қайд намуд, ки тайёрнамоии писарон ба ҳаёти мустақили оилавӣ аз тарафи волидон ва муассисаҳои таҳсилотӣ ба инобат гирифтани як қатор ҷанбаҳоро талаб менамояд:

– равона намудани таваҷҷуҳи хосса ба тарбияи иқтисодии ҷавонон, аз он ҷумла соҳибкорӣ, тақсимоти буҷаи оилавӣ ва ғайраҳо;
– дар раванди кор таълиму тарбиявӣ омӯзонидани қоидаҳои тарзи ҳаёти солим ва мустаҳкам намудани саломатии равонию ҷисмонию маънавии хонандагон;
– дар раванди таълими сикли фанҳои адабиёт, таърих, забони модарӣ, ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ, ҷашну чорабиниҳои мактабӣ диққати ҷиддӣ додан ба тарбияи маънавию ахлоқӣ, эҳтиром

нисбат ба ҳамсари оянда, меҳнатдустӣ, тахамулпазирӣ,худтарбиякунӣ ва ғайраҳо;

– дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ дар раванди таълими ба инобат гирифтани такмили сифатҳои ахлоқӣ, қобилияти нигоҳ доштани ҳиссиёт, тарбияи сифатҳои иродавӣ ва ғайраҳо;
– тарбияи ҳисси огоҳӣ дар бораи худ, нақши оила дар рушди ҷомеа, нақши худ дар оила ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки дар айёми наврасӣ ҳиссиёти чавонмардӣ меафзояд, ки ин ба инкишофи маънавию эҳсосотӣ ва дарки адолату ҳақиқат аз тарафи онҳо таъсир мерасонад. Онҳо мавқеъ ва арзишмандии муносибатҳои худро дар заминаҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ эътироф мекунанд ва ба зебоии ҳодисаю воқеаҳо одамон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекунанд.

Аз мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо бармеояд, ки ноил шудан ба ҳадафҳои ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарон тавассути самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– тарбияи худдорӣ ва худидоракунӣ дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ;
– инкишофи гуногунии дарки эстетикӣ дар шароити оилавӣ;
– ташаккули муносибатҳои мусбии байнишахсӣ байни ҳамсарон ва фарзандон дар оила;
– омода намудани наврасон ба ҳаёти оилавӣ бо назардошти ҷанбаҳои физиологӣ, гигиенӣ, маънавӣ ва ахлоқии онҳо;
– азхудкунии донишҳои педагогӣ оид ба масъалаҳои тарбияи кӯдакон;
– бунёди бюджети оила ва идоракунии иқтисоди оилавӣ;
– ташаккули фарҳанги муносибатҳои солими дохилиоилавӣ ва тарбияи сифатҳои мусбати ахлоқӣ;
– истифода ва ҳифзи анъана ва арзишҳои мардумӣ, инкишоф додани расму оинҳои оилавӣ ва миллӣ;
– қобилияти идора кардани муносибатҳои оилавӣ ва ғайраҳо.

Ба фарҳанги муошират диққати махсус дода, барои фароҳам овардани

фазои солими маънавӣ дар оила ва ҷомеа муносибатҳои солими байниҳамдигарӣ муҳим буда, бояд ҷилавгирӣ аз зуҳуроти номатлуб дар муносибатҳои аъзои оила ташаккул дода шавад.

Самтҳои асосии тайёр намудани писарон ба вазифаҳои падарӣ диққати махсусро талаб менамояд. Чунин мешуморем, ки саравал мафҳуми *«падарӣ»* ва *«вазифаҳои падарӣ»* аз нуқтаи назари илмӣ мавриди тавзеҳи махсус қарор дода шавад.

Падарӣ ин сифати бунёдӣ ва интегралии шахсияти мард ба ҳисоб меравад, ки дарки алоқаҳои хешутаборӣ бо кӯдакон ва ҳиссиёт нисбат ба ҳамсари худ, қабул ва иҷроиши нақши волидайнӣ аст. Инчунин он дар бар мегирад ҳиссиётҳоеро, ки ба шаклгирии сифатҳои худамалинамоӣ, худтасдиқнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсияти падар мусоидат менамоянд. Мавҷудияти падар барои рушди кӯдак аз рӯзи таваллуд аҳамияти бузург дорад. Маҳз падар объекти аввалини таъсиррасонӣ барои кӯдак буда, ба иҷтимоигардии самараноки ӯ мусоидат менамояд.

Зери мафҳуми *«падарӣ»* падидаи иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки моҳияти он дар омодагии мардон дар амалӣ бадушгирии масъулият барои нигоҳдорӣ ва тарбияи фарзандони худ зоҳир мегардад. Падарӣ дар ҷомеаи муосир дар ташаккули арзишҳо ва сохторҳои оилавӣ нақши калидӣ дорад. Падарӣ як падидаи иҷтимоӣ буда, на танҳо сарчашмаи пайдоиши биологии кӯдакон, балки иштироки фаъолонаро дар тарбия, инкишоф ва иҷтимоишавияш онҳоро низ дар бар мегирад.

Моҳияти падарӣ дар омодагии мард барои ба дӯш гирифтани масъулияти нигоҳубин ва тарбияи фарзандон ва дастгирии некӯаҳволии эҳсосотӣ ва ҷисмонии фарзандон зоҳир мегардад. Падарӣ на танҳо дастгирии молиявии оила аст, балки дастгирии эҳсосотӣ, таваҷҷӯҳ ва ҳузур дар ҳаёти фарзандонро дар бар мегирад.

Дар ҷомеаи муосир ақидаҳо дар бораи нақши падар дар оила ва тарбияи фарзандон тағйир ёфта истодаанд. Бисёрпадарон торафт бештар иштирокку-нандагони фаъоли ҳаёти фарзандони худ шуда, ба тарбия ва

камолоти онҳо бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Онҳо дар нигоҳубини кӯдакон иштирок мекунанд, бо онҳо бозӣ мекунанд, дар таҳсил ва ташаккули шахсияти онҳо кӯмак мекунанд.

Падарӣ чунин ҷанбаҳо, аз қабили дастгирӣ, муҳофизат, таълим ва рафтори намунавӣ барои кӯдаконро дарбар мегирад. Бояд гуфт, ки нақши падар дар оила ба рушди равонӣ ва эҳсосотии фарзандон таъсири калон мерасонад. Иштироки фаъолонаи падар дар ҳаёти кӯдакон ба худшиносии онҳо ва ташаккули муносибати мусбат ба худ ва ҷаҳони атроф мусоидат мекунад.

Падарӣ инчунин дар ташаккули нақшҳо ва ақидаҳои гендерӣ дар бораи оила нақши муҳим мебозад. Падарон бо намунаи далерӣ, сабру ғамхорӣ ба фарзандон, дар ташаккули диди муносибатҳои солим дар оила ва ҷомеа кумак мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо нақши падарро дар ҷомеа нодида мегиранд. Ин метавонад ба оқибатҳои манфӣ дар тарбияи кӯдакон ва тамоми оила оварда расонад.

Бояд фаҳмид, ки падарон дар ҳаёти фарзандонашон на камтар аз модар нақши муҳим доранд ва ҳузуру иштироки онҳо дар тарбия аҳамияти бузург дорад. Падарӣ аз мардон тақозо мекунад, ки барои такмили доимии худ омода бошанд, малакаҳои муоширaт ва тарбияи волидонро инкишоф диҳанд, сабр ва муҳаббати фарзандони худро дошта бошанд. Умуман, падарӣ омили муҳими ташаккули оилаҳои солиму хушбахт ва тамоми ҷомеа мебошад.

Инсон ин махлуқи рамзӣ аст, новобаста аз мард ё зан будан, фарқияти байни ҷинсҳо дар ҳар як ҷомеа ва дар ҳар як марҳилаи рушди таърихӣ ба таври мухталиф муқаррар гардидааст. Оғози таърихи инсоният бо пайдоиши нававариҳои иҷтимоӣ тасниф карда мешавад: мардон ба нигоҳдорӣ ва ғамхорӣ намудан нисбат ба занон ва кӯдакон фаъолияти худро оғоз менамоянд. Гарчанде хеле мушкил аст, чунин шуморид, ки ин мардон оид ба падарӣ тасаввуроте доштанд. Дар тамоми ҷомеаҳо мардон дарк мекунанд, ки яке аз уҳдадориҳои онҳо таъмини зан ва фарзандон ба

ҳисоб меравад. Падар, мард, сарвари хона ва меросгирии анъанаҳоро бояд ба зан ва фарзандонро таъмин намояд. Як қатор мардон ҳатто дар ҷомеаҳои оддӣ метавонанд иҷрои ин уҳдадориҳоро рад намоянд [3-М].

Падарӣ дар фаҳми анъанавӣ ин ҳиссиёти модарзод аст, ки мардро ба масъулиятнокӣ дар назди фарзандон ва ҳамсари худ водор менамояд. Ду муносибати муайяннамоии нақши падарӣ – муносибати умумӣ эътирофгардида ва муносибати нав, яъне *«падарии нав»* ҷудо карда мешавад. Муносибати умумиэътирофгардида бо баррасии нақши биологии падар маҳдуд гардида, ба ҷудошавии он аз кӯдак ишора менамояд, зеро алоқаҳо бо кӯдак нисбат ба модар муваққатӣ ба ҳисоб меравaнд.

Хоҳиши мард ба падар будан, бунёд ва таъмини оиларо муҳаққиқон бо он шарҳ медиҳанд, ки мард бо бунёди оила ҳуқуқҳои зиёд ва мақоми худро дар ҷомеа пайдо менамояд, ки мардони муҷаррад аз он маҳруманд. Тибқи ҳувияти миллии тоҷикона ин ҳуқуқҳо инчунин ҳузури кӯдаконро оила дар бар мегиранд, зеро танҳо ба шахсони оиладор ҳуқуқи қонунӣ барои доштани кӯдакон дода шудааст. Кӯдакон аз рӯи таъриф арзиш доранд, онҳо ҳамчун қаноатмандии эҳсосотӣ ва эҷоди ҳисси тавозуни ботинӣ дида мешуданд [5-М].

Падарӣ падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳар як фарҳанг ба таври мушаххас тасниф шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксарияти таснифоти падарӣ нақши он ба нигоҳдорӣ, ғамхории ҳамсар ва тарбияи фарзандон дар оила равона карда шудааст. Кӯдак ҳамеша талаботи табии ҳимояи падарро эҳсос менамояд.

Мувофиқи фарҳанги тарбиятии мардуми тоҷиктабор, мард вазифаи ҳимоятгари боэътимоди манфиатҳои тамоми аъзои оиларо, ки аз ӯ интизор мебошанд, иҷро мекунад. Маҳз ҳамин ҳимоят барои ташаккули шахсияти мустақил дар оянда замина фароҳам меорад. Агар симои модар барои фарзанд рамзи меҳру муҳаббат ва қабули бечунучаро бошад, пас симои падар рамзи назорат аз болои амалҳо ва баъдан андешаҳои аҳли оила мебошад.

Муҳаққиқи англис Н.Г. Дайри қайд кардааст, ки вазифаи асосии падар ҳифзи ҳамсар, модар аз ҳамла ва таҳқири фарзандон мебошад. Илова бар ин, дар навбати худ, кӯдакро аз ғамхории зиёди модарӣ ҳифз мекунад. Ҳ. Ҷаннот қайд намудааст, ки кӯдаконе, ки бо падари худ калон мешаванд ва ба воя мерасанд ё падар онҳоро роҳнамоӣ мекунад, нисбат ба кӯдаконе, ки дар оилаҳои ба истилоҳ *«занон»* тарбия ёфтаанд, оқилтар мешаванд. Агар меҳри модарӣ ба фарзанд маҳбуб будани ӯро нишон диҳад, меҳру муҳаббат ва боварии падар ба кӯдак соҳиби қобилият будани ӯро нишон медиҳад [52, С. 438].

Ба ҳар як кӯдак зарур аст, ки такянамоиро ба ақида ва мавқеи мутавозин ва оқилонаи худ омӯзад, ки боиси салоҳиятнокии ӯ мегардад. Маҳз дар ҳамин давра кӯдак дар бораи нақшҳо ва вазифаҳое, ки волидон иҷро мекунанд, тасаввурот пайдо мекунад. Дар писарбачагон эҳтиёҷоти ҷустуҷӯи чунин хислатҳои шахсӣ пайдо мешаванд: мардонагӣ, тавоноӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти дӯстӣ ва эътимоднок будан ва ғайраҳо. Дар оила ба ғайр аз падар касе дар ин бора ба писар тасаввуроти равшан дода наметавонад. Ин хислатхо ба таълиму тарбияи онхо низ мусоидат мекунанд.

Д. Карнеги дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи масъалаи падарӣ чор тарҳи онро ҷудо менамояд, ки барои таҳлили падидаи равонии омодагӣ ба падарӣ аҳамияти бузург доранд [68, С. 175]:

- тарҳи анъанавии падарӣ: падар бояд ба таъмини оила ва кӯдакон, ҳимояи оила ва фарзандон, тасдиқи ҳокимияти волидайнӣ ҳамчун воситаи тарбияи кӯдакон, омӯзонидани кӯдакон ба тартибот машғул бошад;
- тарҳи *«падари ҳузурнадошта»*, падаре, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдак иштирок надорад ё алоқаҳоро бо кӯдак дар натиҷаи ҷудогардии ҳамсарон аз даст додааст;
- тарҳи *«падари масъул»* ба таври фаъол дар раванди ғамхории кудакон ва тарбияи онҳо иштирок менамояд, лекин саҳми онҳо дар рушди

кӯдакон аз саҳми модар камтар аст;

– тарҳи *«падари нав»* на танҳо барои оила масъулияти худро эҳсос менамояд, балки бо ҳамсар ухдадориҳо ва масъулиятҳоро дар ғамхории кӯдакон, рушд ва тарбияи онҳо баробар тақсим менамояд.

Тарбияи писарон дар оила маҳз аз мавҷудияти тарҳи падарӣ дар оила, ки дар он ба воя расидааст, вобаста аст. Лекин, дар як қатор ҳолатҳо рафтори писарон бо тарҳи мавҷудаи падарӣ алоқаманд нест. Чунин ҳолатро дар писароне дучор шудан мумкин аст, ки падари онҳо бо сабабҳои майхорагӣ, нашъамандӣ, ахлоқу рафтори бад ба фарзандон намуна нагашта, арзиши тарбиятии худро гум кардаанд.

Таҳлили таҳқиқотҳои гуногун ва таҷрибаи тарбияи оилавӣ нишон медиҳад, ки дар тарбияи фарзандон, махсусан писарон, нақши падар бузург аст. Зеро маҳз падар метавонад, ки дар писар чунин сифатҳо, ба монанди мардонагӣ, тавоноӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти дӯстӣ ва эътимоднокиро ташаккул диҳад.

Дар Тоҷикистон, дар шароити имрӯза, тарбияи писароне, ки падарони онҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, як қатор мушкилотҳои ҷиддиро ба миён овардааст. Ҳузур доштани доимии падарон заминаҳои пайдо гардидани чунин мушкилотҳоро бартараф менамояд. Писарон дар набудани падарон, аз меҳру муҳаббати барзиёди модарон истифода намуда, дар аксарияти ҳолатҳо чунин меҳисобанд, ки барои онҳо дар рафтор, гуфтор ва амал намудан маҳдудияте ҷой надорад. Маҳз аз ҳамин хотир дар муносибат ва муоширати онҳо дар оила ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ як навъ нописандӣ нисбати талаботҳои иҷтимоӣ мушоҳида карда мешавад. Мо чунин мешуморем, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани падарон, дар раванди тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо барои ҳаёти оилавӣ халал ворид мекунад ва метавон яке аз сабабҳои асосии миқдори зиёди пароканда шудани оилаҳои ҷавонро маҳз бо ин масъала алоқаманд намуд.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, дар ҳаёти иҷтимоии

кишвар падидаи дигар рӯирост ва ё бо таври пинҳонӣ бунёди оилаи дуюм ва сеюм аз тарафи падарон пайдо гардид. Чунин мешуморем, ки ин падида низ барои тарбияи писарон, тайёр намудани онҳо ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ халал мерасонад. Зеро падарон дар чунин оилаҳо наметавонанд, ки ба пуррагӣ вазифаи падарии худро иҷро намоянд ва обрую нуфузи худро бо пуррагӣ нигоҳ дошта тавонанд. Ихтилофҳои хонаводагии модару фарзандон бо оилаи дуюми мард сабаби ба вуҷуд омадани муҳити носолими маънавию иқтисодӣ мегардад. Аз ин хотир чунин мешуморем, ки масъалаи мазкур таҳқиқоти нисбатан васеъ ва доманадорро талаб менамояд.

Равоншинос Л. Урбанович сохтори падариро муайян намуда, таъкид менамояд, ки он аз чор унсури асосӣ иборат аст [155, С. 45-49]:

**Якум**, унсури талаботӣ-эҳсосотӣ, ки аз ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоии ҳавасмандӣ, талабот ба муносибат, аксуламали эҳсосотӣ, таассурот ва ҳиссиёт иборат мебошад. Ин унсур шавқмандии падарро ба пайдоиши насл, талабот ба ин ва аксуламали ҷавобӣ ба вазъияти таваллуди кӯдакро нишон медиҳад. Дар ин самт як қатор мушкилот, ба монанди бемайливу берағбатӣ ба доштани кӯдак бо сабабҳои гуногун, сардии эҳсосот ва канорачӯӣ, тайёр набудани иҷтимоӣ ва равонӣ ба падарӣ, тарс аз барои иҷрои нақши нав ва надоштани қобилияти ба дӯш гирифтани масъулияти нав ва ғайраҳо пайдо мешаванд.

**Дуюм**, унсури амалиётӣ, ки аз огоҳӣ ва қобилият, амалиёти нигоҳубини кӯдак ва муоширaт бо кӯдак иборат аст.

**Сеюм**, унсури арзишӣ-маъноӣ, ки муносибати падар ба кӯдак, аз он ҷумла ҳиссиёти экзистансиалиро дар бар мегирад. Ин унсури муҳим ба ҳисоб меравад, чунки муносибати падар ба рафтори кӯдак таъсир мерасонад ва бо ин васила ба шаклгирии шахсияти кӯдак мусоидат менамояд.

**Чорум**, унсури баҳогузорӣ, ки нисбат ба унсурҳои зикргардида бартарӣ дошта, ҳамгироӣ ва мундариҷаи онҳоро дар алоҳидагӣ муайян

менамояд. Унсури баҳогузорӣ аз ду ҷанба иборат аст:

– худбаҳогузорӣ ҳамчун унсури *«Ман-консепсия»*, ки дар қабул кардан ё қабул накардани нақши падар будан ифода мегардад. Он ба баҳогузории ратсионаливу эҳсосотии худ ҳамчун падар ва кӯдаки худ;
– баҳогузории иҷтимоӣ ба муҳит, ки онҳо дар қолабҳои иҷтимоӣ ва дастурамалҳо оид ба иҷроиши нақш, талаботҳо дар ҷомеаи мушаххас қабул гардидаанд, асос меёбад. Риоя намудани ин қолабҳо ва дастурамалҳо барои мутобиқат ба мавқеъ зарур ҳисобида мешавад [1-М].

Баҳогузории иҷтимоӣ ҳамчун заминаи ташаккули худбаҳогузории падар баромад менамояд, зеро тариқи қолабҳои иҷтимоӣ ба ташаккули образҳои Ман-идеалӣ таъсир мерасонанд. Унсури худбаҳогузорӣ хусусияти интегралӣ дорад, зеро ба тамоми унсурҳои сохтор таъсири амиқ мерасонад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, ба ақидаи мо, тарзи анъанавии падарӣ ҳукмрон аст, ки он бо ҳокимияти мутлақи падар асос ёфтааст. Дар чунин оилаҳо тамоми қарорҳо ва хулосабарориҳо аз мард-падар вобаста аст, ки тибқи анъанаҳои миллӣ, ки мувофиқи он нақши бузург ва мутлақ доштани падар дар оила асос ёфтааст, арзи вуҷуд дорад. Дар чунин оилаҳо тарбия хуб ба роҳ монда шудааст, ки асоси онро эътирофу эҳтиром ё ин ки тарси аъзоёни оила аз сарвари он ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар Тоҷикистон тарҳи падари масъул мушоҳида карда мешавад, ки ба фикри мо, вай фаъолона дар тарбияи фарзандон ширкат варзида, масъулияти худро дар ҳама ҳолат ба душ мегирад.

Равоншиносон якчанд марҳилаи ташаккули падариро дар фарҳанги тарбиятӣ ҷудо менамоянд;

**Марҳилаи якум** бо огаҳӣ ёфтан аз пурра гардидани оила оғоз мегардад. Ин марҳила ба худшиносии мард таъсири бузург мерасонад, зеро ӯ ба нақши барои худ ношинос ворид мегардад. *«Ман»*-и дохилӣ тағйир меёбад, фардияти мард шакл мегирад, стратегияи муайян коркард мешавад. Мард худро ба падарӣ мувофиқ менамояд. Мард бояд ба пуррагӣ

тамоми масъулиятро эҳсос намояд ва рафтори худро ба таври дигар танзим созад, яъне бояд тамоми шароити заруриро барои таваллуд ва рушди фарзанди худ, барои саломатии ҷисмонӣ ва равонии ҳамсари худ муҳайё намояд. Раванди мутобиқгардӣ инчунин аз нав баҳогузории арзишҳо ва дурнаморо дар бар мегирад. Доираи арзишҳои иҷтимоӣ, ки амалӣ намудани онҳо зарур аст, васеъ мегарданд. Таҷрибаи эҳсосотӣ ғанӣ мегардад, муносибатҳои байнишахсӣ тағйир меёбанд.

**Марҳилаи дуюм** таваллуди кӯдак ба ҳисоб меравад, алоқаи мард бо кӯдак ташаккул меёбад, мард бештар мутаассир мегардад, ки дар алоқамандӣ бо ин робитаи маънавӣ бо кӯдак муносибати устувор ва мустаҳкам барқарор мегардад.

**Марҳилаи сеюм** бо ғамхорӣ ва нигоҳубинӣ кӯдак ва аввалин қадамҳои ба роҳ мондани муносибати тарафайни падарон ва кӯдакон оғоз мегардад. Е.В. Чмелёва ва Е.В. Чеснокова таъкид менамоянд, ки мувофиқи таҷрибаи пешинаи мард услуби инфиродии худро бунёд мекунад, ки он чун таҷрибаи иҷтимоӣ аз насл ба насл дода мешавад. Дар чунин ҳолат масъулияти падарӣ на танҳо барои писарон, балки барои худи падарон низ фоидабахш аст [168, С. 220].

Мардон ба падарӣ омода гардида, дар аксарияти ҳолатҳо муносибати худро бо падари худ ба хотир меоранд ва омодаанд, ки онро дар таҷрибаи худ дар муносибат бо фарзандон истифода намоянд. Гузариши мардон ба ҳолати падарӣ, таваллуди фарзанди якум дар ҳаёти онҳо ҳодисаи муҳим ва аҳамиятнок ба ҳисоб меравад, ки муҳиммияти чунин ҳодиса, дар аксарияти ҳолатҳо, ба таври зарурӣ ба эътибор гирифта намешаванд.

Дар як қатор давлатҳо хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ бо гузаронидани чорабиниҳои мухталиф бо мардҳо, ки падар гардидаанд, дастгирӣ менамоянд, ба онҳо кумакҳои бартарафсозии мушкилотҳои мухталифи равониро пешниҳод менамоянд.

Масъалаи хеле муҳим дар ин раванд таҷрибаи зиндагии хуб доштани падару модар зарур ва муҳим мебошад. Дар шароти мураккаби

ҷаҳонишавӣ падидаҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ба тарбияи оилавӣ таъсир мерасонанд. Махсусан, муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон ва ё таҳсили онҳо дар хориҷи кишвар ба ҳаётиояндаи оилавии онҳоро, махсусан, қадршиносӣ, эҳтироми калонсолон,меҳнатдӯстӣ пос доштану афзун гардонидани арзишҳои оиладории миллӣ ва ғайраҳо таъсир мегузорад. Падару модаронро зарур аст, ки дар чунин шароит аз анъанаҳои миллии оиладорӣ барои омода намудани ҷавонон, махсусан, писарҳо ба иҷрои вазифаҳои падарӣ, бештар сару кор гиранд.

Дар ин маврид А.В. Веденов дуруст қайд намудааст, ки: *«Ба кӯдакон бештар падидаҳои умумиинсонӣ ва ҷаҳониро диҳед, аммо бештар кӯшиш намоед, ки ин корро ба воситаи падидаҳои миллӣ ва ватанӣ ба онҳо талқин намоед»* [35, С. 156]. Дар омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ, таъмин ва иҷрои саривақтии ухдадориҳои иҷтимоӣ-иқтисодии падар намунаи таваҷҷуҳ ва ғамхории ӯ дар ҳаққи аъзои оила таъсири бузург мерасонад.

Табиист, ки мушкилоти молиявии хонаводагӣ, муҳоҷирати меҳнатии ҷавони оилабунёднакарда ба арзишманд эътироф намудани анъана ва одатҳои оиладорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Яъне, пӯшида нест, ки имрӯз таъмини иҷтимоӣ ва иқтисодии оила зиёдтар ба дӯши ҷавонон афтодааст. Ин хуб аст, ҷавонон то андозае барои иҷрои нақши падарӣ саҳм мегузоранд. Меҳнат менамоянд, на танҳо падару модар, хоҳару бародарони худро аз лиҳози моддию маишӣ таъмин менамоянд, балки барои омода намудани ҷиҳози хонадоршавии худ, ташкилу баргузории тую маросимҳои оиладоршавӣ маблағи муайян пасандоз менамоянд. Ин ҳолат омилҳои манфии худро низ дорад: ҳангоми пошхӯрии оилаҳо падару модар барои пойдории оилаи минбаъдаи онҳо таъсир расонида наметавонанд. Яъне, писарон дар ин маврид мегӯянд, ки *«бо меҳнати худам оила бунёд намудаам»*.

Аз ин рӯ, падару модаронро зарур аст, аз хурдсолӣ фарзандро дар доираи анъана ва одатҳои солими хонаводагӣ ба воя расонанд. Дар ин

маврид, педагоги рус, А.С. Макаренко тасдиқ мекунад, ки *«Кӯдакон дар чунин доираи анъана ва одатҳо зиндагӣ карда, худро дар муҳити қонуни дастаҷамъонаи худ эҳсос мекунанд, бо он ифтихор мекунанд ва кӯшиш менамоянд, ки онро беҳбуд бахшанд»* [109, С. 256].

Агар пеши роҳи ин гуна фарзандон аз тарафи падару модарон гирифта нашавад, фарзандон ба ҳамин тарзе, ки гӯё бо *«меҳнати худ оила бунёд намудам» ва ё боз «оилаи нав бунёд менамоям»* амал менамоянд. Дар чунин ҳолат омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ дар назди волидон мушкилот пеш меорад. Педагоги рус А.В. Мудрик дар ин маврид дуруст қайд намудааст, ки *«Агар ҳаёти атрофи фарзандон ба ҳар тарзе, ки рост ояд, рафтан гирад, ягон маслиҳати фоиданок додан ба онҳо имконпазир нахоҳад буд»* [116, С. 191]. Муҳаққиқони ватанӣ Ф. Шарифзода [175, С. 402], М. Лутфуллозода [100, С. 176] ва дигар муҳақиқони хориҷӣ таъкид менамоянд асоси муҳити созгор, солим ва хуби оиладориро дар муносибати солими тарафҳо (падару модар) ба фарзандон шакл мегиранд. Дар ин масъала педагогикаи Шарқ дар масири рушди таърихии худ ба дастовардҳои назаррас соҳиб гаштааст. Дар осори мутафаккирону адибони форсу тоҷик – Абуалӣ Сино, С. Шерозӣ, А. Ҷомӣ ва дигарон, педагогикаи халқӣ (ривояту афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо) дар бораи муносибатҳои оиладорӣ андешаҳои бунёдӣ зикр гаштаанд ва рисолаҳои алоҳида ба монанди Муллозуҳур Тоҳирӣ ва дигарон бо номи *«Асрори занушӯӣ»* низ таълиф гардидааст, ки намунаи онро дар фаъолияти табиб, равоншиноси муосир Муллозуҳур Тоҳирӣ мебинем, ки бо чунин ном китобе офаридааст.

Дар ҷомеаи муосир ба оила ва тарбияи фарзандон равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсири мусбӣ ва ё манфии худро мерасонанд. Мо комилан тарафдори андешаи Ю.П. Азаров мебошем, ки дар ин маврид менависад: *«Муҳити маънавии оила ин ҳамдигарфаҳмии лозима дар муносибати тарафайн, наздикии падару модарон нисбат ба кӯдакон мебошад. Умумияти зербино ва зерсохтори тарбия аз бисёр ҷиҳат нисбат ба мақому вазъи оила дида, ба вазифаи иҷтимоӣ ва нақши волидайн вобастагӣ*

*дорад»* [9, С. 400]. Дар пайравии ақидаи оид ба ин масъала, ӯ таъкид кардааст, ки *«Кӯдакон дар оила на танҳо дарси одию мушаххаси иҷтимоиро аз худ мекунанд, балки ба маҷмуи муносибатҳое дучор мешаванд, ки мазмуни ҳаёти оянддаи онҳоро ташкил медиҳанд»* [9, С. 236].

Албатта, таҳқиқотҳои ҷудогона, мақолаҳои таълифгардидаи муҳаққиқон, таҷрибаи пешқадами тарбияи оилавӣ на ҳама вақт дастраси падару модарон гардонида мешавад. Зеро хусусиятҳои иҷтимоӣ-педагогӣ оид ба ин масъала дар байни Шарқ ва Ғарб то дараҷае фарққунанда мебошад. Дар ин маврид, равоншиноси тоҷик З.Р. Сафарова қайд кардааст, ки *«… ақидаҳои педагогии мутафаккирони мо аз ақидаҳои илмӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва адабии онҳо ҷудо набуда, балки якҷояанд. Дар таърихи маданияти мо педагогика аз дигар фанҳо ҷудо шуда, ба фанни мустақил табдил наёфта буд. Бинобар ин, аксарияти фикрҳое, ки мутафаккирон оид ба омӯхтани илм ва тарбияи одоб баён кардаанд, хусусияти иҷтимоӣ дошта, на танҳо насли наврасро, балки ҳамаи одамонро дар назар доранд, яъне барои беҳтар намудани ахлоқи ҷамъият ба таври умумӣ гуфта шудаанд»* [144, С. 190-194].

Масъалаи мазкур бо назардошти таъсири омилҳои иҷтимоию педагогӣ ба ташаккули тарбияи писарон, аз ҷумла татбиқи падарӣ ва усулҳои ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарон алоқаманд аст. Кӯшиш ба истифода аз арзишҳои ахлоқӣ дар тарбияи писарон ва омода кардани онҳо ба падарӣ низ як ҷанбаи асосӣ аст. Ин масъала пажӯҳишҳои иловагиро дар соҳаи илми педагогӣ бо дар назардошти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тағйироти хусусияти ба вуҷуд омадани инкишофи синнусолии ҷавонон (акселератсия, бабалоғатрасии бармаҳали ҷинсӣ), тағйирёбии мавқеъ ва шароити моддию иқтисодии оила, инчунин таъсири ақидаҳо ва эътиқодҳои гуногунро талаб менамояд, ки мо онро дар шакли зерин тасвир намудем.




**Расми 3. – Амсилаи ҳудудҳои синнусолии ҷавонон**

Дар ҳаёт чунин ҳодисаҳои манфӣ, ба монанди пошхӯрии оилаҳо ҷой доранд, ки асосан бо омода набудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ алоқаманд аст. Аз тарафи дигар, дар ҷомеаи муосир ба омода намудани писарон ба ҳаёти оилавӣ на аз тарафи ҳамаи волидон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ диққати зарурӣ равона карда мешавад.

Дар асоси баррасии таҳлилу таъсири омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарон ба иҷрои вазифаҳои падарӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

– вазифаи муҳим ва асосии падару модар тарбия намудани фарзанд ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба ҳисоб меравад. Ин вазифаи муҳим аз оила вобаста аст ва тайёрнамоии фарзандон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ вазифаи волидайн, махсусан падар аст;
– тағйирпазирии ҷомеа ба тарзи ҳаёти одамон дигаргуниҳои назаррасро ба миён овардааст. Дар натиҷаи чунин дигаргуншавиҳо ҳодисаҳои манфӣ, аз қабили пароканда шудани оилаҳо, муносибатҳои пурихтилофи ҳамсарон дар оила, зиддияти волидайну фарзандон пайдо мешаванд;
– таъмини муҳит ва фазои солими оилавӣ ва омоданамоии писарон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ дар заминаи анъанаҳои миллӣ,

ташкилнамоии саривақтии омоданамоии писарон аз ҷиҳати тиббӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ мақсаднок аст;

– падарӣ ин сифати бунёдӣ ва интегралии шахсияти мард ба ҳисоб меравад, ки он дарки алоқаҳои хешутаборӣ бо кӯдакон ва ҳиссиёт нисбат ба ҳамсру кӯдакони худ, қабул ва иҷрои нақши волидайн, таҷассум менамояд;

– тарбияи писарон дар оила аз баррасии амалаш нақши падарӣ вобаста аст. Дар Тоҷикистон, дар шароити имрӯза, тарбияи писарон, ки падарони онҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ё оилаи дигар доранд, як қатор масъалаҳои ҷиддиро ба миён овардааст, ки онҳо ба таҳқиқотҳои махсуси психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ-табобатӣ низ доранд.

## Хулосаи боби якум

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими педагогика – масъалаи тарбияи писарон ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз тафовут ва монандии тарбия ва таълими писарон ва духтарон дар доираи педагогикаи гендерӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳадафи асосии муносибати гендерӣ дар тарбия ва раванд бартараф намудани қолабҳои анъанавии фарҳангӣ, ки рушди шахсиятро вобаста ба ҷинс маҳдуд мекунанд, инчунин фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ ва ошкорнамоии неруи духтарону писарон тавассути ҳамкорӣ дар соҳаи педагогӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар доираи педагогикаи гендерӣ – масъалаи тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ омода намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Аввалин ғояҳои тарбияи оиладӯстдорӣ бо роҳи эмпирикӣ дар асоси таҷрибаи маишӣ ташаккул ёфтаанд. Онҳо аз оила ба оила, аз насл ба насл тариқи урфу одатҳои оилавӣ-маишӣ ва миллӣ-этникӣ гузашта, имрӯз низ мавқеи муайян доранд. Мақсад ва мундариҷаи асосии тарбияи оилавӣ дар тайёр намудани насли наврас, махсусан писарон, ба ҳаёти ояндаи хуррам зоҳир мегардид. Аз нуқтаи назари илмҳои ҷомеашиносӣ, оила аввалин ниҳоди иҷтимоӣ, ки дорои як қатор хусусиятҳо, ба монанди тағйирёбии доимӣ, қобилияти худтанзимнамоӣ, ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ – муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, коллективҳои истеҳсолотӣ, ҳамсояҳо ва ғайраҳо буда он дар таҳқиқотҳои илмӣ, баррасӣ карда мешаванд.

Маҷмуи фаҳмиши иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогии падидаи падарӣ ва модарӣ дар омӯзиши неруи тарбиявии оила асос меёбад. Дар чунин ҳолат падарӣ сарчашмаи мақсадҳои педагогӣ, иҷтимоигардонӣ ва раванди таҳсилоти фарзандон ва дар як ҳолат ҳамчун воситаи бадасткории натиҷаҳои дилхоҳ ба ҳисоб меравад. Дар асоси муносибати психологӣ-педагогӣ омӯзиши стратегияҳои тарбиятии падару модар, ки дар ташаккули низоми сифатҳои

шахсият дар кудакон шаклгирии нуқтаи назар ва бовариву эътиқод оид ба оила нақши бузург мебозанд.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи эҳёи арзишҳои миллӣ оғоз гардида, таҷрибаи таърихии зиёди аҷдодӣ аз нав мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар ин самт, ба педагогикаи халқӣ тоҷик низ муносибат дигар гардида, дар доираи таҳқиқоти доманадор масъалаҳои мухталифи он омӯхта шуда истодаанд.

Заминаҳои аввалини консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик аз эҷодиёти шифоҳӣ сарчашма мегирад. Сипас, он дар афкори классикони адабиёти форсу тоҷик такмил дода шудаанд. Дар педагогикаи муосир омода намудани писарон ба ҳаёти оилавӣ бо назардошти анъанаҳои миллии тарбиявӣ яке аз вазифаҳои мубрами волидон мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки талабот ва шартҳои марбут ба ташкили оила, ба камолоти оилавӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии наврас, инчунин омодагии маънавӣ ба нақши падар вобастаро таҳлил ва муайян кардан муҳим мебошад.

Падарӣ сифати бунёдӣ ва интегралии шахсияти мард ба ҳисоб меравад, ки дарки робитаҳои хунии хешутаборӣ бо кӯдакон ва ҳиссиёт ба ҳамсару фарзандони худ аст ва ба он қабул ва иҷрои нақши волидайн будан ва дар ин раванд шаклгирии сифатҳои худамалинамоӣ, худтасдиқнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсияти падар мусоидат менамояд.

Худбаҳогузории иҷтимоӣ ҳамчун заминаи ташаккули худбаҳогузории шахсӣ баромад менамояд, зеро онҳо тариқи қолабҳои иҷтимоӣ ба ташаккули образҳои Ман-идеалӣ таъсир мерасонанд. Унсури худбаҳогузории писарҳо хусусияти интегралӣ дорад, зеро ба тамоми унсурҳои мавқеъ ва сохтори падар будан таъсири амиқ расонад.

Омили асосии таъсиррасон ба тарбия ва омодагии писарҳо ба иҷрои нақши падарӣ, пеш аз ҳама таҷрибаи оиладории падару модарон ва ҷомеа мебошад. Агар падару модар аз иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ, нақши падарӣ ва модарӣ бароянд, пас ҳамин нақш ва таҷриба ба тарбияи фарзандон таъсири бузург мерасонад.

## БОБИ II. ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДА НАМУДАНИ ПИСАРҲО БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ ВА ИҶРОИ ВАЗИФАИ ПАДАРӢ

### 2.1. Заминаҳои психологӣ-педагогии ташаккули омодагии ҷавонон ба нақши падарӣ дар назария ва амалияи педагогикаи халқи тоҷик

Ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои психологию педагогии падарӣ бояд ба инобат гирифта шавад, ки хусусияти фаъолияти тарбиявии падар ва муносибат ба он ба сохтори ҷомеа ва талабот ба нақши тарбиятгиранда алоқаманд аст. Нақши падар ҳамчун омӯзгор ва рафтори ӯ мувофиқи меъёрҳо ва падидаҳои иҷтимоӣ тағйир меёбад. Падар бо истифода аз услубҳои авторитарӣ (яккаҳукмронӣ) демократӣ, мебералӣ ва дар гузашта ва имрӯз авторитарӣ оиларо роҳбарӣ мекунад ва мекард. Зарурати онро таҷрибаи амалӣ талаб мекард, ки падар бонуфуз ва сахтгир бошад. Дар натиҷаи чунин муносибатҳо вобастагии кӯдакон ба волидайн ташаккул ёфта, *«бастагии ғайримуқаррарӣ»* ба вуҷуд омада, қолабҳои муайяни рафтору фаъолият ташаккул меёфтанд.

Дар натиҷаи тағйироти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ки боиси дигаргуншавии тамоми низоми муносибатҳои иҷтимоӣ гардид, падарон дар аксари ҳолатҳо аз фарзандон дур шуданд, ки боиси тағйир ёфтани нақш, мақом ва масъулияти онҳо дар оила, тарбияи фарзандон, таъсирасонии педагогӣ ва психологии онҳо ба писарон гардид. Ин тағйирёбии нақш ва рисолати падар ба он оварда расонид, ки мо аксаран аз модарон таҳдидҳоро, ба монанди *«то баргаштани падарат интизор шав, ман ҳамаашро ба ӯ мегӯям»*-ро мешунавем [6-М]. Аз ин таҳдиду умедвориҳои модарон чунин бармеояд, ки падар омили муҳим ва ҷиддии таъмини низому тартибот дар оила мебошад. Ин вазъияти модарро осон мекунад, зеро он аз эҳсоси гунаҳкорӣ, ки ҳангоми зарурати ҷазо додани кӯдак ба вуҷуд меояд, дур мегардад. Дар аксари мавридҳо, ҷазо барои рафтори нодуруст дар лаҳзае рух медиҳад, ки кӯдак аллакай кори манфии худро фаромӯш кардааст.

Ба ҳамин тартиб, дар ҳолати ҷой доштани ноадолатии зиёд, ки дар

муносибатҳо пайдо мешаванд, дар фарзанд сифат ва хусусиятҳои авторитарии падар зоҳир мегардад. Таҳлили таҷрибаи тарбияи фарзандон нишон медиҳад, ки дар натиҷаи истифодаи методу воситаҳои худкома аз тарафи падар, ки аксаран хоси мардони Ховари Миёна аст, ҳолатҳо арзи вуҷуд доранд, ки ба фарзандон падар рафтори нармтару мулоим ва оддиро нишон медиҳанд.

Дар ҷомеаи муосир аксар вақт чунин як шароит пайдо мешавад, ки модарон ба таври умум ҳамчун сарвар ва созмондиҳандаи ҳаёти оилавӣ ба амал менамоянд, дар ҳоле, ки падарон бештар ба сифати шахсияти дустдоштаи ҳама, фақат дар рӯзҳои истироҳат бо фарзандон мемонад. Аз ин рӯ, бисёре аз падарон метарсанд, ки интизоми қатъии фарзандон метавонад ба обрӯ ва маъруфияти онҳо таъсири манфӣ расонад. Гурӯҳи дигари падарон дар нақши тасдиққунандаи тартибот худро нороҳат эҳсос мекунанд, аз ин нақш канораҷӯӣ мекунанд ва ё худро дар иҷрои он қодир намедонанд.

Муҳаққиқ Л.Н. Урбанович чунин вазъиятро омӯхта, кайд мекунад, ки дар натиҷаи демократиконии муносибатҳои оилавӣ ва кам шудани фосилаи байни падар ва фарзанд бештар эҳтиром ва диққати доимӣ нисбат ба падар зоҳир мегардад. Илова бар ин, дар байни кӯдак ва падар нисбат ба модар муносибати наздиктар ва ошкоро пайдо мешавад. Равоншинос қайд мекунад, ки сабаби асосии чунин муносибат анҷом додани корҳои тарбиявӣ мебошад. Серталабӣ ва назорати падарро фарзанд ҳамчун ғамхорӣ, ки боиси эҳтиром ва муҳаббат аст, қабул менамояд. Серталабӣ ва назорати модар аз тарафи кӯдак ҳамчун парасторӣ ва нобоварии аз ҳад зиёд, қабул карда мешавад ва ин ҳолат, ки боиси хашмгинии ӯ мегардад [154, С. 184].

Умуман, падар дар оила бояд нақши муҳими педагогӣ дошта, тартиботеро бояд ҷорӣ намояд, ки баробарҳуқуқии ҳамаи аъзои оиларо таъмин намуда, ба ҳар яки онҳо имкони озодона иҷро намудани ӯҳдадориҳои худро таъмин намояд. Ин кори воқеан душвор аст, зеро

истифодаи усулҳои муосири муошират бо кӯдак, ки ҳанӯз забонро намедонад ва намефаҳмад, ки волидон аз ӯ чӣ мехоҳанд, мушкилотро ба миён меорад, ки он ифодагари якдигарро нафахмидан шуда метавонад. Иҷрои ин вазифа чунон мураккаб ва гуногунҷанба аст, ки онро дар танҳоӣ иҷро кардан ғайриимкон аст, аз ин рӯ нақши омӯзгорӣ зиёдтар ба зиммаи модар гузошта мешавад.

Нақши падарӣ ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи тарбиявӣ, аз рӯи таҳлили равоншиносӣ, махсусан дар шароити тарбияи фарзандони ҷинс ва синну соли гуногун дошта хусусиятҳои ба худ хос дорад. Тафовутҳо дар он аст, ки чӣ тавр падар ба ҳаёти писару духтараш таъсир мерасонад. *«Сахтгирии бузурги падарон нисбат ба писарон дар он зоҳир мегардад, ки ҳанӯз дар давраи кӯдакӣ онҳоро маҷбур менамуданд, ки дар доираи стандартҳои мардона зиндагӣ намоянд. Вақте ки писарҳо дар ин самт номуваффақ мешуданд, падарон онҳоро танқид мекарданд ва дар навбати худ онҳо низ худро барои хатоиҳо танқид менамуданд. Вақте ки падар шуданд, писарони худро барои он хатоиҳо, ки дар давраи кӯдакӣ худ мавриди танқид қарор гирифта буданд, боз ҳам сахттар ва ҷиддитар танқид менамоянд»* [151, С. 150].

Фаъолияти тарбиявии волидайн дар рушди шахсияти фарзандон нақши муҳим мебозад ва ҳамчун муҳити ташаккули хусусиятҳои заминавии равонии падарӣ (падарони оянда) баромад менамояд.

Бояд қайд кард, дар заминаи баррасии маълумотҳои вуҷуддоштаи хусусиятҳо ва шароити ташаккул ва сифатҳои падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ ҷанбаҳои иҷтимоиву психологӣ ва психологиву педагогӣ ҷудо карда мешаванд, ки ба иҷрои нақши падарӣ таъсир мерасонанд. Шароити ташаккули фаъолияти тарбиявии падарро ба шароитҳои дохилӣ ва шароитҳои беруна ҷудо намудан мумкин аст. Инчунин хусусиятҳои инфиродии равонивӣ ва физиологии шахсият, низоми арзишҳо ва муносибатҳои шахсият ба шароити дихилӣ ворид карда мешаванд.

Ба шароитҳои дохилӣ чунин ҷабҳаҳоро ворид намудан мумкин аст:

– омилҳои дохилиоилавӣ;
– ангезаҳои волидайнӣ ва низоми муносибатҳои падар;
– мақсади волидайнӣ ва рафтори падар;
– ташкили ҳамкориҳо дар оила, хусусиятҳо ва самтҳои асосии ҳамкории падар бо фарзандон (махсусан писарон);
– омоданамоии фарзандон ба нақши волидони оянда;
– ба инобат гирифтани меъёр ва муқарраროти ҷомеа, муайяннамоии вазифаҳои асосии оила;
– дастгирии ҳаматарафаи иҷтимоии оила ва махсусан падарӣ;
– муайяннамоии нақши падар дар оила, бунёди шароити амалинамоии вазифаҳои анъанавӣ;
– чорабиниҳои самарабахш дар самти рушди оила, баланд бардоштани мавқеи падар дар оила;
– мунтазам баландбардории фарҳанги тарбиятӣ ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, ин гурӯҳи шароитҳо ба ташаккули самараноки падарӣ таъсири амиқ мерасонанд. Муҳаққиқ А.В. Хуторский масъаларо омӯхта, ҷанбаҳои рафтори падару модаронро муайян намудаст, ки ба инкишофи бомуваффақияти кӯдак мусоидат мекунанд: иштироки фаъолонаи падар ва модар дар ҳаёти кӯдак; ба нақша гирифтан ва гузарондани чорабиниҳо, ки мақсади онхо омоданамоии кудакон ба хаёти оилавй ва иҷро намудани вазифаи волидайнӣ мебошад. Шарти муҳими тарбияи самарабахши волидайн мавҷуд набудани *«омилҳои хатарнок»*-и рафтори зиддиҷамъиятии волидайн, бетаваҷҷуҳӣ ба кӯдак, нокифоя будани захираҳои омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ, аз қабили бозичаҳо, асбобҳо ва муҳити дӯстона мебошад. Ташкили фазо, ки ба ташаккули волидони оянда мусоидат мекунад, муҳим ҳисобида мешавад [165, С. 608].

Ташаккули сифату хусусиятҳои падарро вазифаи алохида донистан лозим аст, ки ин бо назар гирифтани вазъияти психологии чамъият ва махсусан, дар оилае, ки писар тарбия меёбад, талаб мекунад. Барои ноил

шудан ба фаъолияти самараноки таълимӣ ҷанбаҳои зерини иҷтимоӣ бояд ба назар гирифта шаванд, ки онҳоро омилҳои берунӣ низ номидан мумкин аст:

- мавҷудияти муносибатҳо дар ҷомеа, ки ба мутобиқшавии падар ба таваллуд ва тарбияи фарзанд мусоидат мекунанд;
- мавҷудияти омилҳои меъёри ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории давлатӣ, ки фаъолияти таълиму тарбиявии падаронро дастгирӣ мекунанд;
- мавҷудияти барномаҳои давлатӣ, ки ба омодагӣ ба иҷрои вазифаи падарӣ нигаронида шудаанд.

Инчунин, ба ин раванд тарзи зиндагӣ ва рафтори зидди иҷтимоишавии волидон: майпарастӣ, нашъамандӣ, машғул шудан ба бозиҳои саргарму дилхушкунанда, тобеъият ба бозиҳои компютерӣ, рафтори авбошона, бисёрзанӣ, оворагардӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонанд, ки онҳо сабаби осеби равонӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавии фарзандон мегарданд, ки ин омилҳо ба таҳқиқоту баррасии махсуси психологӣ-педагогӣ, педагогӣ-иҷтимоиро талаб менамоянд.

Мавқеи волидайн ва раванди инкишофи сифатҳои шахсияти онҳо бо хусусиятҳои иҷтимоиву фаҳангӣ ва этникиву психологӣ алоқаманд мебошанд. Инчунин мавқеи волидайн аз синну соли онҳо низ вобаста аст. Мавқеи волидайн ин хусусияти иҷтимоӣ-нақшофаринӣ дорад, ки бо мавқеи инсоне, ки кӯдакро ба дунё овардааст (ё писархонд намудааст) ва ӯро тарбият менамояд, алоқаманд мебошад. Маҳз чунин мавқеъ нақш ва мақоми инсонро дар вазъияти мушаххаси иҷтимоӣ ва тарбиявӣ муайян менамояд.

Мавқеи падару модар, аз ҷумла модарӣ ва падарӣ, дар зери таъсири омилҳои шахсӣ, ҳаётӣ, иҷтимоӣ ва дигар омилҳо ташаккул меёбад. Мавқеи волидайн на танҳо хусусияи инфиродӣ дорад, балки дар шароитҳои гуногуни ҳаёт, зери таъсири омилҳои мухталиф тағйир меёбад:

- мушкилоти ҷанбаҳои маърифатӣ ва эҳсосотии шахсият, низоъҳо ва зиддиятҳои дохилӣ оилавӣ;

– сатҳи устувории шахсият;

– таъсири шахсони сеюм (волидону пайвандон, одамони гирду атроф).

Ин омилҳо бо ҳам алоқамананд. Вайрон гардидани устувории шахсият метавонад боиси даст кашидан аз мавқеъ, сифатҳои шахсиятҳо ва ё волидайн гардад ё ба зуҳури ҷанбаҳои манфии он оварда расонад. Ба сифати хусусияти нақшофарини иҷтимоӣ мавқеи волидайн низ ба интизориҳои ҷомеа марбут аст, ки он дар илми муосири психология ва педагогика ҳамчун меъёрҳои рафтори волидайн муқаррар шудаанд. Масалан, дар ҷомеаи гузаштаю имрӯзаи тоҷикистониён, яке аз меъёри талабот ба амалу рафтори падарон ин таъмини моддии бечунучарои оила маҳсуб мешавад, ки онро яке аз унсурҳои патриархалии оиладории миллӣ ҳисобидан мумкин аст. Модар нигоҳдорандаи муҳити солими маънавӣ, тарбиятгари фарзандон, масъули сарфаю сариштаи рӯзғор дониста мешавад.

Ин нақш хоҳишҳо, ҳадафҳо, эътиқодҳо, эҳсосот, қоидаҳо ва амалҳои падар ва модарро пешбинӣ мекунад. Мавқеи волидон ҳамкории ягонаи иҷтимоӣ, шахсӣ, нақш ва тарбиявии байни падар ё модарро ифода мекунад. Ин як низоми меъёрҳо ва қоидаҳоест, ки муносибати умумиро нисбати тарбияи фарзандон, нисбати худ ҳамчун падару модар ва фарзанд муайян мекунад. Ин ҳамкории воқеӣ бо кӯдак аст, ки навъи рафтори волидайнро муайян мекунад ва хусусияти тарбияи оиларо ташаккул медиҳад. Пӯшида нест, ки дар ҷомеаи кунунӣ модарон низ дар таъминоти моддии оилаҳо нақши муҳимро иҷро менамоянд.

Ҷанбаи дигари муҳими шароити берунӣ, яъне шароити иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи иҷтимоӣ ҳамчун иштирок дар ташаккули сифатҳои падарӣ ҳамчун як навъи махсуси фаъолият дар сатҳи ҷомеа дар маҷмӯъ ва дар сатҳи оила фаҳмида мешавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки арзёбии таъсири вазъи иҷтимоӣ ба ташаккули нақш ва мавқеи падарӣ хеле душвор аст. *«Нисбат ба одамони дорои сатҳи пасти эҳсосотӣ низ бояд ҳамон муқаррарот эътироф карда шавад, ки ба таври объективӣ ҳамон як вазифа –*

*вазифаи душвори равонӣ ба ҳисоб меравад, вақте ки он дар ҳолатҳои мухталифи иҷтимоӣ ҳал карда мешавад»* [170, С. 24-40].

Дар фаҳмиши ташаккули падарӣ ҳамчун вазифаи алоҳида, ки ба фаъолияти минбаъда мувофиқ меояд, як навъ *«фазои»* равонии ҷомеа ва оила, ки дар он писар тарбия карда мешавад, зарур аст.

Ба ташаккули фаъолияти тарбиявӣ як қатор самтгириҳои иҷтимоӣ мутобиқат менамоянд:

- дар ҷомеа мавҷуд будани муқаррарот, ки ба рушди ангезаҳо барои таваллуди кӯдак ва тарбияи онҳо мусоидат менамоянд;
- мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки фаъолнокии тарбиявии мардонро дастгирӣ менамоянд;
- мавҷудияти барномаҳои махсус барои омода намудан ба падарӣ ва амалинамоии минбаъдаи ин нақш ва ғайраҳо.

Ба шароити беруна додани мавқеи ҳолати мустақили сохтории фаъолияти волидайнӣ ва ташаккули он далелнок аст, зеро шартан якчанд ҷанбаро дарбар мегирад.

Якум, ин воқеият ба ташаккули фаъолияти таълиму тарбиявӣ таъсири махсус ва умумӣ мерасонад. Шароитҳои берунӣ зери таъсири омилҳои гуногун, ки шахсро иҳота кардаанд, ташаккул меёбанд.

Дуюм, унсурҳое, ки шароити беруниро ташкил медиҳанд, он ҷузъҳои сохтории амал буда, ба пайдоиши субъект, объект ё воситаи ин фаъолият нигаронида шудаанд.

Таъмини аксарияти унсурҳои ҷисмонии шароити беруна ба ташаккули сифатҳои шахсияти субъект нигаронида шудааст. Бе маҷмӯи чунин шароитҳо мард наметавонад фаъолияти тарбиявиеро, ки ҷиҳати муҳими ҳаёт ва фаъолияти падар ва фарзанд ба хисоб меравад, анҷом диҳад.

Омилҳои берунии ташаккули падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ аз шароити тарбияи оилавӣ, ки дар он писар, падари оянда ба воя мерасад, вобаста аст [3-М]. Бешубҳа, яке аз омилҳое, ки тасаввуроти писарон дар бораи нақши падар дар тарбияро таҳриф мекунад, ин камбудӣ дар тарбияи

оилавӣ мебошад, ки бо камбудиҳо ва хатоҳои дигар дар ташаккули нақшҳои гендерӣ дар кӯдакистону мактабҳо мукаммал мегардад. Камбудиҳо дар тарбияи оилавӣ дар натиҷаи паст будани дараҷаи инкишофи шахсият ва фарҳанги тарбиявии падару модарон, маҳдуд будани дониши педагогию психологии онҳо, ки дар натиҷаи номукаммал будани сохтори оила, муҳити номатлуб ва бесарусомонии хаёти оилавй ба амал меоянд. Камбудиҳо ва иштибоҳҳо дар ташаккули нақшҳои гендерӣ дар кӯдакистону мактабҳо аз набудани ҳамкории қувваҳои тарбиявӣ, огаҳии нокифоя дар соҳаи ташкили ҳаёти оилавӣ, фарҳанги муносибатҳои оилавӣ ва усулҳои тарбия, инчунин аз иштироки нокифоя дар таълиму тарбия сарчашма мегиранд.

Омилҳои таъсиркунанда метавонанд ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ бошанд, ки бо хусусиятҳои инфиродии психологӣ ва физиологии падари оянда алоқаманд мебошанд. Омилҳои дохилӣ заминаҳои ирсӣ, ҳолати солимии психосоматикӣ, хислатҳои фардии рушди равонӣ ва физиологӣ, ҳолати равонии бартаридошта, мавқеи дохилӣ ва сатҳи фаъолият дар робита бо муҳити зистро дар бар мегиранд.

Таъсири якҷояи омилҳои беруна ва дохилӣ, бахусус дар синни барвақтӣ ва наврасӣ инчунин таъсири дарозмуддат ва шадиди ин омилҳо, дар якҷоягӣ бо аз байн рафтани имиҷи мусбати муносибатҳои байни кӯдакон ва волидон гардида метавонад, боиси пайдошавии мушкилотҳо дар донишҳои назариявӣ ташаккули шахсияти падарӣ вобастагӣ ба амалияи психологию педагогӣ гарданд.

Чунин шуморида мешавад, ки омода набудани равонии писарҳо ба нақши падарӣ, бахусус дар робита ба ташаккули низоми муносибат ба иҷрои вазифаи падарӣ муносибат нисбат ба фарзанди оянда, нисбат ба худ ҳамчун волидайни оянда, инчунин ба нақши волидайн дар роҳи бунёди муносибатҳои самараноки кӯдак ва волидайн монеаҳо эҷод менамояд [6-М].

Қобилияти муоширати муассир бо фарзанд ва татбиқи усулҳои

муассири тарбияи волидайн хусусияти модарзодии психологӣ нест, балки натиҷаи кӯшиши бошуурона ва омӯзиши мунтазами писарҳо ва духтарон ба ҳисоб меравад. Тарбияи фарзандон аз тарафи падару модарон ва омӯзгорон малака ва донишҳои муайянеро талаб мекунад, ки онҳоро тавассути омӯзиш ва таҷрибаи амалӣ ба даст оварда ва минбаъд инкишоф дода мешавад. Таҷриба исбот намудааст, ки мисли ҳама гуна раванд, тарбияи муассир низ вақт, сабр ва худшиносиро талаб мекунад.

Муошират бо фарзандон бояд ба фаҳмиши хусусиятҳои ҷинсӣ, инфиродӣ, манфиатҳо ва талаботҳои онҳо асос ёбанд. Ин амал имкон медиҳанд, ки ангезаҳо ва эҳсосоти онҳо беҳтар дарк карда шавад, ки дар навбати худ ба муошírати амиқтар ва самараноктар мусоидат мекунад.

Волидайн ва омӯзгорон бояд кӯшиш кунанд, ки бо фарзандон дар асоси эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ муносибатҳои боэътимод ба вуҷуд оранд. Кушода будан ба муошират, омодагӣ ба гӯш кардани андешаи фарзанд ва ба инобат гирифтани нуқтаи назари ӯ дар ташаккули дарки мусбати муошират ва ҳамкорӣ нақши калидӣ мебозад.

Усулҳои самараноки таълим ба фаҳмиши хусусиятҳои психологии инкишофи кӯдак ва принсипҳои таълиму тарбиявӣ асос ёфтаанд. Инҳо метавонанд чунин ҷанбаҳо, аз қабили ташвиқи рафтори мусбӣ, муқаррар кардани қоидаҳо ва сарҳадҳои дақиқ, моделсозии рафтори дилхоҳ ва истифодаи ҳамдардиро дарбар гиранд.

Ҳангоми интихоби усулҳои тарбия ва муошират хусусияти фардии ҳар як фарзандро ба назар гирифтан муҳим аст. Интихоб ва истифодаи мақсадноки методҳои гуногуни таъсиррасонии волидайн метавонанд воситаи муассир барои фароҳам овардани муҳити мусбӣ ва мусоид барои рушди фарзандон бошанд. Муошírати муассир ва таълиму тарбияи фарзандон аз волидайн ва омӯзгорон талаб мекунад, ки чандир ва мутобиқ ба дигаргуниҳо бошанд ва ба шароити тағйирёбанда ва эҳтиёҷоти онҳо ба таври кофӣ вокуниш нишон диҳанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки барои инкишофи мутаносиб ва солими кӯдак дар оила ва ҷомеа шароит фароҳам

орем. Дар маҷмӯъ, таҳияи малакаҳои муассири муошират ва тарбияи волидайн омӯзиш ва амалияи мунтазамро талаб мекунад, аммо метавонад дар ташкили муносибатҳои босифат бо фарзандон ва рушди бомуваффақияти онҳо манфиатҳои назаррас оварад.

Ҳамин тариқ, қобилияти муошират муассир бо фарзанд ва татбиқи усулҳои муассири тарбияи волидайн хусусияти бунёдии психологии модарзодӣ нест, онҳо мунтазам бо ҷидду ҷаҳди бошуурона ташаккул меёбад. Н.Г. Юркевич давраҳои инкишофи ин фаъолиятро муайян кардааст, ки он равиши зина ба зина ба зина дорад ва ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти падариро ҳамчун як фаъолияти тарбиявӣ, инчунин замина ва шароити ташаккули иҷрои рисолати падарӣ дарк кунем. Он чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

Марҳилаи якум, ки бо номи *«марҳилаи омодагӣ»* маъруф аст, таҳияи воситаҳо ва усулҳои омодагӣ ба фаъолияти таълиму тарбиявиро дар бар мегирад. Дар ин ҷо муайян кардани ҳадафҳои фаъолияти падари оянда муҳим аст, зеро ин фаҳмиш имкон медиҳад, ки ба он босалоҳият муносибат кунем [183, С. 209].

Оид ба мароми фаъолияти тарбиявии падар сухан ронда, метавон қайд намуд, ки падар ва модари оянда оид ба фаҳмиши маромҳои волидайнӣ ба ҷанбаҳои мухталиф такя менамоянд. Дар чунин ҳолат арзёбии чунин ҷанбаҳои муҳим мегарданд:

– онҳо ба таври мунтазам дар бораи фаъолияти падарӣ фикр мекунанд;
– метавонанд андеша ва мулоҳизаронӣ кунанд, зеро ба таври дақиқ рисолат ва вазифаи фаъолияти падарро медонанд;
– баъзан дар саъю кӯшиши худ дар тарбияи фарзанд боварӣ надоранд.

Қайд кардан зарур аст, ки мароми падар буданро бунёд намудан ва интиқол додан ғайриимкон аст. Ин ба воситаи ҷустуҷӯи дохилӣ ва кори амики ботинӣ ба даст меояд. Кашфи мақсади фаъолияти волидайн онро барои волидайн маънидод мекунад ва идрок ба чараёне мубаддал мегардад, ки тавассути он маъною масъулияти нав ба дунёи ботинии ҳар

яки онҳо илова мешавад.

Тайёрии психологӣ ба падарӣ метавонад қобилияти дарк кардани вазъиятро ҳамчун имконияти идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ-тарбиявии худ, пешгӯии натиҷаҳои он дар асоси дониш, дуруст арзёбӣ ваислоҳи камбудиҳо, инчунин ба дигарон расонидани дониш дар бораи амалҳои дуруст ва муассирро дар бар гирад.

С.Л. Франк ва А.А. Ермичев ҷанбаҳои мухталифи масъалаи падариро баррасӣ намуда, таъкид менамоянд, ки дар фаъолияти тарбиявӣ маромҳои сершумор гузошта шудааст, ки онҳо ба принсипҳои зерин такя менамоянд: [159, С. 440]:

– принсипи онтологӣ, ки он табиат ва хусусиятҳои фарҳангии инсонро инъикос мекунад ва имкон медиҳад таҷрибаи фарҳангии наслҳои гузашта тавассути ҳамкории байни падар ва фарзанд, инчунин тавассути принсипҳо ва усулҳои тарбия ба насли ҷавон интиқол дода шавад;
– принсипи праксеологӣ, ки он аз эҳтиёҷоти мақсадноки амали таълиму тарбиявии падар дар асоси хусусияти фаъолияти ӯ бармеояд;
– мақсади шахсӣ, ки ҳар як падар дар назди худ онро мегузорад, аз дарки нақши худ дар рушди фарзандон омодагии онҳо ба ҳаёти мустақилона ва фаъолияти оянда вобаста аст.

**Марҳилаи дуюм**, ки бо номи *«марҳилаи татбиқ»* маъруф аст, ба андешидани амалҳои мушаххас барои ноил шудан ба мақсадҳои дар марҳилаи пештараи омодагӣ муайянгардида нигаронида шудааст. Дар ин замина синну сол дар ташаккули шахсияти падаршаванда нақши ҳалкунанда дорад. Тарбияи падарӣ талаб мекунад, ки волидайн будан на танҳо масъулияти иҷтимоӣ, балки масъулияти дигарро низ ба дӯш доранд, ки онҳо дар ин ё он марҳила омили асосии инкишоф маҳсуб мебошанд. Ин масъулиятҳо ба рафтори иҷтимоӣ ва ҳисси масъулиятшиносӣ, инчунин ба ифодаи таҳаммул ва ғамхорӣ, меҳру муҳаббат нисбат ба одамони дигар дахл доранд, ки ба ноил шудан ба иҷрои мақсад ва қонеъ гардонидани

талаботи инсон мусоидат мекунанд.

Аз сабабе, ки муваффақият дар фаъолияти тарбиявии падар аз дарки он вобаста аст, яке аз омилҳои муҳими таҳияи сохтор ва таҳлили назарияҳои илмӣ, ки қонуниятҳои онро шарҳ медиҳанд, ба ҳисоб гирифтани имкониятҳо ва арзишҳои маънавии ҳар як фарди омадашаванда ба иҷрои вазифаи падарӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки тарбия ҳамчун бунёди шароити моддӣ, маънавӣ ва ташкилӣ барои омӯзиши таҷрибаи ҷамъиятӣ-таърихӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ аз тарафи ҷавонон бо мақсади омода намудани онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти меҳнатӣ ба ҳисоб меравад ва метавон фаъолияти тарбиявии падарро ҳамчун низоми махсуси амалҳои тарбиявии волидайнӣ баррасӣ намуд. Он аз ангезаҳо ва талаботҳои волидайн шудан пайдо гардида, ба интиқоли меъёрҳо, арзишҳо, ва анъанаҳои иҷтимоӣ ба фарзанд равона карда шудааст.

Фаъолияти тарбиявӣ дар назди волидайн дар шакли воситаи меъёрӣ - тасвибии фаъолият гузошта мешавад. ки он дар ҳуҷҷатҳои меъёри - ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ кардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардидаанд: [56, 75, 76] ва дар таълимоти дини мубини Ислом: [77] махсус таъкид карда шудаанд. Аз мавқеи шарҳи илмии самаранокии бунёди фаъолияти иҷтимоӣ метавон оид ба тайёрии субъект ба амалӣ намудани самти фаъолият, сатҳи ташаккули хусусиятҳо ва қобилиятҳои зарурии равонӣ сухан ронд. Волидайнии самаранок ин низоми муносибатҳои тарафайни байни волидайн ва фарзанд аст, ки ба рушди шахсӣ ва беҳбудии эҳсосотии онҳо мусоидат менамояд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои психологиву педагогии самаранокии волидайнӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

– *«муносибат ба кӯдак»*, ба худ, волидайн будан ва ба муҳит ҳамчун мутобиқати рафтори иҷтимоӣ;
– *«муносибат ба волидайн будан»*, муносибат ба худ ҳамчун падару

модар; муносибат ба кӯдак ва усулҳою услуби тарбияи оилавӣ.

Ба хотире, ки фаъолияти тарбиявӣ ба амалӣ намудани мақсади тарбиявӣ, иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва амалӣ-тарбиявӣ равона карда шудааст, метавон оид ба ташаккул ва самаранокии онҳо танҳо дар мутобиқат бо соҳаи ҳавасмандӣ-талаботии шахсият сухан ронд.

Таҳлил ва ҷамъбасти сарчашмаҳои психологиву педагогӣ имконият медиҳанд, қайд намоем, ки соҳаи ҳавасмандиву талаботии падарӣ бо се навъи ҳавасмандӣ пешниҳод карда мешавад:

- **ҳавасмандии иқтисодӣ** – бо таваллуди кӯдак мард-падар манфиатҳои моддиии муайянро барои худ ва оилаи худ ба даст меоварад ва мавқеи иқтисодии худ ва оиларо баланд менамояд;
- **ҳавасмандии иҷтимоӣ** – хоҳиши доштани фарзанд ҳамчун амали ҷавобӣ ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва талаботҳои ҷомеа пайдо мешавад;
- **ҳавасмандии психологӣ** – бо таваллуди кӯдак мақсадҳои шахсӣ ва ботинии шахсияти мард, хоҳиши худамалигардӣ дар кӯдак ба даст оварда мешавад; хоҳиши муносибат бо кӯдак.

Маҳз чунин ҳавасмандиҳо сатҳҳои гуногуни самаранокии иҷрои нақши падарро нишон медиҳанд.

Сатҳи ташаккули соҳаи ҳавасмандӣ-талаботии падарӣ дар маромнокӣ, ҳавасмандӣ дар худинкишофдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, яъне саъю кӯшиш ба амалинамоии нерӯи шахсӣ, худро эҷодкор, соҳиби ҳаёти худ эҳсос кардан, ошкор намудани қобилиятҳои нав, санҷидани имкониятҳои худ зоҳир мегардад.

**Ангезаи падарӣ** – ин ба даст овардани тасвиби иҷтимоӣ ба гурӯҳи ангезаҳои муҳими ҷамъиятӣ дохил карда мешавад ва бо дарки аҳамияти ҷамъиятии фаъолият, бо эҳсосоти вазифа ва масъулият дар назди гурӯҳ ё ҷомеа алоқаманд аст. Оид ба сатҳи пасти ташаккули соҳаи ҳавасмандӣ-талаботии падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ чунин ангеза, ба монанди худтасдиқнамоӣ шаҳодат медиҳад. Ин навъи самтгирии ҳавасмандӣ дар сатҳи зарурӣ амалигардонии мақсади тарбияро муайян намекунад ва ба таври умумӣ натиҷаи фаъолияти тарбиявиро маҳдуд менамояд. Албатта, иҷроиши чунин вазифа раванди ҳамкориҳои тарбиявии падар ва

фарзандро ба дарки натиҷаи он, аз он ҷумла ба рушди иҷтимоӣ, наздик менамояд.

Инкишофи шахсияти фарзанд ҳамчун раванди ягонаи иҷтимоигардӣ ва инфиродигардӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи иҷтимоигардӣ инсон таҷрибаи иҷтимоӣ, яъне таҷрибаи фарҳангӣ-таърихиро (Л.С.Виготский) аз худ мекунад. Инфиродигардии фарзанд ба муайян намудани мавқеи худ, монанд намудани худ бо дигарон, зоҳир намудани мустақилияти худ ва мавриди санҷиш қарор додани он равона карда шудааст.

Ташаккули шахсият раванди давомдорест, ки ба он омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир мерасонанд. Омилҳои дохилӣ ба тағйироти физиологӣ, кӯшишҳо барои худтағйирдиҳӣ, азхудкунии муҳити зист, таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳанг марбутанд, ки асоси рушди инсонро ташкил медиҳанд. Омилҳои беруна таъсироти гуногунро ба шахсият, аз ҷумла тарбияро дар бар мегиранд.

Бояд қайд кард, ки мавҷудияти ин хислатҳо аз муваффақияти фаъолияти тарбиявӣ ва натиҷаи муҳими он – сатҳи баланди инкишофи иҷтимоии фарзанд шаҳодат медиҳад. Амалҳое, ки бадастории мақсадро ғайриимкон ё мушкил мегардонад, аз худ ва иҷро накардани онҳо ба ҳисоб меравнд, ки мо онро дар (расми 4) ифода намудем.




**Расми 4. – Амсилаи амалҳое, ки иҷрои онҳо амалигардонии мақсадро мушкил намегардонанд**

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки услуби тарбияи фарзанд ва муносибати волидайн бо он ба нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дохил мешавад ва омили пешбарандаи рушди фарзандон ба ҳисоб меравад. Услуби ҳамкориҳои волидайн бо фарзанд ба имкониятҳои тарбиявии оила низ вобаста аст. Алоқаҳои мусбии эҳсосотии фарзандон бо волидайн таъсиррасониҳои тарбиявиро ба онҳо осон менамоянд ва агар онҳо алоқаҳои манфӣ бошанд, баръакс боиси пешомади мушкилот ва мураккаб гардидани раванди кори тарбиявӣ мегарданд.

Услуби тарбия ба рушди маънавии фарзандон таъсири амиқ мерасонад. Муошират, ки бар боварӣ ва эҳтироми фарзандон асос ёфтааст, ба ташаккули ҳиссиёти шаъну шарафи онҳо дилбастагӣ, дарки он аз тарафи волидон мусоидат менамояд, мустақилият ва хайрхоҳиро рушд медиҳад. Услуби фармонфармоӣ боиси ташаккули пинҳонии сифатҳои хашмгинӣ, бераҳмӣ, паст задани шаъну шарафи инсонӣ, беташаббусӣ, одати итоаткории кур-курона мегардад [2-М].

Дар асоси баррасии таҳқиқотҳои педагогӣ ва ҷанбаҳои зикргардида, метавон як қатор нишондиҳандаҳои шаклгирии самаранокии образи падариро ҷудо намуд:

– ташаккули образи мусбии *«Ман»* ва худбаҳодиҳии мутобиқ ба он;
– қаноатмандӣ ва фосилагирии ночиз дар муносибатҳо бо волидайн;
– баҳогузории вазъияти оилавӣ ҳамчун вазъияти мусоид;
– қабул ва риояи меъёрҳои рафтори иҷтимоӣ;
– фаъолнокии беруна дар муошират;
– омодагӣ ба шаклҳои коллективонаи фаъолият;
– рушди рефлексияи иҷтимоӣ ва маърифатӣ, рафтори мувофиқи иҷтимоӣ, қобилияти мустақилона ҳал намудани вазъияти низоӣ бо роҳҳои осоишта ва ғайраҳо;
– худомӯзӣ дар соҳаи волидайнӣ;
– саъю кӯшиш ба худинкишофдиҳӣ, дарки масъулияти волидайнӣ,

кӯшиш барои бадастории натиҷаҳои баланди рушди кӯдак;

- қабули эҳсосотии кӯдак, ҳиссиёти мусбӣ ва заминаҳои эҳсосотӣ дар ҳамкориҳо, кӯшиш ба муносибату муоширати арзишманд боварӣ ба неру ва имкониятҳои шахсӣ, қаноатмандӣ аз муносибатҳо;
- вобастагии ҳамкориҳо волидайн мувофиқ аз имкониятҳои тарбиявии оила.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қобилияти амалнамоии самаранок муносибати махсусро ба иҷрои вазифаи волидайнӣ талаб менамояд ва он бо омодагии пешакӣ алоқаманд аст. Дар чунин ҳолат ҳам оид ба таъминоти дохилӣ ва ҳам таъминоти берунаи самаранокии муносибату муоширати дохилиоилавӣ сухан меравад, ки дар натиҷаи тақлиднамоӣ ба амалҳои самаранок ё дар натиҷаи омӯзиши мақсаднок натиҷаҳои муайян ба даст оварда мешавад.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, метавон қайд намуд, ки аломат ва нишондиҳандаҳои ташаккул ва самаранокии падарӣ муҳим буда, он диққати махсусро талаб менамояд. Ташаккули соҳаи ҳавасмандӣ-талаботии падарӣ бо ҳавасмандӣ ба худамалинамоӣ, худтакмилдиҳӣ, саъю кӯшиш ба амалинамоии неруи шахсӣ, бадастории натиҷаҳои назаррас дар рушди фарзанд ва дар муносибат бо кӯдак алоқаманд мебошад.

Вазифаи асосии падар дар оила таъмин намудани рушди иҷтимоии фарзанд ва фароҳам овардани шароит барои иҷтимоигардии бомуваффақияти онҳо мебошад. Муҳим он аст, ки падар дар ташаккули шахсияти фарзанд дастгирӣ, эътимоднокӣ ва роҳнамоӣ дар ҷомеаро дошта бошад. Сатҳи баланди инкишофи кӯдак ҳамчун субъекти худшиносӣ, муоширaт ва фаъолият нишондиҳандаи асосии тарбияи муваффақ ба ҳисоб меравад.

Муносибат бо падар ба фарзанд имконият медиҳад, ки онҳо мавқеи худро дар ҷомеа фаҳманд, арзишҳоро инкишоф диҳад ва малакаҳои муоширатро инкишоф диҳанд. Падар барои фарзандон намунаи муҳим аст ва рафтори ӯ метавонад дар ташаккули шахсият ва хислатҳои онҳо таъсири

ҷиддӣ дошта бошад.

Аз ин рӯ, муҳим аст, ки падар ба фарзандаш вақти кофӣ ва таваҷҷӯҳи махсус ҷудо кунад, дар ҳаёти ӯ иштирок кунад ва манфиатҳои ӯро дастгирӣ кунад. Нақши падар дар оила на танҳо бо дастгирии моддӣ, балки дастгирии эҳсосӣ, иштирок дар тарбия ва инкишофи кӯдакро дар бар мегирад. Падар барои кӯдак ангезаи рушди ҳуввият ва худшиносӣ аст, зеро намуна ва дастгирии ӯ метавонад фарзандонро барои расидан ба қуллаҳои нав рӯҳбаланд кунад.

Муносибати устувор ва мувофиқ бо падар ба ҳисси бехатарӣ ва эътимоди худ дар кӯдак мусоидат мекунад. Ин барои некӯаҳволии равонӣ ва эҳсосотии ӯ муҳим аст. Падар дар ташаккули арзишҳо ва принсипҳои ахлоқии фарзандон нақши калидӣ мебозад. Таъсири он ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва муносибатҳои ахлоқии аҳли оиларо нодида гирифтан мумкин нест.

Муҳим он аст, ки падар барои фарзандаш намунаи ибрат бошад, принсипҳои адолат, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми дигаронро нишон диҳад. Дар баробари ин, падар бояд омода бошад, ки бо фарзандон таълим диҳад ва шахсияти онҳоро инкишоф диҳад, шавқу рағбат ва орзуҳои эшонро дастгирӣ кунад.

Иҷрои нақши падарӣ аз мард талаб мекунад, пурсабр ва басоҳиби ақидаҳои солим бошад ва равишҳои навро дар тарбияи фарзандон истифода барад. Вай бояд омода бошад, ки ба шароит ва эҳтиёҷоти тағйирёбандаи кӯдак мутобиқ шавад, ба онҳо кӯмак расонад ва барои рушди камолот ҳавасманд кунад. Падар дар ҳаёти фарзандон нақши муҳим ва ҷудонашавандаро мебозад ва ҳузур ва дастгирии ӯ барои рушди бомуваффақият ва худшиносии онҳо зарур аст. Сатҳи баланди рушди фарзандон ҳамчун субъекти худшиносӣ, муоширaт ва фаъолият нишондиҳандаи асосии ташаккули сифатҳои падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ ва иҷрокунонӣ ҳисобида мешавад.

Ба сифати стратегия ва амали самараноки тарбиявии падар дар

самтгирӣ ба муносибатҳои субъект-субъект, яъне муносибат бо фарзандро дар бар мегирад, ки дар интихоби ҳамкорӣ ҳамчун услуби тарбияи оилавӣ таҷассум мегардад. Он дар самти баинобатгирии имкониятҳои синнусолӣ ва фардии фарзандон дар чунин ҳамкориҳо ифода мегарданд:

– кӯмак ва дастгирӣ намудан;
– қабул намудани эҳсосотии нақши волидайн будан;
– қобилияти қабули вазъият ва ҳолати фарзанд, дарки сабабҳои ба вуҷуд омадани чунин вазъият;
– маҳорату малакаи таъсиррасонӣ ба рафтор ва вазъияти фарзандон;
– зоҳир намудани ҳамдардиву дилсузӣ ба онҳо;
– баҳогузории нақши салоҳиятнокии волидайн будан ва пайдарпайи иҷрои талаботҳо ба волидайн будан ва ғайраҳо.

Раванди мудариҷавӣ ва тарҳи ташаккули фаъолияти самараноки тарбиявии падар бояд ба ягонагии интегралӣ ва ҳамбастагии тамоми унсурҳои сохтори фаъолияти тарбиявӣ равона карда шавад ва ба тағйирёбии сифатноки тамоми унсурҳои фаъолияти тарбиявӣ мусоидат намояд. Ташаккули фаъолияти тарбиявии падар дар асоси риояи шароити муайяни психологиву педагогӣ самаранок мегардад. Нишондиҳандаи самаранокии ин раванд бо ягонагии унсурҳои ҳавасмандӣ-талаботӣ, иҷронамоӣ ва назоратӣ-баҳогузории фаъолияти тарбиявии падар муайян карда мешавад.

Дар таҳқиқоти худ Н.Ю. Егорова ахамияти баланди тайёрии чавононро ба ҳаёти оилавӣ ошкор намудааст. Ба гуфтаи равоншинос, мустаҳкамӣ ва дарозумрии издивоҷ аз омилҳои мухталиф вобаста аст. Дар баробари ин, камолоти шахсиятҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ-психологӣ ҷанбаи муҳимми ҳаёти оилавии ҷавонон ба ҳисоб меравад. *«Камолоти фард метавонад ҳамчун эҳтиёҷот, омодагии равонӣ ва қобилияти иҷрои нақшҳои марду зан ва баъдан вазифаи падарию модарӣ дар оила зоҳир шавад»* [55, С. 521-529]. Дар ҷомеаи имрӯза, мувофиқи мавқеи муҳаққиқ, дар афкори ҷомеаи анъанавӣ оид ба муносибати функсионалӣ ва нақшофаринии байни

зан ва мард, оид ба тақсими уҳдадориҳои оилавӣ байни мард ва зан тафовути зиёд ба назар мерасад.

Дар асарҳои педагогӣ шинохтаи шуравӣ А.В. Сухомлинский ҷузъҳои барпо намудани оила ҳамчун субъекти мураккаб, як қатор омилҳои субъективӣ ва объективии мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи муаллиф, нимаи аввали ҳаёти ҷавонон бо ҳамоҳангсозии издивоҷ тавсиф мешавад, агар он умуман вуҷуд дошта бошад ва минбаъд он дар марҳилаи интиқодӣ ба проексияи ягон образи маъмулӣ асос меёбад. Барои ҳар як мард ғоя на дар бораи як симои мушаххаси зан, балки дар бораи симои зан дар маҷмуъ аст. Ҳамин тавр, ҳар як зан таҷассуми фитрии симои мардро дорад [151, С. 304].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хусусияти фаъолият ва амали тарбиявии падар аз сохтори ҷомеа ва талаботҳои мавҷудаи ташаккулёфтаи ҷамъиятӣ ба тарбиятгиранда вобаста аст. Бояд қайд кард, ки нақш ва рафтори падар дар фаъолияти тарбиявӣ дар якҷоягӣ бо меъёрҳо ва падидаҳои ҷамъиятӣ тағйир меёбанд. Дар ҳолати ҷой доштани ноадолатии зиёд, ки дар муносибатҳо пайдо мешаванд, дар фарзанд хусусиятҳои авторитарӣ – яккаҳукмронӣ шакл мегирад ва метавонад образи ӯро дар бунёди оилаи худ мавриди истифодабари қарор диҳад.

Мавқеи падару модар ва ҷараёни инкишофи фарзанд бо хусусиятҳои этнопсихологӣ ва иҷтимоиву фаҳангии ҷомеа алоқаманд аст. Инчунин мавқеи волидайн аз синну соли онҳо низ вобаста аст. Мавқеи волидайн ин хусусияти иҷтимоӣ-нақшофаринӣ ба он алоқаманд аст,ки фарзандонро ба дунё овардааст (ё фарзандхонд намудааст) ва ӯро тарбият менамояд.

Дар асоси баррасии заминаҳои психологиву педагогии ташаккули омодагии ҷавонон ба нақши падарӣ метавон чунин андешаронӣ намуд:

– ҷанбаҳои психологию педагогии падарӣ аз сохтори ҷомеа ва талабот ба нақши волидайн вобаста аст. Нақши падар ҳамчун омӯзгор ва рафтори ӯ мувофиқи меъёрҳо ва падидаҳои иҷтимоӣ тағйир меёбанд;
– падар бояд дар оила нақши муҳими педагогӣ ва иҷтимоикунонии

фарзандонро дошта бошад, ва риояи баробарҳуқуқии ҳамаи аъзоёни оила, иҷрои вазифаҳои онҳоро таъмин менамояд;

– фаъолияти тарбиявии волидайн дар ташаккули шахсият ва бунёди заминаҳои хислатҳои равонии падарӣ нақши асосиро мебозад;

– ташаккули омодагӣ ба иҷрои рисолати падарӣ ба омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва равонӣ-педагогии ин воқеа вобаста аст. Шароитҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккули фаъолияти таълиму тарбиявии падарӣ буданро муайян карда метавонад;

– ташаккули падарӣ талаб мекунад, ки онро ҳамчун вазифаи мустақил бо назардошти вазъияти психологии чамъият ва хусусиятхои оилае, ки падари оянда дар он ба воя мерасад, дарк карда шавад;

– тайёрии нокифояи равонии мардон ба нақши падар, аз ҷумла низоми номуайяншудаи муносибат ба падар, монеаи ҷиддӣ дар роҳи ташкили муносибатҳои муассир байни волидон ва фарзандон мегардад;

– омодагии психологӣ ба падарӣ метавонад огоҳӣ дар бораи қобилияти идоракунии фаъолияти таълиму тарбиявӣ, пешгӯии натиҷаҳо дар асоси дониш, дуруст арзёбӣ ва ислоҳи камбудиҳо, инчунин ба дигарон, махсусан писарон таълим додани амалҳои дуруст ва муассирро дар бар гирад.

## 2.2. Истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ

Арзиш чун анъана ҳама он ҷабҳаҳоеро дар бар мегирад, ки барои инсон аҳамияти хоса доранд, дар ин ҳолат интихобнамоии онҳо афзалтар дониста мешаванд, онҳо ҳамеша аз ҷиҳати эҳсосӣ аз сар гузаронида мешаванд ва бо хоҳишу ормонҳои ғоявӣ алоқаманд мебошанд. Моҳияти методологии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бо ташаккули муносибатҳои арзишии инсон ба ҷаҳон алоқаманд мебошад. Арзишҳо барои инсон ҳамчун объекти шавқу рағбат, самтгириҳо дар воқеияти мавзуӣ ва иҷтимоӣ, мақсадҳои дилхоҳ баромад менамоянд. Арзиш ҳамчун мақсад хусусияти шахсӣ дорад, зеро дар ҷаҳони дохилии инсон тавлид ёфта, ба фаъолияти ӯ маъно мебахшад. Метавон оид ба чунин арзишҳо, ба монанди ҳаёт, оила, ишқ, дӯстӣ, ҷасорат, меҳнат, масъулият, ҳассосият, ростқавлӣ, ботарбиятӣ, зебоӣ, шафқат, эҷодкорӣ, озодӣ, сулҳ, адолат, саломатӣ, дониш ва ғайраҳо сухан ронд.

Ояндаи маънавии ҳар як миллату халқ бештар ба сатҳи маърифатнокии ҷавононе, ки имрӯз дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ таҳсил мекунанд, вобаста аст. Ин ҷавонон бинокори оила ва аъзои ҷомеа гардида, самт ва рушди онро мувофиқи сатҳи омодагии шахсию касбии худ ташаккул медиҳанд. Бинобар ин, маорифро самти асосии пешрафти иҷтимоии фарзангӣ, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти тарбиявиро фаро мегирад, донистан лозим аст. Таҳсилот на танҳо ба ташаккули ақлу заковат, ба даст овардани донишу малака, балки ташаккули шахсият ҳамчун субъекти фарҳангу таърих низ нигаронида шудааст.

Тарбия фаъолияти ахлоқӣ-иҷтимоии волидону омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Ҳар як тарбиятгарро зарур аст бо неруи маънавӣ, инсонгароӣ кор кунад, ки табиатан он дар сиришти ҳар як кӯдак арзи вуҷуд дорад. Вазифаи омӯзгор дар ошкор намудани ин неруи маънавӣ, дар кумак кардан ба кӯдак дар дарки неруи сиришти худ аст ва он имконият медиҳад,

минбаъд кӯдакону наврасон шаъну шарафи инсонии худро нигоҳ доранд, барои зиндагии арзишманд ҳавасманд ва омода гардида, дар зиндагӣ самти ҳаёту фаъолияти худро дуруст интихоб намоянд.

Тамоюлҳои арзишӣ самти бошууронаи фаъолияти фард ё ҷомеаро ба интихоб ва тасдиқи принсипҳои асосии зиндагӣ ифода мекунанд, ки дар низоми арзишҳои шахсии онҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Ҳар як фард дар раванди коркарди таҷрибаи худ, муошират бо одамони гирду атроф ва ҷомеа, азхуд кардани донишҳои нав ва ҷанбаҳои фалсафии он, инчунин дар раванди тафаккури масъалаҳои динӣ маҷмӯи муносибатҳои арзишманди худро ташаккул медиҳад. Самтгирии арзишӣ дар симои ахлоқӣ, маънавӣ-зебоипарастии шахсият ва тамоми ҷомеа аҳамияти калидӣ дорад.

Самтгирии арзишӣ ин як навъ зуҳуроти ҷаҳонбинии шахсият ва муайян намудани самтгирии маънавӣ ба ҳисоб меравад. Ба арзишҳои маънавӣ метавон арзишҳои гуманистӣ, зебоипарастӣ, экологӣ, инчунин маърифаткунӣ, худтакмилдиҳӣ ва худамалинамоии шахсиятро дохил намуд. Ташхиси самтгирии маънавӣ-арзишии шахсиятро метавон тариқи муайян намудани аҳамияти афзалиятноки арзишҳои зикргардида баррасӣ намуд [1-М].

Дар сатҳи пасти рушди шахсият талабот, бе дар назардошти талаботҳои одамони атроф, ба қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ равона карда мешавад. Дар сатҳи баланди рушд, инсон эҳсоси шодиву хурсандии табии ва қаноатмандӣ, хоҳиш кумак расонидан ба одамони ниёзмандро пайдо менамояд. Ба ҳар як сатҳи рушди шахсият маҷмӯи муайяни арзишҳо хос аст. Барои сатҳи худпарастӣ чунин ҷанбаҳо, ба монанди бадастории лаззатҳои гуногун, маъруфият, ҳокимият ва идоракунии одамон, амнияти шахсӣ хос мебошанд. Ба сатҳи арзишҳои оилавӣ самтгирӣ ба беҳбудии оилавӣ, издивоҷи судманд, пирии ором, фарзандони итоаткору пешрафта ва муваффақ дар кору зиндагӣ хос мебошанд. Ба арзишҳои афзалиятноки миллӣ ва шаҳрвандӣ адолатнокии

иҷтимоӣ, риоя намудани тартибот ва қонунҳо дар давлат, ризоият байни одамон ва гулгулшукуфоии давлатро дохил намудан мумкин аст. Арзишҳои маънавии умумиинсонӣ ин садоқат, хайрхоҳӣ, кумак расонидан ба ниёзмандон, ҳамоҳангӣ бо табиат, инсонгароӣ, сулҳдӯстӣ, ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои иродавӣ-ахлоқӣ мебошанд [3-М].

Вазифаи аввалиндараҷа бояд дар самти тайёрнамоии хонандагон аз тарафи омӯзгорон бо самтгириҳои нави арзишӣ, ки ба муқаррароти нави ҳаётӣ ва афзалиятҳои маънавӣ асос ёфтаанд, амалӣ гардонида шаванд. Омӯзгорон бояд на танҳо дорои сатҳи баланди сифатҳои ахлоқӣ-зебоипарастӣ, неруи рушди маънавӣ, инчунин соҳиби донишҳои илмӣ, малакаву маҳорати касбии мувофиқ ба талаботи ҷомеа дошта бошанд, ки онҳо ҳамчун асоси ташаккули чунин нишондиҳандаҳои ахлоқии насли наврас, ба монанди ғамхории беғаразона, меҳру муҳаббат, қобилияти ҳамдардӣ, таҳаммулпазирӣ, қобилияти интизориҳои муайян, мавқеи фаъоли ҳаётӣ, бунёдкорӣ ва эҷодкорӣ хизмат карда тавонанд.

Мақсади асосии тарбия дастгирии педагогӣ барои ташаккули маънавиёт ва ахлоқи насли наврас дар тамоми марҳилаҳои ба воя расидани онҳо мебошад. Ин ба муҳити фарҳангӣ ҷорӣ намудани наврасону ҷавонон, кӯмак расонидан ба онҳо дар интихоби оқилонаи арзишҳо ва ташаккули намунаҳои рафтори наҷиби инсонӣ, ки ба вазифаю ҳадафҳои имрӯза ва оянда нигаронида шудаанд, иборат аст.

Рушди маънавиёт ва густариши доираи он низ ба васеъ ва амиқ шудани шуури шахс мусоидат мекунад, ки дар хислат, рафтор ва ҳолати равонии ӯ ифода меёбад. Дар байни нишондиҳандаҳои асосии сатҳи ахлоқӣ ҷанбаҳои зерини рушди маънавӣ-ахлоқӣ ҷудо карда мешавад:

– дар шароити муосир зарурати тайёр будани омузгорон бо дастурҳои нави арзишӣ дар асоси намунаҳои ҳаёт ва афзалиятҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба миён омадааст;
– дар назди муассисаҳои таълимӣ зарурати таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва методии инкишофи соҳаи маънавии шахсияти кӯдакону наврасон,

пеш аз ҳама, писарон қарор додо шавад;

– диққати асосӣ дар таълим бояд ба гузариш аз раванди рушди иҷтимоӣ инчунин ба инкишофи маънавии бачагону наврасон равона карда шавад;
– муассисаҳои таълимӣ на танҳо рушди иҷтимоию иқтисодии шахсиятро таъмин намоянд, балки муҳите ба вуҷуд оваранд, ки ба рушди мунтазами маънавиёт дар байни омӯзгорон ва хонандагон мусоидат намояд.

Дар алоқамандӣ бо вазъияти номутаносиби сохторҳои ҷамъиятӣ дар ҷумҳурӣ як навъ *«холигии»* маънавӣ бунёд гардида, дар ҳаёти ҷомеа падидаҳои манфӣ пайдо шудаанд, ки онҳо мушкилотҳои раванди кори тарбиявӣ ва таълимии насли наврасро шиддатнок гардондаанд. Дар ин самт метавон паҳн гаштани фарҳанги бегонаро махсусан қайд намуд, ки дар доираи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба шуур ва рафтори хурду бузург ворид гардида, тасаввуроти насли наврасро дар самти маънавиёт ва ахлоқ дигаргун менамояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи маориф»* дар қатори вазифаҳои асосии муассисаҳои таълимӣ, рушди маънавӣ-арзишии шахсият таъкид карда шудааст. Низоми маорифи миллӣ наметавонад аз тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва ватандӯстӣ дур гардад.

Дар шароити имрӯза мухолифатҳое, ки бо тағйироту дигаргуниҳо дар самтгириҳои арзишӣ алоқаманд мебошанд, амалинамоии вазифаҳои навро пеш мегузоранд: тарбия намудани шахсиятҳои донишманд ва қобили меҳнат, инчунин инсони комил, ки зиндагии пурмазмун бунёд намуда, бо ченаки ахлоқӣ ва кори худ ба худ ба дигар одамони назидики худ нафъ расонад.

Мундариҷа ва шаклҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар таҳқиқоти файласуфон, педагогҳо ва сотсиологҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар Тоҷикистон масъалаҳои мухталифи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ аз

тарафи М. Орифӣ, К.Б. Қодиров, Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова, М. Лутфуллозода, А.М. Мирализода, Ҷ.Х. Файзализода. А. Нуров, Б. Раҳимов, Ф. Гулматов ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар шароити имрӯза, дар кишвар вазъияти бухронии ниҳоди оила – афзоиши миқдори оилаҳои нопурра ва номусоид, серфарзандӣ, шаклдигаркунии арзишҳои оилавӣ мушоҳида карда мешавад. Чунин шароит ба рушди маънавӣ-ахлоқии фарзандон таъсири номатлуб мерасонад ва низоми таҳсилоти умумиро зарур аст, ки камбудиву хатоиҳои тарбияи оилавиро бартараф намуда, бо шинос намудани хонандагон бо арзишҳои оиладорӣ, тарбияи эҳтиром ба онҳо, бо тайёр намудани ба нигоҳдории арзишҳои оилавӣ фарзандон ба меҳнат, азхудкунии касбу ҳунар ва рушди салоҳиятнокии тарбиявии хонавода мусоидат намояд.

Муҳаққиқи тоҷик Б Маҷидова, дар асоси таҳлили вазъияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тарбиявӣ, чунин қайд намудааст, ки *«вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум, таҳлили таҷрибаи тарбияи хонаводагӣ, беаҳамиятии баъзе аз волидон ба таълиму тарбияи фарзандон, вақти қимати худро беҳуда сарф кардани кӯдакону наврасон, даст ба корҳои ношоям задани онҳо, аз таҳсилу тадрис худро канор гирифтани бачаҳо зарурати таҳия ва баррасии ҳуҷҷатеро талаб кард, ки дар он масъулият ва ҷавобгарии волидон на танҳо дар таълиму тарбия, инчунин тақдиру ояндаи кӯдакон талаб карда мешавад»* [3-М].

Ба ин далел, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»* қабул карда шуд, ки он ба пурзӯр намудани масъулияти падару модар, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд, махсусан, тарбияи худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва роҳи дурусти рушди нерӯи онҳо махсус тавсия карда шудааст. Бояд гуфт, ки дар иҷрои ин вазифаҳо ба души падару модарон ва аҳли ҷомеа гузошта

шудааст.

Қонуни мазкур ӯҳдадориҳои падару модарро дар тарбияи фарзанд чунин муайян кардааст:

- фароҳам овардани шароит барои ҳифзи саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзандон;
- омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона;
- баланд бардоштани эҳтироми фарзандон ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;
- эҳтироми шаъну шарафи фарзанд ва пешгирии зӯроварии кӯдакон;
- таъмини муносибати баробар ба кӯдакон, сарфи назар аз ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқиву маънавӣ [75].

Илова бар ин, дар Қонуни мазкур истифодаи як қатор анъанаҳо муқаррар гардидаанд, ки бешубҳа, ба раванди таълим ва тарбияи фарзандон дар оила ба таври мусбӣ таъсир мерасонанд.

Дар ин самт метавон ҷанбаҳои зеринро махсусан қайд намуд:

- манъ намудани ташрифи кӯдакони то ҳаждаҳсола ба марказҳои дилхушӣ;
- манъи истифодаи телефонҳои мобилӣ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ;
- манъ намудани тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, ифротгароӣ ва террористӣ барои фарзандон;
- манъи мутоила ва паҳни сабтҳои электронӣ, китобҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводҳои чопӣ, ки хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, ифротгароӣ ва террористӣ доранд;
- манъи иштироки фарзанд дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки манънамоиҳои дар Қонун муқарраргардида барои таъмини самаранокии тарбияи фарзанд мусоидат менамоянд. Ба назари мо, дар кишвар бояд истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои донишҷӯён ва ҷавонони то 21-сола комилан манъ карда шавад. Ин

шабакаҳо аксар вақт ҳамчун як канали асосии паҳншавии фарҳанги бегона хизмат карда, дар раванди таълиму тарбия дар асоси арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ монеаҳои зиёд эҷод мекунанд.

Ҳуҷҷати дигари муҳиме, ки раванди таълимро дар кишвари мо танзим мекунад, Консепсияи миллии тарбия дар Тоҷикистон [76] мебошад. Ин ҳуҷҷат сиёсати имрӯза ва дурнамои сиёсати давлатро дар сохаи маориф муайян мекунад. Моҳият, мақсад, вазифа ва мазмуни маорифи миллиро дар марҳилаи нави рушди таърихӣ муқаррар намуда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсият муайян менамояд.

Дар рӯҳияи эҳтирому авзунгардонии арзишҳои анъанавӣ ва башардӯстона тарбия намудани ҷавонон яке аз вазифаҳои асосии давлат ва ҷомеа мебошад. Масъалаҳои демографӣ ва дастгирии оила асоси ҷомеаи солим буда, усулу воситаҳои асосии татбиқи самараноки онҳо дар Консепсияи миллии тарбия муайян шудаанд.

Бояд гуфт, ки Консепсияи мазкур бо дарназардошти анъана ва арзишҳои мардуми тоҷик ва дигар миллатҳои сокини кишвари мо таҳия шудааст. Ин ба тамоми аҳолӣ, сарфи назар аз ҷои истиқомат ва миллат имконият медиҳад, метод ва роҳу воситаҳои самарабахши тарбияро интихоб ва амалӣ намоянд.

Зарурати таҳия ва қабули Консепсияи миллии тарбия аз он иборат аст, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати нави соҳибистиқлол дар марҳилаи муҳими ташаккул ва рушд қарор дорад. Ояндаи кишвар аз тарбияи шахсияти дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, маънавӣ, ҷисму рӯҳи солим, ватандӯстиву ифтихори миллӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулиятшиносиву созандагӣ вобаста аст. Маориф, дар навбати худ, аз рӯи мақсад, вазифа ва мазмуни худ аз тарбия ва аз таълим пештар аст. Аз ин рӯ, ҳуҷҷате лозим буд, ки дурнамои маорифи миллӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо ва мӯҳтавои онро дар заминаи сиёсати давлати мустақил муайян намояд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки Консепсияи миллии тарбия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи масъулияти падару модар дар*

*таълиму тарбияи фарзанд»* ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки самаранокии раванди тарбияро таъмин намуда, дурнамои онро дар ҷумҳурӣ муайян менамоянд. Чунин мешуморем, ки барои самаранок гардидани раванди тарбия дар оила дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва умуман дар тамоми ҷомеа риоя ва амалӣ намудани тамоми бандҳои ҳуҷҷатҳои зикргардида зарур мебошад.

Мувофиқи ақидаи Т.А. Флоренская, арзиш ҳамчун шакли муносибати одамон ба намунаҳои фарҳангӣ, дастрасӣ ба имкониятҳо мебошад, ки аз фаҳмиши чунин муносибат қобилияти ҳар як шахс дар муайяннмоии ояндаи худ, дар баҳогузорӣ ва дар хотир нигоҳ доштани «дигар» ҷанбаҳо вобаста аст [158, С. 54-68]. Л.С. Хидиралиева қайд менамояд, ки арзишҳо падидаи муҳим буда, манфиат ва талаботи шахсият ва ҷомеаро қонеъ менамояд. [163, С. 163].

Мувофиқи ақидаи Е.В. Чмелёва ташаккули арзишҳои маънавӣ – ин «раванди бисёрҷабҳа аст, ки дар худ азхуднамоии донишҳо оид ба ниҳоди оила, вазифаҳои он, марҳилаҳои рушди таърихӣ ва вазъияти муосири он, ҳавасманднамоии хонандагон ба рафтори муайян, воситаҳои рафтор дар оила ва муносибати арзишӣ ба он, зарурати худамалинамоии шахсият дар оиларо дар бар мегирад» [169, С. 220]. З.А. Болатова қайд менамояд, ки бояд раванди тарбияи арзишҳои оилавӣ ба монанди ташаккули салоҳиятҳои муайян баррасӣ карда шавад.

Чунин салоҳиятҳо дар се гурӯҳ пешниҳод карда шудаанд:

1. салоҳиятҳо нисбати муносибат ба худ ҳамчун шахсият ва субъекти ҳаёту фаъолият;
2. салоҳиятҳо нисбат ба муносибат ба ҳамкории инсон ба одамони дигар;
3. салоҳиятҳо нисбат ба муносибат ба кори инсон, ки дар тамоми навъҳо ва шаклҳо зоҳир мегардад [29, С. 23].

Ба хотире, ки раванди ташаккули арзишҳои оилавӣ мақсаднок ва идорашаванда бошад, зарур аст, ки нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули онҳо ошкор карда шаванд, яъне коркарди воситаҳои ташхисӣ, ки бо ёрии онҳо пайгирии натиҷанокии раванди педагогӣ имконпазир мегардад,

таъмин гардад.

Дар байни таҳқиқотчиён мавқеи ягона нисбат ба воситаҳои ташхиси педагогии сатҳи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ вуҷуд надорад. Аз ин хотир, дар адабиёти педагогӣ меъёри ягонаи нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ муайян карда нашудааст. Ҳар як муаллиф низоми нишондиҳандаҳои худро дар асоси вазифаҳои таҳқиқотии худ коркард намудааст.

С.Н. Варламова ва А.В Носкова чор нишондиҳандаи асосии сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқии хонандагонро ҷудо намудааст [31, С. 61-69]:

- **маърифатӣ** – азхуд намудан ва дарки мазмуни арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва афзалияти онҳо;
- **эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ** – ифодаи аксуламали эмотсионалӣ ва доварӣ нисбати арзишҳои ахлоқӣ;
- **тобиши эмотсионалӣ** – умқи вокуниши эмотсионалӣ ва ҳамдардӣ;
- **ҳавасмандӣ** – талабот ва ангезаҳои ахлоқие, ки дар оила ва ҷомеа ташаккул меёбанд;
- **рафторӣ** – худбаҳодиҳӣ, пайдарпайии амалҳо, ки ба меъёрҳо ва стандартҳои муқарраршуда нигаронида шудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки баҳогузории самтгириҳои арзишии хонандагон маҳз дар асоси нишондиҳандаҳои зикргардида таҳлил ва баррасӣ карда мешавад.

Унсури зеҳнӣ ҳамчун сатҳи дониш ва тасаввурот оид ба оила ва сатҳи рушди қобилиятҳо дар самти азхудкунии таҷрибаи оилавӣ зоҳир мегардад. Унсури эҳсосотӣ дар эҳсосот ва ҳиссиёте, ки фарзанд паси сар менамояд ва дар онҳо муносибати ӯ ба ҷаҳони оила таҷаассум мегардад, зоҳир мегардад.Унсури ҳавасмандиву таллаботӣ ҳамчун низоми талаботҳо дар фаъолият ва ангезаҳои он пешниҳод карда мешавад. Дар навбати худ, унсури рафторӣ дар сатҳи ташаккул ва устувории малакаву маҳорати амалинамоии мавқеи худ ба ҷаҳони оила зоҳир мегардад.

Сатҳи ташаккули арзишҳои анъанавии оилавиро дар чунин самтҳо

таҳқиқ намудан мумкин аст:

- ташаккули тасаввуротҳо оид ба нақши модар ва падар будан, ташаккули мавқеи фарзанд дар оила, арзишмандӣ ва бартарии муносибатҳои хешутаборӣ, фаъолияти меҳнатӣ, анъана, урфу одат, меҳнатдӯстӣ ифода мегардад;
- нишондиҳандаи маърифатӣ, ки сатҳи мавҷудаи донишҳо, тасаввуротҳои волидайнро буданро ошкор менамояд. Ин тасаввуротҳо иборат шуда метавонанд: оид ба оила, хонавода ва вазифаҳои он, муносибатҳои дохилиоилавӣ ва сохтори иерархии оила (падар сарвари оила, модар ёрдамчии асосӣ, фарзандон доимо дар тобеъият аз волидайн қарор доранд, ҳурмату эҳтироми аъзоёни калонсоли оила);
- арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ - сифатҳои маънавӣ-ахлоқии волидайни оиладӯстдор (некӣ, масъулиятшиносӣ, меҳрубонӣ, ҳамдардӣ, ҳиссиёти дилбастагӣ, самимият ҳассосият, итоаткорӣ, эҳтироми калонсолон, кумак ва ғайраҳо);
- оид ба рушди оила (афзоиши оила, теъдоди таваллуди фарзандон), оид ба иҷрои нақшҳои оилавӣ аз тарафи калонсолон ва ғайраҳо;
- нишондиҳандаи ҳавасмандӣ-талаботӣ, ки шавқу рағбати устуворро ба дониш оид ба оила ва авлоди худ ифода менамоянд;
- донистани таърихи анъанаҳои оилавӣ, ва хоҳиши донистани фарҳанги оилаи худ идома ва такмилдиҳии онҳо зоҳир намудани шавқу рағбат ва фаъолнокӣ раванди фаъолияти маърифатӣ, ки дар заминаи онҳо шакл мегирад;
- хоҳиши нигоҳ доштани анъанаҳои оилавӣ ва сухан гуфтан оид ба онҳо (анъанаҳои маънавӣ-ахлоқӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, меҳнатӣ ва ғайраҳо);
- ифтихор ва сухан гуфтан оид ба муваффақият ва дастовардҳои оила ва авлоди худ; қобилият ва хоҳиши баррасии амалҳо ва ҳолатҳо, ки дар ҳаёти оила ва авлод ба миён омадаанд, ҷидду ҷаҳд ба корҳои оила (

банақшагирӣ идомаи касбу ҳунарҳои авлодӣ, ба нақшагирию ояндабинӣ ва ғайраҳо);

– нишондиҳандаи фаъолиятӣ-рафторӣ ҳавасмандии фарзандро ба рафтори ахлоқӣ нисбат ба оила, авлоди худ, сатҳи фаъолнокӣ, зоҳир намудани ташаббускорӣ, мустақилият дар фаъолияти маърифатӣ ва нишондиҳандаҳои онро ошкор менамояд: таҷассуми арзишҳои азхудшудаи маънавӣ-ахлоқӣ ва ватандӯстӣ дар фаъолияти якҷояи эҷодӣ бо омӯзгорон, волидайн, одамони калонсол ва ҳамсолони дигар;
– зоҳир намудани ташаббускорӣ, қабули қарорҳо дар ҳолатҳои ҳаётӣ ва махсус бунёдгардида, ки зоҳирнамоии сифат ва эҳсосоти ахлоқиву ватандӯстиро талаб менамоянд; қобилияти паси сар намудани ҳолатҳо ва эҳсосоти ахлоқӣ ва арзишӣ, ки ҳолатҳои ҳаётӣ ва воқеӣ дар шакли фаъолияти бадеӣ пешниҳод карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ташаккули нишондиҳандаҳои зикргардида сатҳи омодагии писаронро ба ҳаёти оилавӣ, ба нақши падарӣ муайян менамоянд. Аз ин хотир зарур аст, ки дар тарбияи писарон ба ташаккули нишондиҳандаҳои зикргардида диққати махсус равона карда шавад.

Муҳаққиқи тоҷик, профессор Б. Маҷидова қайд менамояд, ки дар шароити имрӯза мавқеъ ва аҳамияти одату анъанаҳои тарбияи оилавӣ, миллӣ, умумибашарӣ то андозае коста гардидааст, ки бо як қатор омилҳо алоқаманд аст [108, С. 7]:

– таъсири воситаҳои ахбори умум, ки на ҳама вақт самти созандагӣ ва бунёдкорӣ доранд;
– ворид гардидани хонандагон ва наврасон ба раванди ҷаҳонишавӣ тариқи истифодаи воситаҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ;
– тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ, ки онҳо дар риояи қоида ва меъёрҳои рафтору гуфтори ахлоқӣ ҳатмӣ ҳисобида намешаванд;
– тағйирёбии нақши калонсолон дар ҳаёти кӯдакон ва наврасон, яъне калонсолон на ҳама вақт сарчашмаи донистани кӯдакон ва наврасон шуда метавонанд;

– тағйирёбии сохти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ба ҳаёт, шуур, ахлоқи одамон таъсири манфӣ расонидани назария, равияҳои мухталифи динӣ, ифротгароӣ ва ғайраҳо [3-М].

Дар асоси раванди ҷаҳонишавӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ унсур ва арзишҳои ғайримиллӣ ба ҷомеа ворид гардида, то андозае ба коҳиш ёфтани урфу одатҳо ва анъанаҳои оилавӣ мусоидат менамоянд. Ба андешаи мо, дар доираи равандҳои ҷаҳонишавӣ бо истифода аз воситаҳои муосири иттилоотиву муоширати паҳншавии фарҳанги бегона сурат мегирад, ки боиси коста гардидани урфу одатҳо ва анъанаҳои миллӣ мегардад.

**Ҷадвали 1. – Барномаи ташкилу баргузории кори озмоиши-таҷрибавӣ бо хонандагони МТМУ №12 н.Кушониён, №8 н.Вахш, ва №-6 ш.Бохтар №9**

| № | Мавзуъҳо | Мақсад | Шакли кор | Муҳлат и иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Марҳилаи мукараркунанда (солҳои 2016-2017)<br>Ташкили кор дар се самт:<br>Кор бо хонандагон<br>Кор бо волидон<br>Кор бо омӯзгорон | 1. Омӯхтан ва таҳлили вазъи корҳои тарбиявӣ оид ба тарбияи писарҳо дар синфҳои болоӣ<br>2. Мушоҳида ва таҳлили сифатҳои шахсӣ, муҳокимаронихо рафтору амалӣ мувофиқаткунандаи писарҳо ба хусусиятҳои гендерии онҳо | Мушоҳидаи муносибатҳо и байниҳамди гарӣ писарҳо<br>-бо писарҳо<br>-бо духтарҳо<br>-бо омӯзгорон<br>-бо волидон<br>-суҳбат бо хонандагон<br>-писарҳо<br>Духтарҳо<br>Мушоҳида ва суҳбат (фардӣ ва гуруҳи)<br>Омӯхтани вазъи оилавии хонандагон | Дар давоми ҳамаи маҳилаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ<br>Вобаста ба теъдоди писарҳо дар синфҳои 9, 10, 11 интихоби озмудашавандагон | Бо сабабҳои иваз кардани ҷои зист,аз як МТМУ гузаштан бо дигар, идома надодани такмил дар синфҳои 10 ва 11 шавқу рағбат надоштани хонандагону волидон дар кори озмоишӣ таҷрибавӣ гуруҳчинӣ озмудашавандагон тағир меёбанд. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Кор бо волидон | Мавқеи муайянкунии дониш ва монеаи волидон бо тарбияи писарҳо, фаҳмидани андешаҳои онҳо оид ба зарурияти омода намудани фарзанд ба ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзанд | | Дар давоми ҳамаи марҳилаҳои кори озмоишӣ таҳқиқотӣ | Ҳангоми ташкилу баргузории суҳбат бо хонандагон ва фаъолгардонӣ тавассути таъсиррасонӣ ба ҳиссиёт рафтор ва шуури онҳо, ҷалб намудан ба тарзи ҳаёти солим дар оила, касбинтихобкунӣ ва омодагӣ ба фаъолиятиояндаи меҳнати ва ғайраҳо диққат дода мешавад |
| 3 | Кор бо омӯзгорон | Вазъи ба нақшагирӣ ва ташкилӣ кори тарбиявӣ дар кори роҳбари синфҳо | Омӯхтан ва таҳлили нақшаҳои роҳбарони синф ҳуҷҷатгузар онии онҳо | | Дар давоми ташкилу баргузории кори таҳқиқоти коркарди маҷмӯи маълумотҳо оид ба вазъи иҷрои корҳои тарбиявӣ дар марҳилаҳои зикргардида ба роҳ монда мешаванд. Дар асосӣ баҳисобгирии дастовардҳо ва норасоиҳо дар кори тарбияи писарҳо ва омодагии онҳо ба иҷрои нақши падарӣ ба мазмун ва муҳтавои кори озмоишӣ-таҷрибавии онҳо тағиротҳо дар самти таъсиррасонии инфиродӣ амалӣ карда мешаванд. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Марҳилаи ташаккулдиҳанда (2018-2020) Кор бо хонандагон | Санҷидан ва амалигардонии фарзияҳои кори таҳқиқотӣ ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшуда | Ташкилу баргузории пурсишномаҳои фардӣ, гурухӣ бо хонандагон ҷалб намудан ба чорабиниҳои синфӣ, мактабӣ иштирок дар чашнвораю илҳо | Дар давоми соли хониши 2018- 2019 2019-2020 20-2022 | Мувофиқ ба имконияту шароити МТМУ пойгоҳӣ,хонандагон волидон ва омӯзгорон ба шаклҳои иҷрои кор ва мӯҳлати онҳо метавонанд тағйироту дигаргуниҳо ворид карда шаванд. |
| 2 | Кор бо волидон | Таъмин намудани муҳити иттилоотӣ оид ба тарбияи писарҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишҳои психологӣ-педагогии волидон аз тарафи омӯзгорони МТМУ | Ташкилу гузаронидани чорабиниҳо бо истифодаи технологияи иттилоотии Даъват намудани равоншинос: шахсони баруманду муваффақ дар тарбияи фарзандон: таҳия, таҳлил ва баррасии маводҳо аз интернет, адабиётҳои илмӣ-методӣ: пешниҳоди маърузаҳо: муҳимаш бо далелҳо аз иншоҳои хонандагон (ноу насаби муалифон)ва ғайраҳо | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Кор бо омӯзгорон | омӯзгорони МТМУ пойгоҳӣ такмил додани ғояҳо ва роҳу усулҳои ҳамкорӣ бо волидон. Баҳодиҳӣ ба сатҳи донишу маълумотҳо роҷеъ ба мавзуъ, ҳавасмандгардонӣ бо | гурухӣ:иҷрои машқҳо-супоришҳо, баҳсу мунозираҳо: таҳлили таҷрибаи ташкилу баргузории чорабиниҳо бо волидон: таҳлилу баҳолиҳӣ | | |
| 1 | Марҳилаи санҷишӣ назарияви (2021-2024) Кор бо хонандагон | Баҳодиҳӣ ва арзёбии натиҷаи кори таҳқиқотӣ -муайянсозии дараҷаи донишу тасавуротҳои хонандагони гуруҳи озмудашавандагон; -афзун гардидани сатҳи донишу тасавуротҳо оид ба нақши иҷтимоии худ дар писарҳо -рушди худбаҳодиҳӣ ба имконияту нерӯи шахсӣ дар иҷрои нақши иҷтимоӣ -дастгирии писароне,ки дар муҳити хонавода ва мактаб мушкилотҳо доранд. | Коркарди омории натиҷаҳои мушоҳидаҳо суҳбат, таҳияи ҷадвалу диаграммаҳо, таҳлилу баррасии муқоисавии онҳо. Кори фардӣ бо хонандагони эҳтиёҷманд ва мушкилоти хонаводагидошта ва ғайраҳо | Соли хониш 2021-2022 2022-2023 2023-2024 | Ташкилу баргузории чорабиниҳои тарбиявӣ оид ба тарбиявии писарҳо ва омода намудани онҳо ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии падар будан дар тарбияи фарзанд минбаъд идома ва таҳлил дода мешавад. Мазмун, ғоя ва шаклҳои ташкилӣ онҳо вобаста ба талаботи пешрафти низоми маориф такмилу тарғиб дода хоҳанд шуд. |
| 2 | Кор бо волидон | Муайянсозии ояндабинии волидон роҷеъ ба масъалаи таҳқиқшаванда ва тағйироти муносибати | Таъмини ёриҳои психологӣ - педагогии фарди гуруҳӣ; | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | онҳо ба тарбияи писарҳо, ҷалб намудан ба ҳамкориҳои минбаъда ба МТМУ, кори фардӣ оилаҳои муваффақ ва эҳтиёҷманд пешгирии фирефташавии волидону наврасон ба ифродгароӣ пешгирии падидаҳои зуроварӣ амалҳои номатлуб ва ғайраҳо дар оила | суҳбатҳои фардӣ ва гуруҳӣ муҳокимаи пурсишномаҳо (бо нигоҳ доштани махфияти пурсидашудагон пешниҳод намудани адабиётҳои психологӣ - педагогӣ таҳлили иншо пурсишномаҳо далелу мисолҳо вазъиятҳои психологӣ педагогӣ ва ғайраҳо) | | |
| 3 | Кор бо омӯзгорон | Муайянсозии сатҳу сифат, масъалаҳои ҳамкориҳои омӯзгорон бо волидон ва инъикоси он дар нақшаи корҳои тарбиявии беруназдарсӣ; намуд, мазмун ва роҳу усулҳои кор бо ҷавонписарон, коллективи омӯзгорон, муҳокима ва таҳлили нақшаҳои кории роҳбарони синф дар Шурои омӯзгорон ва ғайраҳо | Ташкилу баргузории “Мизи мудаввар, конфиренсияҳо ташкили сомонаи МТМУ дар сомонаи Фейзбук, омода ва пешниҳоди гузоришу маълумотномаи омӯзгорон ба маъмурияти МТМУ пойгоҳӣ, гузоришҳо дар матбуоти даври ва ғайра. | | |

Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо истифода аз барномаи оид ба муайян намудани муносибати хонандагон ба арзишҳои оилавӣ, тасаввурот ва донишҳо оид ба муносибатҳои оилавӣ, истифодаи арзишҳои миллӣ дар тарбияи писарон, омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №12-и ноҳияи Кушониён, №8-и ноҳияи Вахш, №9, 6-и шаҳри Бохтар гузаронида шуданд. Дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ 320 нафар хонандагони синфҳои 10-11 ва 32 нафар омӯзгорон иштирок намуданд.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар асоси нақшаи махсус ташхисии таҳиянамудаи муҳаққиқ гузаронида шуд. Дар тарҳи мазкур ба унсурҳои зерин диққат дода шудааст:

– **унсури зеҳнӣ** – тасаввурот оид ба арзишҳои оилавӣ ва анъанаҳои фарҳанги миллӣ, сифатҳои ахлоқии оиладорӣ, таърихи оилаи худ, гузашта ва имрӯзаи он, алоқаҳои хешутаборӣ, идҳои оилавӣ, оид ба истифодаи анъанаҳо ва урфу одатҳои оилавӣ ва миллӣ;
– **унсури ҳавасмандӣ-талаботӣ** – кӯшиши ифтихор аз оила ва Ватани худ, муваффақият ва дастовардҳои хешу таборони худ, хоҳиши нигоҳ доштани анъанаҳои оилавӣ, ворид намудани тағйироти эҷодӣ, кӯшиши ғамхорӣ намудан ба аъзои оилаи худ;
– **унсури бадей-эҷодӣ** – мустаҳкам намудани образҳои мусбӣ, ғояҳо ва қолабҳои муносибатҳои оилавӣ дар фаъолияти якҷояи эҷодӣ;
– **унсури эҳсосотӣ** – меҳру муҳаббат ва эҳтироми волидайн, босадоқатӣ, ифтихор, масъулият, тоқатпазирӣ, саъю кӯшиш ва ғайраҳо.

Мақсади асосии корҳои озмоишӣ аз ошкор намудани мавҷудияти донишҳо ва тасаввурот оид ба ҷаҳони оила, оид ба навъҳо ва вазифаҳои оила, таркиби оила, муносибатҳои дохилиоилавӣ ва сохтори иерархии оила дар анъанаҳои фарҳанги миллӣ, истифодаи арзишҳои миллӣ дар тарбияи хонандагон иборат буд.

Дар доираи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба писарон, ки дар ин раванд иштирок менамуданд, саволномаҳо пешниҳод гардида, илова бар ин бо ҳар

як нафар сухбати рӯ ба рӯ гузаронида шуд. Он чунин натичагирӣ карда шуд.

**Чадвали 2. – Баҳогузории дониши писарон оид ба оила, арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ**

| № | Хусусияти амалҳо | Холҳо | Сатҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Писарон ба таври фаъол ба саволҳои гузошташуда чавоб дода, мулоҳизаронӣ ва хулосабарорӣ менамоянд, мисолҳо меоранд, моҳият ва хусусиятҳои оиларо ошкор намуда, муносибатҳои мусбии аъзоёни оила, истифодаи ҳавасмандӣ ва чазоро дар оила ва сатҳи таъсири онро муайян намуданд. | 3-хол | Олӣ |
| 2. | Оид ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, сифатҳои маънавӣ-ахлоқии оиладӯстдор – некӣ, масъулиятшиносӣ, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ҳассосият, итоаткорӣ, эҳтироми калонсолон, кумакнамоӣ, тавачҷуҳ ба наздикону ҳамсоягон тасаввуроти пурра доранд, оид ба некӣ ва бадӣ, рафтори адолатнок, зуҳуроти бемасъулиятӣ мисолҳои мушаххас овsecurityанд. | | |
| 3. | Масъалаҳои мухталифи оила, аломатҳо ва хусусиятҳои оила, муносибатҳои мусбӣ ва манфии оилавӣ, истифодаи чазодиҳӣ ва ҳавасманднамоӣ, кумаки байниҳамдигарии аъзоёни оиларо бо саволҳои иловагии ёрирасон ошкор намуданд, бо кумаки омӯзгор хулосабарорӣ намуданд. | 2-хол | Миёна |
| 4. | Арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ба монанди некӣ, масъулиятшиносӣ, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, эҳтироми калонсолон, тавачҷуҳ ба наздикону ҳамсоягонро бо кумак ва дастгирӣ муайян намуданд. | | |
| 5. | Оид ба некӣ ва бадӣ, рафтори адолатнок, зуҳуроти бемасъулиятӣ мисолҳои мушаххас оварда | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | натавонистанд. | | |
| 6. | Писарон ба масъалаҳои гузошташудаи оилавӣ шавқу рағбат надоранд, ба саволҳо кӯтоҳ ҷавоб дода, ҳатто ба баъзе саволҳо барои бо кумаки омӯзгор дар ҷавоб додан мушкилӣ мекашанд, оид ба аломат ва хусусиятҳои оила тасаввуроти зарурӣ надоранд. | 1-хол | Паст |
| 7. | Оид ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, сифатҳои маънавӣ-ахлоқии – некӣ, масъулиятшиносӣ, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ҳассосият, итоаткорӣ, эҳтироми калонсолон, кумакнамоӣ, таваҷҷуҳ ба наздикону ҳамсоягон тасаввуроти зарурӣ надоранд, ҳатто бо кумаки омӯзгор натавонистанд, оид ба некӣ ва бадӣ, рафтори адолатнок, зуҳуроти бемасъулиятӣ мисолҳои мушаххас оваранд. | | |

Дар натиҷа, муайян карда шуд, ки оид ба оила ва оиладорӣ, муносибатҳои оилавӣ, арзишҳо ва анъанаҳои оилавӣ, аксарияти писарон тасаввуроти пурра ва қонеъкунанда надоранд. Аксарияти онҳо, ҷанбаҳои одии оила ва оиладориро намедонанд.

**Ҷадвали 3. – Сатҳи баҳогузории тасаввуроти писарон оид ба оила ва оиладорӣ, ки дар раванди кори таҳқиқотӣ муайян намудем, дар ҷадвали 2 ва дар диаграмма бо таври зерин тасвир карда шуд:**

| Миқдори умимӣ | Сатҳи баланд | Сатҳи миёна | Сатҳи паст |
|---|---|---|---|
| **шумора 320 нафар** | 15% | 38% | 47% |
| | 48-нафар Хонанда | 122-нафар Хонанда | 150-нафар хонанда |



**Расми 5. – Диаграммаи сатҳи баҳогузорӣ**

Ҳамин тавр 150 нафар хонандагон, яъне 47% иштирокчиён оид ба оила, муносибатҳои оилавӣ, нақши падар ва модар дар раванди тарбияи фарзандон тасаввуроти зарурӣ надоранд. Чунин мешуморем, ки фориғболии волидайн, ба масъалаи оилаву оиладорӣ диққати зарурӣ зоҳир нагардидан онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ боиси сатҳи пасти тасаввуроти писарон оид ба оила ва оиладорӣ гардидааст. Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки барои баланд бардоштани сатҳи тасаввуроти писарон оид ба оила ва оиладорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таълими фанни махсус оид ба одоби оиладорӣ диққати махсус равона карда шавад. Ҳамкории байни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва волидайн ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шавад, ки метавонад боиси ҳавасмандии писарон ба масъалаи мазкур гардад.

Сатҳи миёнаро 122 нафар хонандагон ё 38% ташкил намуданд, ки натиҷаи он муносибати махсусро талаб менамояд. Албатта, ташкил намудани чорабиниҳои мухталиф оид ба масъалаҳои оилаву оиладорӣ имконият медиҳад, ки миқдори писарон дар ин сатҳ коҳиш дода шавад. Сатҳи баланд 48 нафар - 15% аст, ки албатта, хеле кам аст. Чунин мешуморем, ки хонандагони дар сатҳи баланд  ва сатҳи миёна қарор дошта ба иҷрои нақши падарӣ то андозае омода мебошанд. Вале бо 150 нафар хонандагони дар сатҳи паст қарордошта корҳои махсус тарбиявиро пурзӯр намудан зарур аст.

**Ҷадвали 3. – Баҳогузории қобилият ва тасаввуроти писарон оид ба оила ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ**

| Миқдор и холҳо | Хусусияти амалҳо | Теъдоди иштирокчӣ | Сатҳи умум | Бо ҳисоби Фоиз |
|---|---|---|---|---|
| **1 хол** | Саъю кӯшиши писарон дар азхудкунии донишҳо ва тасаввурот оид ба оила мушоҳида карда намешавад. Тасаввуроти умумии нодуруст оид ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ. | 320 | Паст | 47% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **2 хол** | Тасаввурот оид ба оила, муносибатҳои дохилиоилавӣ, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дуруст ташаккул ёфтаанд, лекин ҳанӯз пурра ва дақиқ нестанд. | 320 | Миёна | 38% |
| **3 хол** | Тасаввуроти пурра ва дақиқ оид ба моҳият ва хусусиятҳои оила, муносибатҳои дохилиоилавӣ, арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ ташаккул ёфтааст. | 320 | Баланд | 15% |

Чи тавре, ки аз ҷадвали 3 ва диаграммаи таҳиягардида бармеояд, қобилият ва тасаввуроти писарҳо оид ба оила ва арзишҳои маънавӣ ахлоқии оилавӣ низ аз сатҳи тасаввуротҳо оид ба оила ва оиладорӣ фарқ намекунанд.




**Расми 6. – Диаграммаи сатҳи баҳогузории қобилият ва тасаввуроти писарон оид ба оила**

Маълумоти бадастомада имконият медиҳад, ки оид ба сатҳи баланд миёна ва пасти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавии писарон хулосабарорӣ намудем. Махсусан нишондиҳандаҳо, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шуданд, дар сатҳи паст зиёдтар қарор доранд.

Илова бар ин, дар асоси суҳбатҳо бо роҳбарони синфҳо, ҷонишини директор оид ба тарбия метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки аксарияти хонандагон, махсусан писарон, на ҳама вақт дар чорабиниҳои тарбиявӣ ширкат, мекунанд. Гарчанде бо таври доимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти

миёна корҳои тарбиявӣ гузаронида мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада тақозо менамояд, ки корҳои тарбиявӣ дар ин самт пурзӯр ва иштироки фаъолонаи хонандагон дар онҳо таъмин карда шаванд. Чунин мешуморем, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани қобилият ва тасаввуроти писарон оид ба оила ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ пурзӯр намудани ҳамкории байни муассисаи таҳсилоти миёна бо волидайн ба ҳисоб меравад.

## 2.3. Ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи писарҳо ва иҷрои вазифаи падарӣ

Таҳлили тамоюлҳои таҳқиқотҳои соҳаи психология ва педагогика, тағйирот дар ҷомеа ва соҳаи маориф имкон медиҳад, ки талаботи рӯзафзуни ҷомеаро ба тарбияи амиқ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият дар оила, бахусус тавассути баланд бардоштани нақши падар дар таълиму тарбияи фарзандро ба ҳисоб гирифта ҳамкории муассисаҳои таълимиро бо оила дар тарбияи писарҳо ва иҷрои вазифаи падарӣ махсус мавриди омузишу таҳқиқот қарор диҳем.

Мутобиқи талаботи ҷомеа оид ба ташкили раванди кори таълиму тарбиявӣ фароҳам овардани шароит барои ташаккули шахсияти эҷодкор, ки қодир ба худшиносӣ ва қонеъ гардонидани ниёзу манфиатҳои инфиродӣ, инчунин ҳалли доираи васеи проблемахои инкишофи чавонон ба ҳисоб меравад,хеле муҳим аст. Ин мавҷудияти муҳити тарбиявиро дар назар дорад, ки дар он ҳар як кӯдак ва наврас донишу тахайюли худро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, муайян намудани мавқеи шахсии худ дар эҳсоси ноил шуданро бо комёбӣ  истифода барад. Дар заминаи роҳу воситаҳои гуногуни тарбияи кӯдакону наврасон дар оила, ҳамкориҳои ҳамоҳангшуда ва хоҳиши самаранокии фаъолияти волидон бо омӯзгорони МТМУ дар таълиму тарбия вазифаи асосӣ мебошад.

Тарбияи волидайн шудан мисли дигар фаъолиятҳо як раванди мураккабест, ки иҷрои амалҳои гуногун ва тағйироти муоширату муносибатро ба таълим, кӯдак ва омӯзгор барои расидан ба ҳадафҳои тарбиявиро дар бар мегирад. Он ҳамкории волидайн ва фарзандонро бо мақсади таъмини рушди ҳамаҷониба ва худшиносӣ, инчунин ташаккули салоҳияти иҷтимоии кӯдак дар бар мегирад.

Баъзе аз волидон чунин ақида доранд, ки ягон дастури умумӣ нест, ки онҳоро аз хатогиҳои гуногун дар тарбияи оилавии кӯдакон, махсусан писарон наҷот диҳад. Ислоҳи ҳар як хатои волидайн муосибати инфиродӣ

ва аксар вақт интихоб кардани воситаи мувофиқро аз якчанд имконоти имконпазир талаб мекунад. Омодагӣ ба нақши падару модар, махсусан нақши падар, бояд ҳам аз муҳити оила ва ҳам дар мактаб бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва ташкили раванди педагогӣ оғоз шавад. Мо чунин мешуморем, ки роҳи дурусти беҳтар кардани омодагии ҷавонон ба иҷрои нақши падару модарӣ, хеле гуногунҷабҳа ва масъулиятнок аст.

Муносибати байни волидон ва фарзандон дар ташаккули сохтор ва рушди оила, муайян кардани мавқеъ ва дурнамои рушди он нақши муҳим дорад. Ин муносибатҳо натиҷаи раванди фарҳангӣ-таърихӣ мебошанд, ки мувофиқи меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ тағйир меёбанд.

Омодагӣ ба волидайнӣ на танҳо дар зери таъсири омилҳои физиологӣ ва ахлоқӣ, балки тавассути қобилияти шахс дар ҳамоҳангсозии амалҳо ва талош барои ноил шудан ба ҳадафҳои аз ҷониби ҷомеа ва оила қабулшуда ташаккул меёбад. Ин боиси омодагӣ ба таълиму, тарбия ва рушди кӯдак мегардад. Тарбияи босифати фарзандон, бахусус писарон, дар оила ба иттиҳод дар коллективи оилавӣ ва ҳузури волидон вобастагӣ дорад. Волидон ҳамчун намунаи муносибатҳои ҳақиқӣ барои рушди кӯдак ва ташаккули эҳтиром ба ҳарду ҷинс фазои мусоид фароҳам меоранд, ки дар оянда ба ӯ дар муоширати бо одамони ҷинси гуногун мусоидат карда тавонад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки падар ва модар дарк кунанд, ки набудани тарҳи муносибатҳои солими оилавӣ метавонад ба ташаккули дурусти андешаҳо дар бораи оила халал расонад, дар рушди муносибатҳои оилавӣ монеа эҷод кунад.

Камолоти шахсияти волидайниро метавон ба се ҷанбаи асосӣ тақсим кард, ки қобилияти онҳоро ҳамчун волидайн муайян мекунанд:

– **ҷанбаи маърифатӣ:** ин ғоя худ ҳамчун шахси масъулиятнок, дарки фарзандон чун аъзои баробарҳуқуқӣ оила, дарки таълиму тарбия ҳамчун воситаи рушди мусбати шахс, на танҳо ислоҳи камбудиҳо мебошад;
– **ҷанбаи рафторӣ:** ин иштироки фаъолонаи волидон дар тарбия ва

таъмини моддии фарзандон, қобилияти ба роҳ мондани робита бо онҳо, аз ҷумла қобилияти гуфтугӯ дар бораи эҳсосоти худ ва гӯш кардани онҳо;

– **ҷанбаи эмотсионалӣ:** ин қабули бечунучарои кӯдак аст, ҳамчун аъзои оила ва фаҳмидану фаҳмонидани он, ки ӯро дӯст медоранд, ва на танҳо хурсандию шодии якҷоя, инчунин аз амалҳои номатлуб хастаю ғамгин мегарданд, ки ифодагари ташаккули камолоти падарӣ дорад ва дар рушди писар ва омодагии ӯ ба иҷрои нақши падари мусоидат мекунад ин ҳамкорӣ аст, ки чунин ҷабҳаҳоро дар бар мегирад.
– таҳлил ва ҳалли мушкилоте, ки дар оила ба вуҷуд меоянд (таҷдиди назар ва ислоҳи таҷрибаи волидайн);
– ҳавасмандкунии рушди шахсӣ;
– фаҳмидани мушкилоти шахсӣ, ки ба ҳамдигарфаҳмӣ бо фарзандон ва дигар аъзоёни оила халал мерасонад;
– қабули принсипи *«соҳиби тақдири худ будан»*;
– дарки масъулият ҳамчун сарвари оила;
– рушди қобилияти худтаҳлилӣ;
– васеъ намудани фаҳмиши ҳавасмандкунӣ дар азхудкуни таҷрибаи иҷтимоӣ;
– ташаккули таҷриба дар фаъолияти муштарак бо фарзандон;
– фаъолсозии нерӯи эҷодӣ бо истифодаи роҳу воситаҳои дастрас;
– инкишофи чандирии тафаккур ва рафтори иҷтимоӣ;
– қабул ва дӯст доштани худ ва дигар аъзоёни оила.

Муҳаққиқ Е.К. Узденова дар асоси омӯзиши роҳҳо ва воситаҳои асосии тарбияи писарон, оид ба принсипи асосии он чунин таъкид намудааст: *«Ҳар ҷанбае, ки мо мехоҳем дар кӯдакон тағйир диҳем, пеш аз ҳама, бояд бодиққат тафтиш кунем, ки оё ин ҷанбае нест, ки беҳтар аст дар худамон тағйир диҳем»* [154, С. 74-75].

Масъулият хислати асосии шахсияти баркамол аст, бинобар ин бо

падару модарон зарур аст, ки ба инкишофи ин ҷанба аҳамияти ҷиддӣ додан зарур аст. Бисёр одамон масъулиятро ҳамчун бори вазнини марбут ба ӯҳдадориҳо ва маҳрумият аз интихоб ва озодӣ медонанд, ки ин хусусият ба фарзандон низ таъсиргузор мегардад.

Вақте инсон масъулияти худро дарк мекунад, мефаҳмад, ки озодии интихоб дорад, зеро ӯ барои қабули ҳамаи қарорҳо ва амалҳои худ дар зиндагӣ масъул аст, на вазъият, сарнавишт ва на одамони дигар ба ӯ ҷавобгӯ ҳастанд. Масъулият дар эҳсосот ва амалҳои тарбияи фарзандон ва волидайни оянда кӯмак мекунад. Қобилияти пайдо кардани таносуби озодӣ ва масъулият, озодӣ ва иҷоза дар раванди тарбияи фарзанд ва умуман дар зиндагӣ ба ташаккули шахсияти солим, масъулиятшинос ва озод мусоидат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки тарбияи падару модари оянда, махсусан падарон, на танҳо аз нуқтаи назари инкишофи фарзандон ва устувории оила, балки бо назардошти аҳамияти иҷтимоӣ низ ба назар гирифта мешавад. Тарбияи падару модарон, бахусус падарони оянда, бояд ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоӣ гардад, зеро бисёре аз мушкилоти иҷтимоии ҷомеа, аз қабили майзадагӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ ва бемориҳои рӯҳӣ ва махсусан пайравӣ кардан ба гуруҳҳои иртиҷои тундрав вуҷуд надоштани ҳамдигарфаҳмӣ, ихтилофҳои байнишахсӣ мушкилоти дохили оила сарчашма мегиранд.

Меҳру муҳаббати волидайн омили асосии нигоҳ доштани фазои ахлоқию маънавӣ дар оила буда, ба самаранокии тарбия таъсир мерасонад. Меҳру муҳаббат барин ҳиссиётҳои табиӣ на танҳо ҳаёти эҳсосии кӯдакон, балки тамоми аъзоёни оиларо ғанӣ мегардонанд, ба волидон дар масъалаҳои таълиму тарбия тасмимҳои дуруст медиҳанд. Илова бар ин, вобастагии волидайн бояд дар асоси интизорӣ ва ба назар гирифтани манфиатҳои воқеии фарзандон, бахусус дар оилаҳои нопурра асос ёбад. Мушоҳидаҳо, суҳбат бо наврасон нишон медиҳанд, ки он масъалаи баҳснок ва печида аст.

Як қатор волидайн чунин мешуморанд, ки нишон додани меҳру муҳаббат ба фарзандон боиси нозпарварӣ, худхоҳӣ ва худдӯстдории онҳо мегардад. Лекин чунин андешаро ба пуррагӣ рад намудан масъалаи баҳснок ва печида аст. Мушоҳидаҳо, сӯҳбат бо наврасон нишон медиҳанд, ки чунин хусусиятҳои номатлуби шахс маҳз дар асоси нокифоягии меҳру муҳаббат, дар ҳолати бунёди як навъ норасоии эҳсосотӣ, маҳрум будани фарзанд аз меҳру дилбастагии ивазнашавандаи волидайн ва ғайраҳо пайдо мегарданд.

Анъанаҳои оилавӣ дар раванди тарбияи фарзандон дар оила нақши калон мебозанд, ки онҳо аз эҳтироми пиронсолон, ғамхорӣ нисбат ба хурдсолон, ёрии ҳамдигарӣ, меҳнат ва истироҳати муштарак, дастгирии тарзи ҳаёти солим, меҳмоннавозӣ ва ғайраҳо иборат мебошанд. Ин анъанаҳо ба ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии кӯдакон таъсири амиқ мерасонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки падару модарон танҳо дар сурате, ки дар назди фарзандонашон обрӯи муайян дошта метавонанд, ки ӯҳдадориҳои тарбиявии худро бомуваффақият иҷро менамоянд. Обрӯи волидайн, таъсири ахлоқии онҳо дар ташаккули тафаккур ва рафтори фарзандони бояд дар асоси эҳтиром ва эътимоди ҳамдигарӣ бунёд гардад. Барои ба чунин обру сохиб шудан кори доимӣ, суботкорона ва бобарори падару модарон лозим аст. Ин баҳодиҳии оқилонаи дониш ва малакаи онҳоро дар бунёди муносибатҳои мустаҳкам ва эҳтироми оилавӣ талаб мекунад. Ин як раванди меҳнатталаб буда, сабру тоқат ва поквиҷдониро талаб мекунад ва самаранокии он ба сифати муносибат бо фарзандон, инчунин дарки манфиатҳо ва ниёзҳои онҳо вобаста аст.

Илова бар ин, обрӯву эътибори падару модар аз хусусияти муносибати тарафайни онҳо ва аз риояи талаботҳои ягона дар тарбияи фарзандони синну соли гуногун алоқаманд мебошад. Обрӯи падару модар, ки бо ибрати шахсии онхо ифода меёбад, танҳо дар ҳамон вакт аҳамияти муҳими тарбиявӣ пайдо мекунад, ки фарзандон нақши онҳоро дар дастовардҳои

иҷтимоӣ ва мавқеи шахсӣ дар доираи муносибатҳои байнишахсӣ мавриди эътироф қабул шуда бошад.

Дар марҳилаи ибтидоии рушд ин ҳиссиёт метавонад нақши мусбатро иҷро намуда, волидайнро барои фаъол будан дар тарбия ҳавасманд гардонанд. Аксари волидайн, бахусус онҳое, ки соҳиби мансабҳои баланд ва майлу рағбати шӯҳратпарастӣ доранд аксар вақт бо қудрату тавоноии худ зиёд эътимод доранд. Онҳо метавонанд бартарии фарзандони худро таъкид кунанд, ба дӯстону наздикон беэҳтиромонаро раво донанд, нисбати мактаб ва омӯзгорон эродҳои ношоиста баён кунанд. Ин амал метавонад ба ташаккули шахсияти кӯдакон таъсири манфӣ расонад ва дар баъзе мавридҳо боиси низоъҳои ҷиддии байни онҳо ва волидон ва ҳатто ҳамсолону омузгорон гардад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки волидон ҳамеша аз амалҳои ношоистаи худ огоҳ бошанд, онҳоро бошуурона ислоҳ кунанд ва амалу рафтори хешро дар доираи оқилона нигоҳ доранд.

Муносибатҳо дар оила шакл ва шароити мавҷудияти муштараки хешу табориро низ ифода мекунанд, ки онҳо ба иҷрои вазифаҳои оилавӣ, аз қабили тарбияи фарзанд, идораи хонавода ва қонеъ гардонидани талаботи аъзои он таъсир мекунанд. Муносибатҳои оилавӣ, ки ба ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром, дастгирӣ ва кӯмак асос ёфтаанд, ба саломатии маънавӣ-ахлоқӣ ва ҷисмонии аъзоёни оила, хислат ва рафтори онҳо таъсир мерасонад, ки барои тарбияи фарзандон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Хусусияти муносибатҳо дар оила бо як қатор омилҳо, аз ҷумла анъанаҳои муошурати оилавӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фазои ахлоқию маънавии ҷомеа, дараҷаи вобастагии оила аз ҷомеа, инчунин иштироки онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Инчунин навъи оила (калон ё хурд), сохтори оила (низоми роҳбарӣ ва тобеият), хусусиятҳои психологӣ ва шахсии хешовандон, инчунин сатҳи мувофиқати аъзоёни оила ва ғайраҳо низ ба шаклгирии тасаввуротҳои фарзандон таъсир мерасонад.

Вазъияти тарбиявӣ дар оила ҷараёнест, ки дар он аъзоёни калонсоли

оила (падар, модар, бобо, бибӣ, фарзандони синну соли гуногун) иштирок намуда, ба ташаккули шахсият, хислат, малака, қобилият ва одатҳои кӯдак таъсир мерасонад. Эътимод ба раванди волидайншавӣ эҳтиром ба кӯдакро низ дар бар мегирад. Ба ӯ бештар мустақилият ва бовариро ба қобилияти ӯ барои бартараф кардани мушкилот иброз намудан муҳим аст. Ин амал боварӣ зоҳир намудан ростқавлӣ, меҳрубонӣ таҳамулпазирӣ, инсонгарой ва ғайраро дар бар мегирад. Дар натиҷа кӯдак метавонад мушкилотро паси сар кунад ва рафтори худро беҳтар намояд. Эътимод ва боварӣ ба кӯдак илҳом мебахшад ва ба ӯ кӯмак мекунад, ки ба худ бовар кунад, хоҳишу талаботҳои худро мувофиқ ба талабот, имконият ва шароитҳои хонаводагӣ идора ва самтгирӣ намояд.

Тарбияи арзишҳо дар кӯдак ва дарки арзишҳои шахсии ӯ, воситаи ташаккули сифатҳои баланди ахлоқӣ ва эҳтиром ба онҳо мебошад. Иҷрои ин вазифа ба худшиносӣ маҳорату малакаҳои, муошират бо одамони дигар,иҷрои супоришҳои маишӣ, худтакмилдиҳии фарзандон мадад мерасонад.

Падар барои писар намунаи аввалин муҳимми нақшофаринӣ дорад. Маҳз дар муошират бо падар, писар ба ӯ тақлид намуда, сифату хусусиятҳои муносиб ба мардиро аз худ менамояд. Ҳар як падар бояд инро дарк намояд ва дар хотир дошта бошад, ки кӯдак аз хурдӣ дар ҳама чиз: дар шеваи гуфтор, чеҳра, имову ишора, гуфтор ва пеш аз ҳама, муносибат ба модар, ба ӯ тақлид мекунад. Муносибати падар ба модар бештар хусусияти муносибати писарро бибӣ, модар, хоҳар ва духтарон муайян мекунад. Аксар вақт писароне, ки аз таваҷҷуҳи падар маҳрум мондаанд, шахсони ба қадри кофӣ баркамол ва мустақил нестанд. Онҳо дар коллектив тез ва хуб мутобиқ намешаванд, тарсончаку маккор, бадкирдор ва хашмгин ба воя мерасанд.

Падар аз рӯи анъана ва чун қоидаи эътирофгардида меҳру муҳаббати худро бо муваффақият ва дастовардҳои писар алоқаманд менамояд. Аз солҳои аввали ҳаёт падар кӯшиш менамояд ба писар муносибати

арзишмандро нишон диҳад. Падар писарро бо низоми арзишҳо шинос намуда, ӯро ба ҷаҳони муносибатҳои иҷтимоӣ ворид менамояд, маҳорату малакаҳо ба баҳогузорӣ, муваффақият ва дастовардҳои худро зери таъсири баҳогузориҳои одамони гирду атроф меомӯзонад.

Тасодуфӣ нест, ки дар шуури писарҳо зиёдтар  низоми дурангаи рафтори писаронаю духтарона мушоҳида мегардад, ки он низ дар рушди иҷтимоии онҳо таъсиргузор аст. Аксар вақт писарбача чунин ибораҳоро на танҳо аз падараш, балки аз модараш, ҳамсолон, бобою бибӣ мешунавад: *«Мард шав!»*, *«Чаро мисли духтарча гиря мекунӣ!»*, *«Сабр кун, мард ҳастӣ!»*, - Ба падарат нигар! ва ғайраҳо. Ҳамин тариқ, писарбача аз рӯзҳои аввали ҳаёт ба азхудкунии маҷмӯи меъёрҳои муайяни иҷтимоӣ мутаалиқ ба мавқеи мард будан шурӯъ мекунад, ки ҳамаи онҳо бояд ба писар, мардӣ, ҷавонмпардӣ мувофиқ бошанд.

Падар бо рафтору кирдор ва муносибат ба дунё ва атрофиён барои писараш намунаи ибрат нишон медиҳад, ки на танҳо барои ӯ муддати тӯлонӣ, балки ҳатто барои тамоми умр намунаи бевоситаи ӯ маҳсуб мегардад. Ҳамин тариқ, муносибати писар бо падар ҳамеша дорои самтгириҳои иҷтимоӣ мебошад. Саъю кӯшиши падар дар самти мутобиқ намудани писар ба ҷаҳон дар муоширати бевоситаи байни падар ва писар зоҳир мегардад. Сӯҳбати падар бо писар,меҳнату фаъолияти якҷоя бозиҳои онҳо хусусияти дақиқи иҷтимоӣ доранд.

Дар тамоми самтҳои муошират падар дар асоси таҷрибаи худ ба писараш таълим медиҳад, ки дар ҳолатҳои муайяни зиндагӣ самаранок амал кунад ва ин амалҳо бояд мувофиқи меъёрҳои қабули рафтори мардона мувофиқ бошанд. Ин раванди таълим ёд додан, омӯзонидан гуногун ва гуногунҷанба буда, чунин марҳилаҳоро, дар бар мегирад; ташаккули таҷрибаи худдорӣ намудан. қобилияти ҳамкорӣ бо одамони касб ва синну соли гуногун, эҳтироми онҳо, қобилияти иҷро кардани амалҳои мухталифи марбут ба шавқу ҳавасҳои махсуси *«мардона»* салому алейк ва ҳолпурсӣ намудан, иҷрои расму оинҳои мутаалиқ ба мардон

гуфтору амалҳо ва ғайра.

Чунин таъсири тарбиявӣ писарбачаро ҳамчун намояндаи зерфарҳанги мардона ташаккул медиҳад, дар бораи тақсими нақшҳо ва масъулиятҳо байни ҷинсҳо маълумот медиҳад, ба ҳисобгирӣ ва ҳифзи манфиатҳои писарро дар ҷомеа меомӯзонад ва барои ташаккули ақидаҳои аз ҷониби умум қабулшуда шароитҳо фароҳам меорад.

Аксари падарон нисбат ба зоҳир кардани шавқу завқ бо амалҳои ношоиста ва номуносиб ба писарҳо, аз қабили бо лӯхтакбозӣ, таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба касбу кори занона истифода аз симои занона дар бозиҳои нақшбозӣ, пайравӣ ба мӯд ва таваҷҷуҳи зиёд ба намуди зоҳирӣ, пургӯи, хабаркашӣ ва ғайра  норозигӣ баён мекунанд.

Инчунин, мавзӯи ғазаб ва ҳаваси падарон аз набудани таваҷҷӯҳ ба технологияи муосир ва интихобу азхудкуни касбҳои замонавӣ хеле зиёд мушоҳида мегарда. Чунки падар вазифаи ба ҳаёти ҷаъмият тайёр кардани писарашро пурра иҷро карданро бо масъулиятона дарк менамояд. Аз ин рӯ, падар бояд аз овони хурдсолӣ таҳсил дар мактаб ва тамоми умр дар тарбияи писаронаш фаъолона иштирок намояд. Боиси таасуф аст, ки дар шуури муқаррарӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки дар солҳои аввал тарбияи фарзанд комилан ба модар тааллуқ дорад ва зарурати иштироки падар дар тарбияи кӯдак вуҷуд надорад.

Мушоҳидаҳо, таҳлилҳо ва далелу мисолҳои ҳаётӣ нишон медиҳанд, ки чунин муносибат хатарнок аст, зеро соҳаи шавқу рағбат ва тарзи рафтори писар бештар зери таъсири модар ташаккул меёбад. Дар ҳолати ҷой надоштани таъсиррисонии тарбиявии баробаргардидаи падар чунин ҳолат метавонад ба шаклгирии шавқу рағбат ва рафтори номатлуби иҷтимоии писар оварда расонад.

Танҳо бо роҳбарии бевоситаи падар, намунаи муносибати мардона ҳалли проблемаҳои ҳаётро мушоҳида намуда, писар метавонад ҳамчун мард, мувофиқи интизориҳои ҷомеа ташаккул ёбад ва ба камол расад.

Дар асоси таҳлили нақш ва вазифаҳои падар дар тарбияи писар,

метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки он ба иҷро намудани ду уҳдадории асосӣ равона карда шудааст, ки ҳар яки он дар ҳаётиояндаи писар аҳамияти бузург дорад:

– падар фарзандро ба ҷаҳони муносибатҳои иҷтимоӣ ворид менамояд, ӯро ба қабул ва баҳогузории мувофиқи худ ва дигарон меомӯзонад, ба ташаккули писар ҳамчун намояндаи зерфарҳанги мардона мусоидат менамояд. Ҳамаи ин ҷанбаҳо рушди шахсӣ ва иҷтимоии писарро таъмин менамоянд;
– падар ба писар дар дарки худ ҳамчун мард кумак менамояд, ки рушди муқаррарии иҷтимоию психологии писарро ифода менамояд ва мушкилотҳоро дар соҳаи муоширату муносибати тарафайни ҷинсҳо бартараф месозад.

Иштирок надоштани мард дар иҷрои ин вазифаҳои муҳим метавонад боиси проблемаҳои мухталиф дар ҳаёти писарбача гардад, ки онҳо дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мешаванд:

– писарбача метавонад дар байни ҳамсолони худ муртад гардад, танҳо ба он хотире, ки ӯ намунаи рафтори мард, воситаҳои мардонаи ҳалли мушкилотҳои ҳаётиро надидааст;
– писар метавонад боиси масхараи дигарон гардад, чаро ки воқеияти зерфарҳанги мардонро намедонад;
– мушкилоти муошират и писар бо намояндагони ҷинси муқобил низ метавонад бо мушкилотҳои мухталиф рӯ ба рӯ гардад, зеро ӯ малакаву маҳорати ба роҳ мондани алоқаҳо ва низоми муайяни муносибатҳои тарафайнро аз худ накардааст.

Сабаби тамоми ин мушкилот одатан дар он аст, ки падар дар ҳолатҳои зарурии рушди писар ба тарбияи ӯ диққат надодааст. Дар шароити муосир падарон вазифаи асосии худро дар таъминоти моддии некуаҳволии оила мебинанд ва тарбияи писарҳо, ба ҳаёти иҷтимоӣ омода намудани онҳоро вазифаи худ ба худ иҷрошаванда ҳамгоми ба миён омадани зарурият ва муассисаҳои соҳаи таҳсилотӣ ҳисоб мекунанд. Лекин масъала дар он зоҳир

мегардад, ки вазифаи падар танҳо бо таъминоти моддии некуаҳволии оила ба итмом намерасад.

Нокифоят будани воситаҳои моддӣ аз тарафи ҳамсару фарзандон хеле дарднок қабул карда мешавад, лекин ҷой надоштани тарбияи падарӣ метавонад оқибатҳои фоҷиабор барои ҳаёти ояндаи писар дошта бошад. Маҳз аз ҳамин хотир, новобаста аз мушкилоти моддӣ, падар бояд дар хотир дошта бошад, ки хушбахтии писари ӯ на танҳо аз воситаҳои моддӣ, балки аз самаранокии иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ вобаста мебошад.

Одатан, ҷазодиҳии падар нисбат ба ҷазодиҳии модар тулонӣ ва ҷиддитар мешавад, падар камтар аз ҷазо гузашт менамояд ва онро сабук менамояд. Дар ин чандирии ками психологӣ ва консерватизми зиёд, ки хоси падарон аст, зоҳир мегардад. Лекин, чунин методҳои таъсиррасонии падар аз тарафи писарон нисбат ба ҷазои модарон беҳтар қабул карда мешавад. Мумкин аст, ки писарон дар сатҳи беихтиёрона зарурати чунин ҷазоҳоро дарк менамоянд. Ҷиддияти падар ба писар зарур аст, зеро маҳз бо ин васила писар дарси аввалини ҳамкорӣ дар ҷамбаи мардонаро аз худ менамояд.

Дар асоси таҳлили заминаҳои иҷтимоӣ-психологӣ шаклдиҳии омодагии ҷавонон ба иҷрои нақши падарӣ, истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарҳо, таҳлили таҷрибаи тарбияи писарҳо чунин самтҳои тарбияи писарҳоро чун раванди тарбияи гендерӣ дар оила махсус таъкид кардан мумкин аст:

- падар дар хонавода ва ҷомеа ба фарзандон, ҳамсару пайвандон ҳиссиёти боварӣ ва эътимоднокӣ ба оянда ва ҳисси ҳифзшуда буданро таъмин менамояд;
- падар барои фарзандон, махсусан, писарҳо намунаю ибрати амалу рафтор, гуфтору муошират, сарчашмаи эътимоду боварӣ ва қувваю нерӯ мебошад, чунки ҳам айёми ҳузур доштан ва ҳатто дар масофаи дур аз хонавода будани ӯ фарзандон такягоҳ доштан ва бехатариро эҳсос менамоянд;

– кафолати устувории худбаҳодиҳӣ ба неру ва имкониятҳои шахсӣ на танҳо ба меҳру муҳаббат, дастгирии модар, инчунин аз дастгирию маслиҳат, насиҳату раҳнамоии падар вобаста аст. Ӯро падар чун мард дастгирӣ менамояд, аз ин хотир метавонад тамоми умр мушкилотҳои ҳаётиро паси сар намуда ба пешрафту дастовардҳо муваффақ гардад;
– тарбияи падар ба писар имконият медиҳад дар ӯ ҳувияти ҷинсӣ – тақсимоти дурусти нақшҳои гендерии мардона шакл гирад; тарҳи муносибатҳои солиму арзишманди оилавиро аз худ намуда аз онҳо дар бунёду устувории оилаи худ истифода барад;
– дар фаъолиятҳои якҷояи маишӣ – меҳнатӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, таълиму тарбиявӣ, муоширату муносибатҳои дохилиоилавӣ ва ҷамъиятӣ падар ба фарзанди худ амалу рафтор, хислату одоби мардонаро меомӯзонад, ки кулли онҳо ба шаклгирии сифатҳои ҷавонмардӣ ва иҷрои нақши падарӣ мусоидат менамоянд;
– дар интихоб намудани рафтори мувофиқ дар ҷомеа, риоя намудани қойда ва меъёрҳои ахлоқи ҷамъиятӣ падар намунаи ибрат гардида, азхудкунӣ ва амалӣ гардондани онҳо ёрӣ мерасонад;
– чун анъанаи миллии мардуми тоҷик қисми зиёди падарон нисбат ба фарзандон ҷиддӣ ва сатҳгирона муносибат менамоянд. Аз ин рӯ иҷрои супоришу талаботҳои падар хусусияти ҳатмӣ, босифату саривақтӣ, доимӣ ва мунтазаму муназзам доранд. Ин хусусият ва шаклгирии масъулиятшиносӣ, ҳисси эҳтиром нисбат ба калонсолон ва дигар сифатҳои иродавӣ – ахлоқии ҷавонмардӣ мусоидат менамоянд. Масалан, падар метавонад писарро ба эҳтироми калонсолон ва ғамхорӣ дар ҳаққи хурдсолону хешовандон, ниёзмандон, саховатпешагӣ ва ғайраҳо водор намояд. Инчунин иҷрои ҳатмии қоидаҳоии рафтори амалро, ки дар ҷомеа қабул карда шудаанд, талаб намояд;
– нигоҳдории тавозуни меъёрҳои муошırату муносибатҳои дохилиоилавӣ, ки аз тарафи падар талаб карда мешаванд, ба фарзандон барои паси сар намудани бӯҳронҳо, мушкилотҳо айёми дур гардидан аз

муҳити хонаводагӣ (воридшавӣ ба низоми таҳсилоти миёна ва олӣ, ба хизмати аскарӣ ва ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан ва ғайраҳо) ба писарҳо имконият медиҳад тез ба ҷаҳони нави зиндагӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гарданд, мушкилоту монеаҳоро бартараф созанд;

– рушди ҷисмонии инсон, махсусан, писарҳо ба дастгирию мадади падар алоқаманд аст, ки ин раванд ҷалб намудани онҳоро аз хурдсолӣ ба бозиҳои миллии варзишӣ, варзишу мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайраҳо талаб менамояд. Ҳамкориҳо дастгирии падар бо писарҳо имконият медиҳанд дар ин раванд маҳорату малакаҳои ҳаракаткунӣ рушд ва такмил дода шаванд, сифатҳои тобоварӣ, пуртоқатӣ, ҷасурию далерӣ, бартараф карда тавонистани монеаҳо, банақшагирии тарзи иҷрои машқу тамрини бадан, истифодаи дурусти вақт ва ғайраҳо тарбия, ташаккул дода шаванд. Дар тани солими писарҳо мавҷудияти руҳи солимро тарбия намудани падар рисолати азалии ӯ барои имрӯзу фардои оила, халқ, миллат ва ватан аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити Тоҷикистон аксар вақт ба тарбияи писарон диққати зарурӣ равона карда намешавад, ки ба ақидаи мо, ин норасоӣ бо паст будани сатҳи донишҳои педагогии волидайн, махсусан падарон, алоқаманд аст. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза, ҳамкории байни оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи муайянро касб намудааст, ки он бояд ба васеъ намудани доираи тасаввуроти волидайн оид ба хусусиятҳои тарбияи писарон, омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзанд равона гардида бошад. Метавон қайд намуд, ки дар тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ ҳамкории байни волидайн, махсусан падар ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст. Дар доираи ин ҳамкорӣ волидайн имконият пайдо менамоянд, роҳу усул ва таъсиррасонии воситаҳои психологӣ ва педагогии тарбияи фарзандонро аз худ намуда, самаранокии раванди мазкурро таъмин намоянд. Илова бар ин, метавонанд оид ба истифодаи арзишҳои миллӣ ва оилавӣ дар раванди тарбияи фарзандон иттилооти

зарурӣ ба даст оранд ва дар фаъолияти худ онҳоро истифода баранд.

Корҳои озмоиши таҷрибавӣ оид ба муайян намудани ҳамкории байни волидайн ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муносибати омӯзгорон ва волидон ба арзишҳои оилавӣ, истифодаи арзишҳои миллӣ дар тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба иҷрои вазифаҳои падарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №12-и ноҳияи Кушониён, №8-и ноҳияи Вахш, №9, №6-и шаҳри Бохтар гузаронида шуданд. Дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ 127 нафар волидон, 32 нафар омӯзгорон ва 320 нафар хонандагони синфҳои 9-11 иштирок намуданд.

Ташкилнамоӣ ва амалинамоии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бо ду гуруҳи озмудашавандагон ба роҳ монда шуданд: гурӯҳҳои 1) муқарраркунанда 2) ташаккулдиҳанда ва 3) назоратӣ. Бо мақсади таъмини ташхиси ҳамкории волидайн бо МТМУ дар самти тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ ва иҷро намудани нақши падарӣ нишондиҳандаҳо ва методҳои алоҳида интихоб ва коркард карда шуданд.

Дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тавре амалӣ гардид, ки баргузории корҳои тарбиявӣ, ҳамкории байни волидайн ва МТМУ такмили методҳои таъсиррасонӣ психологӣ- педагогиро талаб намуд.

Корҳои озмоишӣ тариқи пурсишномаҳо, гузаронидани корҳои тарбиявии беруназдарсӣ, суҳбатҳо бо гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон, волидайн, омӯзгорон гузаронида шуд.

Натиҷаи марҳилаи аввал – муқараркунанда дар байни хонандагон нишон дод, ки дар оғози корҳои таҷрибавӣ хонандагон зарурати ҳамкории байни волидайн ва муассисаи таълимиро дар самти тарбияи писарон ва омода намудани онҳо таҳлили омории натиҷаи марҳилаи муқараркунанда чунин буд ба ҳаёти мустақилона чунин арзёбӣ намуданд: – сатҳи баланд – 15%, сатҳи миёна – 35%, сатҳи паст – 38%, чунин зарурат вуҷуд надорад – 12%.вуҷуд надоштани зарурияtро ҳамкориро эътироф намуданд.




**Расми 7. – Диаграмма оид ба сатҳи муносибати хонандагон ба зарурати ҳамкории волидайн бо муассисаи таҳсилоти умумӣ**

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки 38% хонандагон ҳамкории байни волидайн ва МТМУ-ро самарабахш ва муваффақ ҳисоб накарданд, яъне ба ақидаи онҳо, дар шароити имрӯза чунин ҳамкориҳо дар сатҳи паст мавҷуд аст. – 15% хонандагон сатҳи чунин нисбатан баланд ва ҳамкориҳоро қаноатбахш меҳисобанд. – 35% хонандагон чунин ҳамкориҳоро дар сатҳи миёна баҳоргузорӣ намуда, зарурати беҳтар намудани онро қайд намуданд. Боиси тааҷуб аст, ки -12% хонандагон қайд намудаанд, ки зарурати ҳамкории байни волидайн ва МТМУ вуҷуд надорад, онҳо чунин меҳисобанд, ки дар шароити имрӯза чунин ҳамкориҳо зарур нестанд.

Натиҷаи чунин назарпурсӣ дар байни омӯзгорон МТМУ пойгоҳи низ ташкил карда шудаанд.марҳилаи аввал дар байни омӯзгорон нишон дод, ки дар омӯзгорон зарурати 32 нафар ҳамкории байни волидайн ва муассисаи таълимиро дар самти тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ чунин арзёбӣ намуданд: сатҳи баланд – 25%, сатҳи миёна – 31%, сатҳи паст – 44%, натиҷагирӣ дар диаграмаи зерин дида шудааст.




**Расми 8. – Диаграммаи сатҳи муносибати омӯзгорон ба зарурати ҳамкории волидайн бо муассисаи таҳсилоти умумӣ**

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки танҳо – 25% омӯзгорон зарурати чунин ҳамкориҳоро дар сатҳи баланд арзёбӣ намудаанд: – 44% онҳо чунин заруратро дар сатҳи паст нишон додаанд. 31% омӯзгорон чунин мешуморанд, ки корҳои тарбиявӣ ва ҳамкории волидайн бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шароити имрӯза қонеъкунанда ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи марҳилаи аввали кор дар байни волидайн (асосан модарон) нишон дод, ки дар оғози корҳои таҷрибавӣ волидайн зарурати ҳамкории байни волидайн ва муассисаи таълимиро дар самти тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона чунин арзёбӣ намуданд: сатҳи баланд – 45%, сатҳи миёна – 34%, сатҳи паст – 21%.

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти волидайн яъне 45% онҳо ҳамкориҳоро бо мактабро дар самти тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ зарур шуморида, 34% иброз намудаанд, чунин ҳамкориҳо заруранд, лекин волидайн низ бояд дар ин самт нақши худро дошта бошанд, 21% қайд намудаанд, ки тайёр намудани писарон ба ҳаёти мустақилона, асосан аз падар вобаста буда, чунин ҳамкориҳо бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ на он қадар заруранд. Мо натиҷагирӣ аз андешаҳои волидайнро дар диаграмма чунин нишон додем.




**Расми 9. – Диаграммаи сатҳи муносибати волидайн ба зарурати ҳамкории онҳо бо муассисаи таҳсилоти умумӣ**

Дар раванди кори таҳқиқотӣ аввал бо омӯзгорон ва волидон суҳбатҳо гузаронида шуданд ва муайян карда шуд, ки ба таври доимӣ дар ҳар як синф маҷлисҳои падару модарон ташкил карда мешаванд, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни таълиму тарбиявӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода мешаванд. Дар асоси суҳбатҳо муайян карда шуд, ки дар чунин маҷлисҳо падару модарон на ҳама вақт фаъолона иштирок менамоянд. Ин нишонаи он аст, ки теъдоди муайяни волидон дар тарбияи фарзандони худ то андозае фориғбол гардида, бетарафиро ишғол намудаанд.

Таҳлили маълумотномаи МТМУ пойгоҳӣ аз тарафи ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ пешниҳод карда шуданд. Он нишон медиҳад, ки дар аксари мавридҳо дар фаъолияти таълиму тарбиявии фарзандон дар модарон бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ин аз он сабаб аст, ки занҳо одатан ҷадвали кори чандиртар доранд ва аксар вақт ҳамчун волидайни асосӣ бо кӯдакон амал мекунанд ва теъдоди зиёди падарон дар муҳоҷирати меҳнати қарор доранд ва онҳо иштирокчии ғоибонаи раванди таълиму тарбияи фарзандон мебошанд. Инчунин, баъзе падарон, гарчанде дар оила ҳузур дошта бошанд ҳам, бо сабаби набудани вақти холӣ, ӯҳдадориҳои корӣ ё иҷрои дигар вазифаҳо дар корҳои тарбиявӣ фаъолона иштирок карда наметавонанд. Ин ҳолат метавонад боиси номутаносибии иштироки волидайн дар раванди таълиму тарбия гардад, ки ба рушд ва муваффақияти таҳсилотӣ ва омодагӣ ба ҳаёти иҷтимоии фарзандон таъсиргузор бошад.

Гузаронидани чорабиниҳои беруназтаълимӣ – конфронсу вохуриҳои судманд барои волидайн ва омӯзгорон метавонанд ба тағирёбии муносибати онҳо ба тарбияи фарзандон ва ба падарон ҳамчун иштирокчиёни раванди таълиму тарбияи фарзандон кумак намоянд. Инчунин муҳим аст, ки падарон дар бораи аҳамияти ҷалби онҳо дар таҳсилоти фарзандони худ ва усулҳое, ки метавонанд барои таълим ва рушди фарзандони худ истифода баранд,маълумот ва дастрасӣ дошта бошанд.

Чунин чорабиниҳо, махсусан, барои падароне муфид мебошад, ки қаблан дар таълиму тарбияи фарзандон фаъолона иштирок накардаанд ва ба дастгирии психологӣ-педагогӣ ниёз доранд. Дар маҷмӯъ, иштироки фаъолонаи ҳарду – падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон омили асосии рушди бо муваффақиятиояндаи онҳо мебошад, аз ин рӯ, мусоидат намудан ба фароҳам овардани имконияту шароити баробар барои иштироки падарон дар раванди таълиму тарбия муҳим аст.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чорабиниҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ асосан, модарон ширкат меварзанд. Падарон ё дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ё аз надоштани вақти холӣ дар чунин чорабиниҳо иштирок намекунанд. Албатта, чунин вазъият ба тарбияи фарзандон, махсусан дар тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ ва нақши падарӣ халал ворид менамояд.

Суҳбатҳо бо омӯзгорон муайян намуд, ки 50% волидайн бо сабабҳои гуногун дар маҷлис ва чорабиниҳои дигари тарбиявӣ иштирок намекунанд. Ҳатто, дар баъзе ҳолатҳо ба раванди тарбия халал ворид намуда, омӯзгоронро дар тарбияи нодуруст гунаҳкор менамоянд.

Чун миқдори хонандагон, волидайн ва ҳатто омӯзгорон, зарурати ҳамкориҳои байни волидайн ва МТМУ дар сатҳи паст нишон додаанд, гузаронидани корҳои ташаккулдиҳанда дар ин самт лозим омад. Дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи шарҳу эзоҳи мақсаду вазифаҳо оид ба омода

намудани писарҳо ба мавқеи нави иҷтимоӣ дар шароити муосир, зарурати қавӣ ва пурзӯр намудани чунин ҳамкориҳо, дар якҷояги ҳал намудани мушкилотҳои пайдошуда дар самти тайёр намудани писарон ба ҳаёти мустақилона, баррасии нақш ва мақоми падар дар оила дар доираи чунин ҳамкориҳо иборат буд.

Пас аз амалӣ намудани марҳилаи ташаккулдиҳанда ва натиҷагири аз он марҳилаи назоратӣ-ташхисӣ гузаронида шуд, ки дар он болоравии миқдори хонандагон, омӯзгорон ва волидайн, ки ҳамкориҳои байни оила ва муассисаи таҳсилоти умумиро дар сатҳи баланд арзёбӣ намудаанд, нишон дод.

**Ҷадвали 4. – Сатҳи муносибати волидайн, хонандагон ва омӯзгорон ба зарурати ҳамкории оила бо муассисаи таҳсилоти умумӣ дар аввал ва охири корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ**

| Натиҷаҳо | Иштирокчиён | Сатҳи баланд | Сатҳи миёна | Сатҳи паст | |
|---|---|---|---|---|---|
| **То оғози озмоиш** | Хонандагон | 15% | 35% | 38 | 100% |
| | Омӯзгорон | 25% | 31% | 44 | 100% |
| | Волидайн | 45% | 34% | 21 | 100% |
| **Дар анҷоми озмоиш** | Хонандагон | 38% | 47% | 15 | 100% |
| | Омӯзгорон | 55% | 37% | 8 | 100% |
| | Волидайн | 67% | 24% | 9 | 100% |

Илова бар ин, дар доираи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ барои муайян намудани муносибати омӯзгорон ва волидон бо арзишҳои миллӣ дар мисоли зарбулмасалу мақолҳо дар тарбияи фарзандон аз рӯи намунаи пурсишномаи даҳонӣ ва хаттӣ гузаронида шуд. Пурсишномаи мазкур дар асоси тарҳи коркарднамудаи Б. Маҷидова гузаронида шуд [107, 212] ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ хусусиятҳои синну солии хонандагон ба ҳисоб гирифта шуд. Ҷавобҳои волидону омӯзгорон мавриди таҳлил қарор дода шуд ва ҷавобҳои пурсидашавандагон дар ҷадвали 6 баррасӣ гардид.

**Ҷадвали 5. – Пурсишномаи таҳқиқотӣ**

| | Саволҳо | Ҷавобҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | мусбат | манфӣ | нопурра |
| **1.** | Истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро ҳангоми суҳбат бо фарзанд зарур меҳисобед ё не? | 73% | 13% | 14% |
| **2.** | Мазмуни зарбулмасалу мақолҳо оид ба фарзандони Шумо дастрасанд? | 41% | 44% | 15% |
| **3.** | Оё худи фарзандон ҳангоми муошират аз зарбулмасалу мақолҳо истифода мебаранд? | 18% | 58% | 24% |
| **4.** | Дар ҳамаи лаҳзаҳои ҳаёт (кор, насиҳат, муошират) Шумо аз зарбулмасалу мақолҳо истифода мебаред? | 22% | 67% | 11% |
| **5.** | Зарбулмасалу мақолҳо дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба иҷрои масъулияти падарӣ ба Шумо мадад мерасонанд? | 33% | 48% | 19% |
| **6.** | Волидони Шумо низ дар тарбияи фарзандони худ аз зарбулмасалу мақолҳо истифода мебурданд? | 88% | - | 12% |
| **7.** | Аз зарбулмасалу мақолҳо ҳама вақт истифода мебаред ё дар вақти зарурат? | 83% | - | 17% |
| **8.** | Боварӣ доред, ки дар оянда фарзандони Шумо низ аз зарбулмасалу мақолҳо дар тарбияи писарҳо ва омода намудани ба онҳо нақши падарӣ истифода мебаранд? | 73% | - | 27% |

Чи тавре, ки аз ҷадвал бармеояд волидону омӯзгорони МТМУ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба иҷрои вазифаи биологӣ - иҷтимоӣ аз ҷиҳати психологӣ чун аз зарбурмасалу мақолаҳо анъанаи ниёгон имрӯз низ истифода мебаранд. Ҳангоми пурсиш бахше аз волидон пораҳои шеъриро, ки аз зарбулмасалу мақолҳо дар онҳо истифода

шудаанд, ёдовар гардидаанд.




**Расми 6. – Диаграмма оид ба фоизнокии истифодаи зарбулмасалу мақолҳо (мусбат, манфӣ ва нопурра)**

Дар асоси таҷриба муайян карда шуд, ки 73% омӯзгорон ва волидайн дар муошират бо фарзандон ва хонандагон аз зарбулмасалу мақолҳо истифода менамоянд. Ин нишон медиҳад, ки волидон ва омӯзгорон дар тарбияи хонандагон ва фарзандон бо мақсади таъсиррасонӣ ба одоб, рафтор, гуфтор, кирдор ва амали аз онҳо зарбулмасалу мақолҳо роҷеъ ба тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба иҷрои нақши падарӣ истифода намуда, бо ин васила таҷрибаи таърихии халқи тоҷикро идома медиҳанд.

Лекин, қайд намудан зарур аст, ки танҳо 41% иброз намудаанд, ки мазмуну мундариҷаи зарбулмасалу мақолҳо барои фарзандон ва хонандагон комилан дастрас мебошанд. 44% иброз намудаанд, ки мазмуну мундариҷаи зарбулмасалу мақолҳо барои фарзандон ва хонандагони онҳо дастрас нестанд. Албатта, чунин ҳолат нигаронкунанда буда, диққати махсусро талаб менамояд. Чунин мешуморем, ки истифодаи васеи зарбулмасалу мақолҳо дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар хона имконият медиҳад, ки мазмуну мундариҷаи онҳо барои тамоми фарзандон ва хонандагон дастрас гардад.

Дар натиҷаи ҷамбасти кори таҳқиқоти мо пешниҳод менамоем, ки дар толибилмони МТМУ чунин сатҳи ташаккули соҳаи ҳавасмандиву талаботии падарӣ ва аломатҳои падарии саманок бояд ташаккул ёбанд.

Метавон қайд намуд, ки зарбулмасалу мақолҳо воситаи муҳими тарбиявӣ буда, истифодаи онҳо раванди таълимӣ ва тарбиявиро самаранок менамояд дар ҷадвалҳои 6 ва 7 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 6. – Сатҳи ташаккули соҳаи ҳавасмандиву талаботии падарӣ**

| Соҳаи ҳавасмандӣ-талаботии падарӣ | | Хусусиятҳои ҳавасмандӣ |
|---|---|---|
| Ҳавасмандии самараноки падарӣ | Ҳавасмандии худрушддиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, худамалинамоӣ | Саъйу кушиш ба амалинамоии нерӯи шахсӣ, эҳсос намудани эҷодкорӣ, соҳиби ҳаёти худ ва ухдадориҳо, будаи ошкор намудани қобилиятҳои нав, озмоиши имкониятҳои худ |
| | Ҳавасмандии бадастории натиҷаҳои баланд дар рушди кӯдак дар муносибат ба ӯ | Бадастории муваффақият ва бартараф кардани номуваффақиятҳо дар раванди фаъолияти тарбиявӣ. Саъйю кӯшиши баланд намудани сатҳи имкониятҳои худ |
| | Ҳавасмандии тавсиби иҷтимоӣ | Дарки аҳамияти иҷтимоии фаъолият эҳсоси вазифа, масъулият дар назди гурӯҳ, ҷомеа |
| Ҳавасмандии ғайрисамаранок и падарӣ | Ҳавасмандии худтасдиқнамоӣ | Талабот ба доштани бартарӣ дар муҳит, кӯшиш ба ҳокимият ва намоиш он, кӯшиш ба беҳтар будан, худро эҳтиром кардан, танҳо ба худ ва неруву қобилияти худ бовар намудан |

**Ҷадвали 7. – Аломатҳои падарии самаранок**

| Номгӯи амалҳо | Нишондиҳанда | Аломатҳо |
|---|---|---|
| Мақсад-натиҷаи фаъолияти тарбиявӣ | Субъекти худшиносӣ | Образи мусбии «Ман» ва худбаҳодиҳии мутобиқ |
| | Субъекти муошират | Қонаотмандӣ ва фосилагирии ночиз дар муносибатҳо бо волидайн; баҳогузории вазъияти оилавӣ ҳамчун вазъияти мусоид |
| | Субъекти фаъолият | Рушди рефлексияи иҷтимоӣ ва маърифатӣ, фаъолнокии беруна дар муошират, рафтори мувофиқи иҷтимоӣ, омодагӣ ба шаклҳои коллективонаи фаъолият, қобилияти мустақилона ҳал намудани вазъияти низоӣ бо роҳҳои осоишта, қабул ва риояи меъёрҳои иҷтимоӣ |
| Асосҳои ҳавасмандӣ-талаботии падарӣ | Соҳаи ҳавасмандӣ-талаботии падарӣ | Саъйю кӯшиш ба худрушднамоӣ, худомӯзӣ дар соҳаи волидайнӣ, дарки масъулияти волидайнӣ, кӯшиш ба бадастории натиҷаҳои баланди рушди кӯдак |
| | Муносибат ба кӯдак | Қабули эҳсосотии кӯдак, ҳиссиёти мусбӣ ва заминаҳои эҳсосотӣ дар ҳамкориҳо, кӯшиш ба муносибат, боварӣ ба кӯдак, нерӯ ва имкониятҳои ӯ, қаноатмандӣ аз муносибатҳо |
| | Услуби тарбияи оилавӣ | Вобастагии ҳамкориҳои волидайн бо кӯдак аз имкониятҳои тарбиявии оила. Алоқаҳои мусбии эҳсосотии кӯдак бо волидайн, таъсиррасониҳои тарбиявиро ба кӯдак осон менамоянд, алоқаҳои манфӣ бошанд, баръакс боиси мушкил ва мураккаб гардидани раванди тарбиявӣ мегарданд. |

**Хулосаи боби дуюм**

Моҳияти падарӣ ҳамчун фаъолияти тарбиявӣ, аз нуқтаи назари равоншиносон, хусусиятҳои хоси худро дорад, ки асосан, дар тарбияи кӯдакони ҷинсҳои мухталиф ва синну соли гуногун зиёдтар зоҳир мегарданд. Тафовут бо он нақше, ки падар дар ҳаёти писар ва духтари худ мебозад, алоқаманд аст. Фаъолияти тарбиявии волидайн дар рушди шахсияти фарзандон нақши муҳим бозида, ба сифати муҳити ташаккулдиҳандаи хусусиятҳои заминавии равонии падарӣ баромад менамояд.

Дар замони муосир, асосан, чунин шароитҳои тарбияи фарзандон, ба монанди иштироки падар ва модар дар ҳаёти кӯдак; банақшагирӣ ва амалинамоии чорабиниҳо, ки ба таври махсус ба тайёрнамоии фарзанд ба ҳаёти оилавӣ, ба иҷрои нақши мардона ва падарӣ равона карда шудааст, таъмин карда мешаванд.

Муваффақият ва дурустии амалҳои тарбиявӣ дар асоси таъмини самаранокии фаъолият ба миён меояд. Дурустӣ ё самаранокии амали тарбиявӣ хусусияти нисбӣ дорад. Дурустии амали тарбиявӣ нисбат ба пешниҳоди рафторӣ ва мақсади тарбия баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳаёти маънавии ҳар як миллату халқият ва оянда онҳо, пеш аз ҳама, аз сатҳи ҷаҳонбинӣ, масъулиятнокӣ ва маълумотнокии ҷавонон вобаста аст, ки имрӯз дар МТМУ, миёнаю олии касбӣ таҳсил намуда, сипас ҳамчун бунёдкори оила, ҷомеа, мувофиқи сатҳи тайёрии касбӣ - мутахассис ба бунёдии оила, ба дунё овардани фарзанд оғоз менамояд ба фаъолияти тарбиявӣ машғул мешаванд.

Дар шароити имрӯза, дар кишвар вазъияти бӯҳронии ниҳоди оила – афзоиши миқдори оилаҳои нопурра ва номусоид, серфарзандӣ, шаклдигаркунии арзишҳои оилавӣ мушоҳида карда мешавад. Чунин шароит ба рушди маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоишавии фарзандон таъсири номатлуб мерасонад ва низоми таҳсилоти умумиро зарур аст, ки камбудиву хатоиҳои тарбияи оилавиро бартараф намуда, бо шинос намудани

хонандагон ба арзишҳои оилавӣ, бо тарбияи эҳтиром ба онҳо, бо тайёр намудани онҳо ба нигоҳдорӣ ва рушди салоҳиятнокии тарбиявии хонавода мусоидат намояд.

Дар байни таҳқиқотчиён мавқеи ягона нисбат ба воситаҳои ташхиси педагогии сатҳи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ оилавӣ вуҷуд надорад. Аз ин хотир, дар адабиёти педагогӣ доираи ягонаи нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ҷой надорад. Ҳар як муаллиф низоми нишондиҳандаҳои худро дар асоси вазифаҳои таҳқиқотии худ коркард намудааст.

Аксар хонандагон оид ба оила, муносибатҳои оилавӣ, нақши падар ва модар дар раванди тарбияи фарзандон тасаввуроти зарурӣ надоранд. Чунин мешуморем, ки фориғболии волидайн, ба масъалаи оилаву оиладорӣ диққати зарурӣ зоҳир нагардидан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ боиси сатҳи пасти тасаввуроти писарон оид ба оила ва оиладорӣ гардидааст. Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки барои баланд бардоштани сатҳи тасаввуроти писарон оид ба оила ва оиладорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таълими фанни махсус оид ба одоби оиладорӣ диққати махсус равона карда шавад.

Яке аз аз роҳҳои баланд бардоштани қобилият ва тасаввуроти писарон оид ба оила ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ пурзӯр намудани ҳамкории байни муассисаи таҳсилоти миёна бо волидайн ба ҳисоб меравад.

Дар асоси суҳбатҳо муайян карда шуд, ки дар чунин чорабиниҳои тарбиявии беруназдарсӣ падару модарон на ҳама вақт иштирок менамоянд. Ин нишонаи он аст, ки чунин волидон дар тарбияи фарзандони худ то андозае фориғбол гардида, бетарафиро ишғол намудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чорабиниҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, асосан, модарон ширкат меварзанд. Падарон ё дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ё аз надоштани вақти холӣ дар чунин чорабиниҳо иштирок намекунанд.

Пас аз амалӣ намудани марҳилаи ташаккулдиҳанда марҳилаи

назоратӣ-ташхисӣ гузаронида шуд, ки болоравии миқдори хонандагон, омӯзгорон ва волидайн, ки ҳамкориҳои байни оила ва муассисаи таҳсилоти умумиро дар сатҳи баланд арзёбӣ намудаанд, нишон дод.

# ХУЛОСАҲО

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Зимни таҳқиқи мавзуи пажӯҳишаванда як қатор таҳлилҳои ҷолиб намудем. Зарурияти тарбияи писарҳо, омода нмудани ба иҷрои нақши падару модарӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва психологӣ-педагогӣ буда, барои ифода намудани ҷинс дар ҷомеаи муосир ҳамчун хусусиятҳои фарққунандаи тафаккурӣ ва эҳсосотии байни мард ва зан, муташаккилии муосибатҳои байни мард ва занро дарбар мегирад.

1. Асоснокнамоии истифодаи мафҳуми *«гендер»*-ро дар консепсияи педагогии тарбияи писарҳо муайян намуда, метавон *«гендер»*-ро ҳамчун бунёдии иҷтимоӣ, ки раванди иҷтимоигардии шахсиятро таҷассум менамояд, баррасӣ намуд. Педагогикаи иҷтимоӣ яке аз самтҳои педагогика мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои таълим ва тарбияи писарону духтарон ва ба ҳаёти зиндагӣ омодашавии онҳо таҷлили назар менамояд. Доираи васеъ барои омӯзиши муқаррарот, пайдоишу ичрои нақшҳо ва меъёрҳои рафтори иҷтимоиро дар бар мегирад.
2. Дар шароити имрӯза барои насли наврас, махсусан барои писарон, дониш махсусан муҳим мебошад, ки ҳанӯз на дар барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, на дар барномаҳои таҳсилоти касбӣ бо таври кофӣ пешбинӣ нашудааст. Маҳз донишу тасавуротҳои амиқ барои ташаккули тарҳи мувофиқи рафтор дар ҳаёти шахсӣ, оилавӣ ва касбӣ муҳим дониста мешавад [1-М].
3. Оила ҳамчун воҳиди ибтидоии ҷомеаи инсонӣ, гурӯҳи хешовандон (шавҳар, ҳамсар, волидайн, фарзандон), ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, ва дар асосӣ манфиатҳои умумӣ, ягонагӣ ва мутаҳидшавии онҳо баррасӣ карда мешавад [5-М].
4. Таҳлили нақши иҷтимоии падарӣ нишон медиҳад, ки дар он ташаккули инсон дар ва тасаввуротҳои ӯ оид ба худ ҳамчун падар ба тамоми низоми муносибатҳо таъсир мерасонад, ки ба он аз лаҳзаи

таваллуди худ ворид мегардад. Дар ин самт метавон ҳам таъсири муҳити наздик ва ҳам таъсири ниҳодҳои иҷтимоиро дар бар мегирад; дар онҳо арзишҳои фарҳангии нақши муҳим доранд.

5. Педагогикаи халқӣ ин *«маҷмӯи донишҳо, маълумот, маҳорат ва малакаҳо»* мебошад, ки дар таҷрибаи донишҳои амалӣ санҷида шуда, ҳамчун маҳсули таҷрибаи таърихӣ ва иҷтимоии оммаи халқ асосан ба таври шифоҳӣ аз насл ба насл гузаштааст. Унсурҳои педагогикаи халқӣ дар маҳсули эҷодии халқ нигоҳ дошта шуда, анъана ва одатҳои халқро ифода менамояд ва мақсади ниҳоии онро дар мисоли оммаи халқ тарбия кардани насли наврас мебошад [2-М; 5-М].
6. Дар доираи педагогикаи халқи тоҷик масъалаҳои мухталифи тарбия гирд оварда шудаанд, ки муносибати нав ва муосирро талаб менамоянд. Яке аз масъалаҳои муҳим, масъалаи тарбияи писарон дар доираи педагогикаи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба ин масъала андеша ва мавқеҳои мухталиф гирд оварда шудааст. Тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба муҳити оила ва оиладорӣ ба ҷумлаи масъалаҳои маҷмуӣ дохил мешаванд ва аз мавқеи педагогӣ дар шароити имрӯза бояд мавриди таҳқиқ қарор дода шавад [8-М].
7. Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ бевосита аз таҷрибаи ҳаётии мардум гирифта шуда, барои нишонрас намудани тарбияи миллӣ равона гардидааст, зеро дар онҳо қариб тамоми рӯзгори моддии мардумро фаро гирифта, мазмун ва мундариҷаи онҳо гуногун буда, дар онҳо хислатҳои хубу бади инсон инъикос ёфта ба таври мӯҷаз панду насиҳати инсон аст, ки дар онҳо таҷрибаи шахсони рӯзгордида ба таври ҷамъбаст ифода карда шудааст. Бинобарин онҳо яке омилҳо дигари тарбияи ахлоқӣ, таъсиррасонӣ ба гуфтор, кирдору амал, рафтори писарон мебошад [4-М].
8. Падарӣ ин бунёдии интегралии шахсияти мард ба ҳисоб меравад, ки дарки робитаҳои хунии хешутаборӣ бо фарзандон ва ҳиссиёи дилбастаги бо онҳо, қабул ва иҷроиши нақши волидайнӣ ба

худамалинамоӣ, худтасдиқнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсияти падар мусоидат менамояд [7-М].

9. Омили асосии таъсиррасонӣ ба шаклгирии масъулият ва иҷрои нақши падарӣ пеш аз ҳама таҷрибаи оиладории падару модарон ва талаботҳои ҷомеа мебошад. Агар падару модар аз иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ, нақши падарӣ ва модарӣ бароянд, пас ҳамин нақш ва таҷриба ба тарбияи фарзандон таъсири бузург мерасонад. Дар муоширати ва муносибатҳои байниҳамдигарии волидон ботамкинӣ, худдорӣ, қавииродагӣ барин сифатҳои ахлоқиро дар онҳо тарбия намудан зарур аст [4-М; 3-М].

10. Дар ҳолати ҷой доштани ноадолатии зиёд, ки дар муносибатҳо пайдо мешаванд, дар фарзандон, махсусан писарҳо хусусиятҳои авторитарии падар ташаккул меёбад. Лекин, таҳлили амалияи тарбиявӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи истифодаи воситаҳои таъсиррасонии авторитарӣ аз тарафи падар, ҳолатҳое ба миён омадаанд, ки кӯдак, баръакси падар шахси мулоим ва раҳмдил ба воя мерасад. Дар чунин ҳолат метавон оид ба шикасти хусусияти фарзанд зери таъсири бузурги падар сухан ронд [8-М].

